**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ТДУ: 373:681.3 (575.3)**
**ТКБ: 74.1:73 (2т)**
**Ё-65**

Ба ҳукми дастнавис

**ЁРОВ АКМАЛ БОРОНОВИЧ**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ (ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси
13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия
(13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б.

Душанбе-2022

# МУНДАРИЧА

**МУҚҚАДИМА** ……………………………………………………………3-15

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ**

1.1. Зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва заминаи педагогӣ-психологии он……….……………………………16-33

1.2. Намудҳои технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон дар раванди истифодабарии онҳо…………………………………………………………34-72

Хулосаи боби якум……………………………..…………………………..34-73

**Боби II. Амалияи тадбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

2.1. Усулҳои истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ……………...74-102

2.2. Талаботҳои психологӣ-педагогӣ ва бехатарии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди машғулиятҳои таълимии муассисаҳои томактабӣ…………………………………………...…103-111

2.3. Асосҳои назарияву истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар низоми таҳсилоти томактабӣ……………….……………….……112-134

Хулосаи боби дувум…………………………………………………134-138

Хулосаи умумӣ ………………………………………………..………139-144

Феҳристи адабиёт…………………………………………………..…145-161

Замимаҳо…………………………………………………………..….162-175

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷаҳони муосир технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ вориди тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон гардидааст. Пайдоиш ва такомули технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ раванди ҷаҳонишавиро таъмин намуда, зарурати истифодаи он дар раванди кори таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, аз он ҷумла муассисаҳои таълимии томактабӣ талаботи пешрафти ҷомеа мебошад.

Коркард ва амалӣ гардидани Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ) ва дар асоси онҳо ба миён омадани Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон”, Барномаи тарбия, таълим ва инкишоф барои марказҳои инкишофи кӯдакон ва дастуру маводҳои таълимӣ-тарбиявӣ ба пешрафти фаъолияти зинаи томактабӣ мусоидат намуданд.

Гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат, магистратура ва доктор PhD), ҷиҳати беҳдошти тайёрии касбии кормандони соҳа мусоидат намуда истодааст. Инчунин аттестатсияи давлатӣ гузаштан ва таҷрибаи иҷозатномадиҳӣ барои оғози фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабии намуди нав барои ҳарчи бештар муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати баландбардории сифату самарбахшии кори таълиму тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ кӯдакон мконият медиҳад.

Дар муассисаҳои таълимии томактабии давлатҳои пешрафтаи Аврупо аз ҷумла Олмон, Лаҳистон, Русия ва кишварҳои Наздибалтика даҳсолаи охир аз технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим, пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ, раванди идоракунӣ ва таъмини бехатарии муассиса васеъ истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар Лаҳистон синни 6 то 7-солагӣ зинаи ҳатмии таҳсил дар муассисаи томактабӣ мебошад, ки онро айёми пешазмактабӣ (синфи 0) ном мебаранд. Агарчи таълиму тарбия дар ин зина ба таври бозӣ сурат мегирад, омӯзиши хондани матн, навиштан, ҳисобу китоб, раванди дарсомӯзӣ дар мактаб, ва ғайраро меомӯзанд. Онҳо

тасдиқ намуданд, ки истифодаи ҳамгирои методҳои анъанавӣ бо технологияҳои навини иттилоотӣ-иртиботӣ дараҷаи азхуднамоиро маводи таълимиро дар тарбиягирандагони муассисаҳои таълимии томактабӣ ба сатҳи нав мебарорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Ба масъалаи асосҳои психологӣ-педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия дар корҳои таҳқиқотии олимону коршиносони соҳа Р. Вилиамс, К. Клейман, С. Пейперт, В.В. Давидов, В.В. Рубтсов, Т.В. Минкович, И.В. Левченко, Г.Л. Луканин, И.В. Роберт ва дигарон омухта шудааст. Масъалаи компютерикунонии раванди таълим дар фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабии Русия аз тарафи олимон Г.Р. Громов, С. Пейперт, В.И. Гритсенко, В.Ф. Шолохович, О.И. Агапова, О.А. Кривошеев, Г. Клейман, Б. Сендов, Б. Хантер ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Асосҳои назариявии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим дар корҳои илмии А.Ю. Уварова, В.А. Красилникова, Г.М. Киселев, В,Е. Пешкова, Р.В. Бочкова ва дигарон муфассалтар таҳқиқ шудааст. Ташаккул ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар раванди таълим ва тарбияро олимон Л.А. Басурматорова, Л.С. Ҳусниддинов, О.В. Акулов, О.Б. Зайтсев, А.Г. Пешкина, С.В. Тришин ва дигарон дар рисолаҳои илмии худ асоснок намудаанд.

Дар педагогикаи ватанӣ масъалаҳои тарбия ва таълими кӯдакони синни томактабӣ аз ҷониби олимон-педагогҳо М.Лутфуллозода, И.Х.Каримова, Б.Маҷидова, Н.Насруллоева, Л.Иматова, М.Иззатова, Н.Юнусова, Л.Таджибаева, М.Обидова, М.Юнусова, З.Курбанова, Ш.Котибова, Г.Курбанова, С.Бобохонова, М.Акрамова ва дигарон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор ёфтаанд.

Таҳлил ва ҷустуҷӯи роҳҳои мусоиди ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба раванди машғулиятҳои таълимию тарбиявиро на танҳо муҳаққиқони соҳаи педагогика, психология, информатика инчунин дар робита ба пешрафт ва таҳаввулоти фалсафаи маориф Б.С. Гершунский,

В.Г. Житомирский, Ю.А. Кузнетсов, М.П. Лапчик, Г.В. Рубина, Ю.А. Первин ва дигарон махсус таъкид намуданд.

Таҳқиқотҳои коршиносони илми педагогика А.И. Жук, И.И. Казимирская, А.Е. Шухман, Е.С. Евсеева, З.А. Иванова, Р.А. Колганов, С.А. Костромеев, О.Н. Куркина, А.Е. Лакеев, С.Н. Медведева, И.Ю. Романов, А.Ю. Орешкин, Ю.Э. Питкевич, Л.А. Предвечная, О.Г. Тетрин, Е.В. Фомичев, Н.В. Шипитсина, Е.В. Яикова, Н.В. Якубченко ва дигарон нишон доданд, ки синну соли мусоиди истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботиро дар раванди таълиму тарбия аз панҷсолагӣ имконпазир аст.

Муҳаққиқони соҳаи педагогика ва психологияи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла И.А. Бурлатова, Е.К. Ягловская, А.П. Ершов, Г.Р. Громов, Е.А. Стребелева, О.А. Кривошеев, Э. Фрухт, Г. Клейман, Ю.А. Панасюк, Л. Бендер, И.В. Роберт, В.Г. Колесникова, А.Г. Лидерс, В.В. Рубтсов, О.Н. Усанова ва дигарон вобаста ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон таҷрибаҳои амалӣ гузаронида, собит карданд, ки марҳила ба марҳила ворид кардани технологияҳои муосир дар муассисаҳи таълимии томактабӣ барои баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ имконпазир ва мубрам мебошад.

Дар Федератсияи Русия масъалаи истифодаи ТИИ фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ оид ба усулҳои истифодабарӣ ва нақши ТИИ дар беҳдошти сифати кори таълиму тарбиявӣ (Л.М. Деняшина, Р.М. Чумичева, Т.М. Сентсова, Е.С. Полат), истифодабарии ТИИ дар роҳбарӣ ва идоракунии фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ (Н.С. Белкина, К.Ю. Белая, Т.П. Морозова), таъмин намудани салоҳиятмандии касбии кормандон барои истифодабарии ТИИ ва баланд бардоштани дониш, маҳорату малакаҳои тахассусии (О.А. Чеснокова, К.Я. Вазина, Л.Н. Гарбунова, Т.В. Калинина, В.П. Кропевская, А.Ю. Умаров) мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор доданд

Бояд қайд кард, ки масъалаи таҳким бахшидан ба компютерикунонии соҳаи маориф, истифодабарии дурусти ТИИ дар Тоҷикистон дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (М.А. Дадобоев, Ш.К.

Каримзода, М.Н. Акбарова) ва миёнаю олии касбӣ (С.С. Афғонов, Ш.Ҳ. Бобоева, Д.Қ. Сатторов, Д.Р. Ҳасанов, У.Р. Гулманов, Ш.Ш. Туев ва дигарон) таҳқиқотҳои арзишманди олимони тоҷик низ баргузор гардида, самарабахшии он аз ҷиҳати илмию амалӣ исбот карда шудааст.

Вале масъалаи истифодаи ТИИ дар фаъолияти таълиму тарбиявии кӯдакони синни калони томактабӣ дар педагогикаи тоҷик махсус мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст. Агар аз ҷиҳати андешаронии волидону мутахассисон ба истифодабарии ТИИ дар таълиму тарбияи кӯдакон назар андозем, онҳо мухталиф мебошанд: иддае аз онҳо муқобил ва қисми дигари кормандони омӯзгорӣ тарафдор (бо баҳисобгирию мушкилотҳои роҳҳои бартарафсозии онҳо) мебошанд. Дар натиҷаи омӯзиши таҳлили таҳқиқотҳои илмии педагогӣ, бурду бохти истифодабарии ТИИ дар таҷрибаи амалии муассисаҳои таълимии томактабӣ чунин **ихтилофҳоро** пешорӯ гаштанд:

-дар сатҳи иҷтимоӣ-психологӣ мавҷуд набудани талаботу андешаи ягона ба воридсозии ТИИ дар раванди корҳои таълиму тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;

-дар сатҳи илмӣ-назариявӣ коркард ва дастраси кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ нагардидани асосҳои илмӣ-назариявии зарурати истифодаи ТИИ дар фаъолияти омӯзиши кӯдакони синни калони томактабӣ;

-дар сатҳи илмӣ-методӣ ва ҳуқуқӣ зарурати иҷрои талаботҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати самаранокии таҳсилоти томактабӣ бо истифодабарии ТИИ, ки маводҳои омӯзишии пешниҳодшаванда тайёрии махсуси кормандонро ба корбурди маводҳои таълиму тарбиявӣ талаб менамояд.

-дар сатҳи амалӣ-таҷрибавӣ амалан вуҷуд надоштани дастурҳои таълимию тарбиявии ёрирасон ба мураббияҳо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ки онҳо барои беҳдошти кори таълиму тарбиявӣ мусоидат менамоянд ва самарабахшии фаъолияти омӯзишии кӯдакон,

такмили донишу малакаҳои кормандонро ба истифодабарии ТИИ дар фаъолияти корӣ таъмин карда метавонад.

Ҷустуҷӯйи роҳҳои бартарафсозии ихтилофҳои номбурда масъалаи асосии таҳқиқотро ба миён овард. Муайян намудани омилҳо ва имкониятҳои иҷтимоию педагогӣ ва роҳу усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон мавзуи таҳқиқоти диссертатсия гардид.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ ба чунин қоидаи тиллоии раванди таҳсилоти томактабӣ, ки мақсади он додани донишҳо, маълумоту тасаввуротҳои амиқ оид ба муҳити атроф, инкишоф додани имконияту қобилиятҳои ақлию зеҳнии кӯдакон ва бо таҳсилоти мактабӣ омода намудани онҳо мебошад, ба ҳисоб гирифта шуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси талаботҳои амалигардонии “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (коммуникатсионӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025”, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, нақшаи дурнамои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2017-2022 ва тадбиқи Стандарти таҳсилоти олии касбӣ дар ҶТ оид ба таъмин намудани тайёрии касбии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ оиди салоҳиятмандии омӯзгорон дар истифодабарии ТИИ дар раванди кори таълиму тарбиявӣ ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот** – аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва дар амалия нишон додани зарурат, аҳамият, роҳу усулҳои корбурди технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои илмии мутаалиқ ба истифодабарии технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва роҳу усулҳои истифодабарии онҳо;

2. Муайян намудани имкониятҳои иҷтимоӣ-педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ барои истифодабарии ТИИ дар раванди баланд бардоштани савияи дониш, равандҳои маърифатӣ ва рушди равонии кӯдакон;

3. Пешниҳод намудани қоидаҳо ва усулҳои истифодабарии ТИИ ба кормандони муассисаҳои томактабӣ;

4. Бо таври амалӣ нишон додани нақш ва ҷойгаҳи ТИИ дар раванди фаъоияти таълимии кӯдакони синни калони томактабӣ;

5. Ошкор кардани арзишмандии истифодабарии ТИИ дар раванди фаъолияти донишомӯзии кӯдакон;

6. Дар асоси баҳисобгирии дастовард ва мушкилотҳои истифодабарии ТИИ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ коркард ва пешниҳод намудани тавсияҳои педагогӣ.

**Объекти таҳқиқот**. Технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ, ки дар раванди таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабии муассисаҳои таълимии томактабӣ мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд.

**Мавзуи (предмети таҳқиқот)**. Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Истифодабарии ТИИ ва баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии ҷумҳурӣ ҳамон вақт таъмин мегардад агар:

-мураббияҳо, роҳбарони муассисаҳои томактбӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии муосир маълумоти бештар ва зарурӣ дошта бошанд;

-дар раванди истифодабарии ТИИ хусусиятҳои синнусолӣ ва имконияту нерӯи омӯзишии кӯдаконро дуруст ба ҳисоб гирифта тавонанд;

-усулҳои истифодабарии ТИИ-ро дар раванди машғулиятҳои таълимӣ донанд ва онҳоро барои баланд бардоштани дараҷаи баланд бардоштани савияи дониш, равандҳои маърифатӣ ва рушди равонии кӯдакон кӯдакон бо таври эҷодӣ корбурд карда тавонанд;

-мунтазам сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои касбии мураббиёну дигар кормандони педагогӣ оид ба мақсаду вазифаҳо ва роҳу усулҳои истифодаи ТИИ такмил дода шаванд.

-ҳангоми истифодабарии ТИИ бехатарии саломатии равонию ҷисмонии кӯдаконро таъмин намоянд;

Баргузории кори таҳқиқотӣ **се марҳилаи** тавъам бо ҳам алоқамандро дар бар гирифт.

**Марҳилаи аввал** (солҳои 2015-2016) ба омӯзишу таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ, адабиётҳои илмӣ-методӣ, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва истифодаи ТИИ дар раванди кори таълиму тарбиявӣ, муайянкунии мақсаду вазифа, фарзия ва методҳои кори таҳқиқотӣ, омӯхтани вазъи истифодаи ТИИ дар таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ бахшида шуд.

**Марҳилаи дуюм** (солҳои 2017-2018) идомаи омӯхтани таҳқиқотҳои илмӣ, вазъи истифодаи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ, амиқу амалсозии дастгоҳи илмии кори таҳқиқотиро дар бар гирифт, таҷрибаи амалии мураббиён, маводҳои аёнию таълимии мутаалиқ ба кӯдакони синни калони томактабӣ аз манбаҳо, сомонаҳои интернетию иҷтимоӣ ва шабакаҳои телевизионии ҷаҳонии кӯдакона. Интихоб ва дастраси кормандон барои истифодабарӣ дар раванди кори таълимию тарбиявӣ гардонда шуданд; мазмун ва роҳу усулҳои истифодаи ТИИ дар раванди таҳсилоти кӯдакон вобаста ба талаботҳои барномавии муассисаи томактабӣ гурӯҳбандӣ карда шуда таъсири сатҳи омодагии мураббиён ба истифодаи ТИИ муайян гардид.

**Марҳилаи сеюм** (солҳои 2019-2022) марҳилаи ниҳоӣ буда он ба натиҷагирӣ аз сӯҳбат, мушоҳида, иҷрои корҳои амалӣ, назарпурсиҳои шифоҳию хаттӣ бо кормандону волидони дар кори таҳқиқотӣ иштироккарда бахшида шуд. Хулосаҳои илмӣ ҷамъбаст ва тавсияҳои педагогӣ барои кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ коркард ва пешниҳод гардиданд. Дар мақолаю гузоришҳои илмӣ муҳтавои кори таҳқиқотӣ баррасӣ карда шуд, кори диссертатсионӣ ҷамъбаст ва барои дифоъ омода гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсиониро таҳқиқоти олимони хориҷӣ (Л.С. Виготский, Д.Б. Элконин, Н.Н. Подяков, Л.И. Божович, А.В. Запорожетс, В.И. Логинова ва дигарон) ва ватанӣ (М. Лутфуллоев, Л.М. Иматова, Б. Маҷидова, З.Ш. Қурбонова, Г. Қурбонова ва дигарон) дар бораи ба нақши давраи томактабӣ дар тарбия, таълим ва инкишофи шахсияти кӯдакон; таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ оид ба истифодабарии ТИИ дар фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ (Л.А. Габдулисламовна, Т.Ф. Габай, Е.В. Зворигина, С,Л. Новоселова, Ю.М. Годвитс, И.Ю. Пашилитс ва дигарон), истифодабарии ТИИ дар низоми роҳбарӣ ва идоракунии муассисаҳои таълимии томактабӣ (В.Г. Алямовская, О.Л. Князева, Р.М. Литвинова, Л.В. Поздняк, Р.Б. Стеркина, Р.М. Чуличева, В.С. Собкин ва дигарон) ташкил намуданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** таълимот оид ба хусусиятҳои таълиму тарбияи томактабӣ ва таъсири он ба рушди шахсияти инсон, консепсияҳои муосири педагогӣ дар бобати таъсири инсонгароии раванди таълим (Ш.А. Амонашвили, А.Г. Асмолов, М.С. Каган), нақши фаъолият дар инкишофи шахсият (Л.С. Виготский, В.В. Давидов, А.Н. Леонтев, А.В. Занорежетс), инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи таҳсилот, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумуҳрии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,

заминаҳои барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Осори илмӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”, Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020, Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар назария ва амалияи таълиму тарбияи томактабӣ.

**Заминаҳои эмперикӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти аз муассисаҳои пойгоҳӣ ба дастовардашуда, мавриди таҳлил қарор ёфта, тибқи барномаи таҳқиқот, ташкили озмоиш, гузаронидани пурсишнома ва натиҷагирӣ аз маълумоти бадастомада бо истифода аз усулҳои таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ бо пешниҳоди натиҷаи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва микдории коркардшуда гузошта шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқотиро** дар давоми солҳои 2015-2022 муассисаҳои таълимии томактабии №1, №17, №65, муасиссаи таълимии томактабии хусусии “Зебуниссо” шаҳри Душанбе, Кӯдакистони Президентии шаҳри Хуҷанд ташкил намуданд. Дар раванди таҳқиқот 178 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ, ки мувофиқан ба синну сол ба муассисаҳои таълимии томактабии номбаршуда фаро гирифта шуданд, 148 нафар кормандони муассисаҳои томактабӣ, 156 нафар волидони тарбиятгирандагон  ташкил намуданд. Инчунин, ба кори таҳқиқотӣ 250 нафар донишҷӯёни шакли таҳсилоти ғоибона ва рӯзонаи ихтисоси таҳсилоти томактабии факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, ки аксарияти онҳо дар муассисаҳои таълимии томактабии шаҳру ноҳияҳои гуногун ба фаъолияти касбӣ машғул буданд, ҷалб шуданд. Дар раванди корҳои таҳқиқотӣ онҳо доир ба вазъу шароит ва имконияту

маҳорати истифодабарии ТИИ дар кори таълиму тарбиявӣ маълумотҳои гуногун манзур карданд.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** хулосаҳои зайл ташкил медиҳанд:

1. Дар илми педагогика ва таърихи низоми таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон масъалаи истифодаи ТИИ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бори нахуст мавриди таҳқиқоту баррасӣ қарор гирифтааст.

2. Мазмуну муҳтавои фаъолияти кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ роҷеъ ба истифодабарии ТИИ барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ то андозае мукаммалтар баён шудааст.

3. Тамоилҳои асосии самарабахшии ТИИ дар азхудкунии ҳаҷми муайяни донишу малакаҳо тибқи талаботҳои заминаҳои барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ гардидааст.

4. Сатҳи салоҳиятмандии кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ барои мақсаднок истифода бурдани ТИИ дар таълиму тарбияи кӯдакон муайян гардида, барои самарабахшию фаъолияти таълимии онҳо намунаҳои мавод барои истифодабарӣ пешкаш карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Раванди ҷаҳонишавӣ такомули технологияҳои иттилоотӣ-иртиботиро таъмин намуда, зарурати истифодаи он дар раванди кори таълиму тарбиявӣ дар зинаи таҳсилоти томактабӣ талаботи замони муосир мебошад. Барои интихоб ва истифодабарии ТИИ дар баландбардории сифату самарабахшии таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (5-7 солаҳо) зарур аст, ки хусусияҳои синнусолии онҳо ба ҳисоб гирифта шуда, талаботҳои психологӣ-педагогӣ ва бехатарии онҳо дар машғулияти таълимӣ риоя карда шаванд.

2. Усулҳои истифодабарии ТИИ дар раванди таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ба сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои техникии кормандон алоқаманд аст, ки он доимо такмилу бозомӯзиро талаб менамояд. Дар ин раванд ҳамкории мураббия бо волидон, ҳамкорон аз дигар муассисаҳои таълимӣ муҳим ва назаррас буда,

он ба пешравӣ, омӯхтани таҷрибаи ҳамдигар ва эҷодкорӣ мусоидат менамояд.

3. Ба кӯдакони синни томактабӣ бозӣ-фаъолияти асосӣ ва пешбаранда аст, ки дар ҷараёни он инкишофи шахсият таъмин мегардад. Мураббия аз намудҳои гуногуни ТИИ истифода бурда талаботи маърифатии кӯдаконро қонеъ мегардонад, маҳорату қобилияти ақлию зеҳнии онҳоро инкишоф медиҳад, таҷрибаи ҳамкасбонро дар сомонаи интернетии муассиса меомӯзанд, эҷодкорӣ ва салоҳиятмандии касбии худро такомул мебахшанд.

4. Истифодабарии ТИИ дар фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ мушкилотҳои ба худ хоси ташкилӣ (сабти ном кардан дар шабакаҳои иҷтимоӣ), пулию молӣ (маблағгузории нокифоя барои харидории таҷҳизот ва таъминоти онҳо бо барномаҳои компютерии лозимӣ), сатҳи донишҳои техникии кормандон, номувофиқатӣ бо андешаи волидон роҷеъ ба масъала, почтаи электронӣ надоштан ва аз он истифода бурда натавонистани кормандон ва ғайраҳо дорад, ки онҳо ба самарабахшӣ ва сифати таҳсилоти кӯдакон таъсири муайян мерасонанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки усул ва маҳорати истифодабарии ТИИ мувофиқи хусусиятҳои синнусолии психологӣ ва ҷисмонии кӯдакон дар заминаҳои таҳлили таҳқиқотҳои илмии психологӣ-педагогӣ ва баҳисобгирии талаботҳои тиббӣ-солимгардонӣ бо таври асоснок пешниҳод карда шудааст; сохтор ва мундариҷаи маводҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, ки дар сомонаҳои иҷтимоӣ, шабакаи Интернет вуҷуд доранд, ба таври мушаххас таҳлил ва пешниҳоди кормандон гардидааст, ки метавонанд аз онҳо бо таври эҷодӣ, дар асоси баҳисобгирии шароиту имкониятҳои муассиса истифода баранд; муносибат ва принсипҳои истифодабарии маводҳои таълиму тарбиявӣ, ки ба ташаккулёбии фаъолияти омӯзишии кӯдакон мусоидат менамояд, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз имконпазирии истифодабарии ТИИ низоми коркардшудаи иҷтимоӣ-педагогии баландбардории сифату

самарбахшии кори таълиму тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ иборат мебошад, ки он ба мураббиён имкония медиҳад то ки, мушовирону равоншиносон ва сарварон гунаҳои (вариантҳои) гуногуни маводҳои таълиму тарбиявии электрониро таҳия намоянд, аз манбаҳои сомонаҳои иҷтимоӣ, шабакаи Интернет истифода бурда, табодули маводу андешаронӣ намоянд, аз таҷрибаи ҳамдигар омӯзанд. Маводҳои таҳиягардидаи кормандон ва тарзу усули истифодаи онҳо дар сомонаи муассиса ҷойгир намуда, тариқи онлайн машварату мубоҳисаҳо баргузор намоянд. Маводҳои таҳқиқотии мазкурро дар курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи таҳсилоти томактабӣ, машғулиятҳои амалӣ, тренингҳо дар раванди таълими фанҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ, коллеҷҳои омӯзгорӣ мавриди истифодабарӣ қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо муназзамӣ ва дақиқии асосҳои методологӣ ва назариявии кори таҳқиқотӣ: таҳлил ва баҳисобгирии вазъи таҳқиқи масъала дар назария ва амалияи таҳсилоти томактабӣ чун зинаи аввали таҳсилоти кишвар; таҳлили дастовардҳои муосири илмҳои педагогика ва психологияи бачагона; интихоб ва истифодабарии маҷмуи методҳо ва амалигардонии вазифаҳо мувофиқи мавзуъ ва мақсади таҳқиқот; истифодаи методҳои таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада таъмин карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Мавзӯи истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории

сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томакатабӣ бори аввал дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст, яъне масъалаи истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботиро дар фаъолияти таълиму тарбиявии кормандони соҳаи омӯзгории зинаи таҳсилоти томактабӣ дар педагогикаи тоҷик махсус мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифта буданд. Аз ҳамин лиҳоз, муҳаққиқ саҳми технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботиро барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ нишон додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** чунинанд: натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар ҷаласаҳои кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, Шурои методӣ ва омӯзгории муассисаҳои таълимии томактабии пойгоҳии ш. Душанбе, гузоришу маърузаҳо дар конференсияҳои анъанавии умумидонишгоҳии ҳарсола, конференсияҳои илмӣ-амалии шаҳрию ҷумҳуриявӣ, курсҳои такмили ихтисос барои омӯзиши амиқи технологияи иттилоотию иртиботӣ ҳамчун воситаи таълимӣ, дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ш. Душанбе мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**. Муҳтавои асосии кори таҳқиқотӣ дар 4 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризии бонуфузи тасдиқнамудани КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури методӣ барои кормандони муассисаҳои таҳсилотӣ “Усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ” пешниҳод гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо, дар маҷмӯъ аз 175 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

# Боби I. Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ

## 1.1. Зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва заминаи педагогӣ-психологии он

Пеш аз он ки дар бораи технологияҳои муосири таълим ҳарф занем, бояд аввалан дар бораи калима ё истилоҳоти «технология», «технологияи таълим»-маълумот дошта бошем. Бояд қайд намуд, ки истилоҳи «технология» дар нимаи дуюми асри XX ба таври васеъ истифода мешуд, ки асосан истифодаи воситаҳои техникаи таълим - радио, телевизион, дастгоҳҳои кинонамоишдиҳиро дар раванди таълиму тарбия мефаҳмонд.

Технологияи таълимӣ – усули хоси истифодаи амалии маводҳои омӯзишӣ мебошад, ки дар раванди таълим ба як воситаи маъмули таъсиррасонӣ мубаддал гаштааст, яъне роҳҳои амалан истифода бурдани усули таълимие, ки барои донишандӯзии кӯдакон кӯмакрасон хоҳад буд, ба шумор меравад. Боиси тазаккур аст, ки донистани усулҳое, ки дар раванди таълим истифода бурда мешавад, барои педагог басанда нест. Тарбиятдиҳанда бояд технологияи истифодабарии маводи таълимии иттилоотӣ ва иртиботиро аз худ намояд ва минбаъд дар раванди машғулиятҳои таълимӣ, бозиҳо, истироҳату фароғат, варзишу солимгардонӣ онҳоро васеъ истифода намояд. Бо назардошти эълон шудани асри XXI – асри технологияи иттилоотӣ ва инноватсионӣ, технологияҳои таълимии муосир низ бояд бо талаботҳои асри нав мутобиқат кунад ва дорои хусусиятҳои зерин бошад:

-ба тахайюлоти одамон таъсири мусбат расонанд. Барои намуна, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, донишомӯзӣ, ташаккулёбии фаъолияти маърифатӣ ва ҷаҳонбинии хурду бузургсол мисол шуда метавонад;

-технологияҳои иттилоотӣ ба таври густурда ва васеъ мавриди истифода қарор гиранд. Яъне, ҳар як шакли технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар давраи томактабӣ тавонад ҳангоми таълим додан,

омӯзондан, аз худ кунондани донишҳои аввалин оид ба муҳити иҳотакарда, ташаккулдиҳии аввалин донишу тасаввуротҳо оид ба табиат, ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ, қоида ва меъёрҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ, азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ – фарҳангӣ, рушди равандҳои маърифатӣ, шаклгирии сифатҳои шахсии иродавӣ-ахлоқӣ ва эмотсионалӣ – равонӣ, ки дар якҷоягӣ онҳо рушди раванди маърифатӣ-ақлию зеҳнии кӯдаконро таъмин менамоянд, мавриди истифода қарор гирад:

-онҳо бояд бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ барои кӯдакони синну солашон мувофиқ омода карда шаванд. Инчунин, барои кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ, ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дастрас бошанд;

-намудҳои технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ бояд бо ҳамдигар робита дошта бошанд ва дар баробари ин ҳамдигарро пурра созанд;

-кормандони муассисаҳои томактабӣ дар корҳои методӣ, таълимию тарбиявӣ бо якдигар ҳаммаром бошанд ва ҳамдигарро дастгирӣ намоянд;

-педагогони варзида ва соҳибтаҷриба дастурҳои методӣ, маводҳои таълимӣ, рӯнамоҳо, мавзуъҳои тайёркардашудаи электрониро омода намоянд, то ки дигарон аз онҳо истифода баранд. Дар омӯхтан, ҷамъбаст намудан ва истифодабарии таҷрибаи пешқадам, интихобу истифодаи навгониҳои илмию амалии соҳа баҳрабардорӣ намоянд.

Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар таълим – ин маҷмуи маводи таълимию методӣ, воситаҳои техникӣ (компютерҳои фардӣ ва технологияи чандрасонагӣ) мебошад, ки дар раванди таълим истифода бурда мешавад ва ба воситаи онҳо фаъолияти мутахассисони муассисаҳои таълимӣ (роҳбарият, тарбиядиҳандагон, психологҳо, мушовирон), инчунин машғулиятҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад [139, с19].

Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ (минбаъд ТИИ) дар раванди кори таълиму тарбия – яке аз воситаҳои муҳимми болоравии ҳадафмандӣ ба машғулият, таълим, варзиш, ёдгирӣ ва инкишоф барои

кӯдакон дар ҳамаи синнусол мебошад. Истифодабарии ТИИ на танҳо ба инкишофи шахсияти кӯдак, балки ба рушди касбии педагог низ мусоидат менамояд. Истифодабарии ТИИ талаботҳои асосии ҳамарӯзаи инсон, ба монанди мусоҳиба, муколама, таълим, ёдгирӣ, омӯхтан, азхудкунии донишу тасаввуротҳои нав ва худинкишофдиҳӣ кӯмаки зиёд мерасонад. Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба муассисаҳои таълиму тарбиявии томактабӣ аз як ҷониб савияи дониши техникии мураббияҳоро баланд мебардорад, аз ҷониби дигар қобилияти донишаз худ кунии кӯдаконро то дараҷае афзун месозад. Кӯдакон аз хурдӣ бо қоидаҳои дурусти истифодабарии воситаҳои таълимии электронӣ ошно мегарданд, дар синни наврасӣ ва ҷавонӣ имконият пайдо мекунанд, ки онҳоро дуруст ва безарар истифода намоянд. Салоҳиятнокии техникии педагогон "ҳамчун омодагӣ ва қобилияти вай барои мустақилона истифода бурдани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва иртиботӣ дар фаъолияти педагогӣ барои ҳалли доираи васеи масъалаҳои таълимӣ ва тарроҳии роҳҳои такмили ихтисоси онҳо дар ин самт" фаҳмида мешавад. Дар “Стандарти омӯзгорони касбӣ”, салоҳиятнокии техникӣ дар се самт баррасӣ мешавад:

• салоҳияти техникии умумии кормандон;

• салоҳиятнокии умумипедагогии техникӣ;

• салоҳияти фаннӣ-педагогӣ.

Ба салоҳиятнокии техникии умумӣ малакаҳои одитарини зерин дохил мешаванд: аксбардорӣ ва бановоргирӣ, кор бо муҳаррирони матнӣ, инчунин малакаҳои ҷустуҷӯ кардани маълумот дар шабакаи Интернет ва истифода кардани барандагони иттилоот ва почтаи электронӣ ва ғайра мебошанд. Ҷузъи салоҳиятнокии умумипедагогӣ малакаҳои муҳимтаринро дар фаъолияти кори педагог дар бар мегирад. Аз он ҷумла, банақшагирӣ ва таҳлили фаъолияти худ, ташкили раванди таълим, тартиб додани барномаҳои рушди зеҳнӣ ва ҷисмонии кӯдакон, сохтани маводҳои электронии таълимӣ, ташкил ва гузаронидани машваратҳо бо ҳамкасбон ва волидон мебошад. Талабот ба ҷузъи фаннӣ-педагогӣ вобаста аз

масъалаҳое, ки мураббия дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ дар назди худ гузоштааст, қобилияти дарёфт кардани маълумот оид ба ин ё он мушкилот ва истифодаи мақсадноки он пешниҳод карда мешавад [136, с69].

Мақсаду мароми кормандони педагогӣ ва методистони соҳаи таҳсилоти томактабӣ дар ин бобат ба таври мухталиф арзёбӣ мегардад. Бархе аз коршиносони соҳаи мазкур дар он ақидаанд, ки татбиқ кардани ТИИ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ танҳо ҳангоми фаъолияти корӣ амалӣ кардан манфиатбахш мешавад, на дар раванди таълиму тарбия. Аммо таҷрибаҳо нишон доданд, ки бо ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди машғулиятҳои таълимӣ натиҷаи хубро ноил шудан имконпазир аст. Чунки аз як ҷониб, мураббия машғулиятҳоро рангин мегардонад, аз ҷониби дигар, кӯдакон бо як ҳавсала ба таълим назар менамоянд.

Дар замони мо наврасону ҷавонон бештар ба шабакаи Интернет рӯй овардаанд ва аз шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд истифода мебаранд. Масалан, тибқи омори расмӣ моҳи августи соли 2016 дар Тоҷикистон 2,8 миллион нафар одамон аз шабакаи Интернет истифода мебурданд. Буҳрони молиявӣ ба ин соҳа низ таъсир расондааст, зеро теъдоди истифодабарандагони шабакаи Интернет нисбат ба аввали соли 2015 ҳудуди як миллион нафар кам шудааст. Бо пешбинии коршиносони соҳа ин нишондод то соли 2025 ду маротиба афзоиш меёбад. Бо вуҷуди амал кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» шумораи зиёди волидон ба фарзандони хурдсолашон планшет ва ё телефонҳои мобилӣ харида медиҳанд. Бо ин қаноат накарда боз таҷҳизоти электронии онҳоро бо сарфи маблағ ба шабакаи Интернет пайваст менамоянд. Ҳол он ки барои кӯдакон намудҳои мухталифи таҷҳизотҳои фароғатӣ сохта шудааст истодаанд ва пешниҳоди истифодабарандагон гардидаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи компютеркунонии соҳаи маориф аз ҳама муҳимтарин ба шумор рафта, тайи ду даҳсолаи охир

босуръат идома дорад. Солҳои 1992–2020 ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздики хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ густариш ёфт. Миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои маориф ва илми кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ созишномаю тафоҳумномаҳои зиёде оид ба ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Маҳз тавассути ин ҳамкориҳо тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шуд. Дар ин давра бо мақсади дастгирии ҷавонони болаёқат ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои соҳаҳои мухталифи ҷомеа бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ва бо мақсади танзими қабули шаҳрвандони Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» таъсис дода шуд. [48].

Дар низоми роҳбарӣ ва идоракунии муассисаҳои таҳсилотӣ, аз он ҷумла томактабӣ ТИИ мавқеи хоса дорад. Сохтори муассисаҳои томактабӣ дар замима бо сохтори муассисаҳои таълимии томактабии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нишон дода шудааст. Зеро дар фаъолияти нимасраи худ муассисаҳои томактабии Тоҷикистон аз собиқаи фаъолияти муассисаҳои томактабии кишварҳои Қазоқистон, Русия, Беларус, Эстония ва Латвия истифода менамуд ва кормандони худро ба ин кишварҳо ба сафари хидматӣ мефиристод. Сохтори намунавии муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нақшаи зер нишон дода шудааст (нигаред ба расми 1). Маълумоти аз ин бештарро аз феҳристи адабиёти пешниҳодгадида дастрас кардан имконпазир мебошад.




**Расми 1. Сохтори муассисаи таълимии томактабӣ**

Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф рушду такмил ва як қатор барномаҳои рушд ва стандартҳо таҳия ва қабул шуданд, бахусус Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи иҷрои "Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020", "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022", "Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" бо мақсади тараққӣ додани муассисаҳои таҳсилотӣ равона карда шудааст. Дар ривоҷу равнақи сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои томактабӣ нақши волидон низ бузург мебошад. Шабакаҳои телевизионии дохил ва хориҷи кишвар барои ҳаводорони хурдсоли худ шабакаи кӯдакона таҳия ва пешниҳод менамоянд, ки онҳо бо забонҳои тоҷикӣ (форсӣ), русӣ ва англисӣ наворҳои дилхушкунандаи омӯзишӣ ва тарбиявиро пахш мекунанд. Шабакаҳои телевизионии «Баҳористон-шабакаи телевизионии кӯдакону наврасон (+0)», «Илм ва табиат», «National Geographic-шабакаи ҷаҳонӣ барои омӯзиши ҳодисаҳои муҳити атроф (6+)», «Моя планета-ҳодисаҳои табиат (+6)», «TED - (маҷмуи лексияҳо бо одамони машҳур ва варзидаи ҷаҳон бо забони англисӣ)», «Наука и техника-шабакаи навоварон дар бораи илм ва

техника барои кӯдакону наврасон», «Disney-филмҳои тасвирии таълимию тарбиявӣ», «Карусель-барномаҳо ва наворҳои шавқовар бо забони русӣ», «Сказки для детей-афсонаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бо забони русӣ (0+)», «Gem kids-шабакаи телевизионии форсизабонон фаровон аз барномаҳои шавқовари омӯзишӣ ва филмҳои тасвирӣ (+0)» тавассути моҳвора пахш карда мешавад.

Рушди тарбияи маънавӣ ва эстетикии кӯдакон аз барномаҳои ҷолиби соҳаи фарҳанг ва телевизион вобастагии калон дорад. Филмҳои тасвирии ҷиҳати таълимиву тарбиявӣ дошта кӯдаконро ба иҷрои он амалҳое водор месозад, ки боиси рушди равонӣ ва ақлонии кӯдак мегардад. Филми тасвирии “Сандуқчаи зулбиё” ба воситаи шабакаи телевизионии кӯдакону наврасон “Баҳористон” намоиш дода шуд, ки он ҷиҳатҳои таълимӣ ва тарбиявии зиёде дошта, кӯдаконро ба эҳтироми якдигар, омӯзиши муҳити атроф ва дигар одобу рафтори ҳамидаи инсонӣ роҳнамоӣ мекунад. Агар дар назди кумитаи телевизион ва радио аз ҳисоби кормандонони соҳибтаҷриба гурӯҳи махсус ташкил карда шавад, то ин ки филмҳои тасвирии таълимӣ ва тарбиявии кишварҳои хориҷаро бо забони тоҷикӣ тарҷума карда, пешниҳоди кӯдакону наврасон менамуданд, сифат ва самаранокии таълим баланд гашта, боиси болоравии маърифтнокии насли ҷавон мегардид.

Раванди иттилоотикунонии низоми маориф аз компютерикунонии ҳамаи самтҳои раванди таълим ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ ба шумор меравад. Муҳимтарин мақсадҳои иттилоотикунонии раванди таълим чунин буда метавонанд:

- баланд бардоштани сифати таълиму тарбия;
- беҳдошти дастрасӣ дар раванди таълим;
- ноил шудан ба самаранокӣ дар идоракунии раванди кору фаъолияти кормандон ва ҷараёни таълим;
- ташаккул додани фарҳанги иттилоотии кӯдакону кормандон.

Фазои ягонаи иттилоотӣ бо ташкилу усулҳои ба роҳ мондани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои томактабӣ, коркард ва истифодаи муштараки иттилоот, замимаи меъёрӣ-ташкилии муҳити ягонаи иттилоотӣ амалӣ карда мешавад, ки онро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:




**Расми 2. Ташкили фазои ягонаи иттилоотӣ дар муассисаи томактабӣ**

Тарбияи шахсияти кӯдаки синни томактабӣ, ки арзишҳои маънавию модии халқи худро аз худ намуда, қобилияти муошират кардан ба муҳити атрофро тавассути воситаҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ (таҷҳизоти техникӣ) дорад, мақсади муассисаҳои томактабӣ мебошад. Мутахассиси соҳа, аз ҷумла мураббия барои истифодабарии ТИИ дар раванди таълим, ки бо кӯдаки ин синну сол фаъолияти корӣ дорад, бояд:

- дар бораи фаъолияти психикӣ ва ҷисмонии кӯдак ва хусусиятҳои синну солии онҳо донишҳои равонӣ-педагогӣ дошта бошад;
- мазмун ва талаботҳои стандарти давлатии таҳсилоти томактабиро донад;
- методҳои муайян намудани дараҷаи инкишофи кӯдакро коркард карда тавонад;
- асосҳои идоракунии раванди педагогиро дар амал истифода карда тавонад;
- асосҳои донишҳои тиббӣ оид ба қонуниятҳои инкишофи ҷисмонии кӯдаконро дошта бошад;
- асосҳои маҳорати техникӣ ва идора кардани таҷҳизотҳои муосири электрониро аз худ карда онҳоро мунтазам такмил диҳад;

- маҳорати назорати рафтор, ҳолати эҳсосотӣ ва рафти инкишофи асабу-психикии кӯдакро донад;
- барои интихобу истифодабарии намуди фаъолият, мавод ва бозиҳои дидактикӣ шароит таъмин намояд;
- роҳу усулҳои бо падару модар самаранок ҳамкорӣ намуданро донад.

Барои ҳар гурӯҳи синнусолӣ тавсифномаи инкишофи равонию ҷисмонии кӯдак, хусусиятҳои ташкили ҳаёти кӯдак, реҷаи намунавии рӯз ва мазмуни корҳои равонӣ – педагогӣ дар барномаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ оварда шудаанд [28, с130].

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои мазкур тадриҷан меафзояд. Тибқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ теъдоди муассисаҳои томактабӣ ба 696 адад расида, дар онҳо 101 070 кӯдак таълиму тарбия мегиранд, маркази инкишофи кӯдакон бошда 1810 адад аст, ки дар онҳо 51 265 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия ҷалб карда шудааст. Танҳо дар як соли охир миқдори муассисаҳои томактабӣ дар кишвар 2% афзуда, миқдори фарогирии кӯдакон ба таълим ва тарбия аз 97 161 ба 101 070 нафар расонида шуд, ки ин ҳама омилҳо аз рушду инкишофи соҳаи таҳсилоти томактабӣ дарак медиҳад [48].

**Ҷадвали 1.**

**Фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ**

| Минтақаҳои кишвар | Шумораи муассисаҳои томактабӣ | Миқдори кӯдакон |
|---|---|---|
| Шаҳри Душанбе | 150 | 30232 |
| Вилояти Хатлон | 159 | 17419 |
| Вилояти Суғд | 278 | 42239 |
| Ноҳияҳои тобеи марказ | 83 | 9107 |
| Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон | 26 | 2073 |
| Ҳамагӣ | 696 | 101 070 |

Норасоии асосии муассисаҳои таълимии томактабӣ аксаран дар деҳот ба чашм мерасад. Барои рушди таҳсилоти томактабӣ ва тайёрии кӯдакон ба мактаб, Ҳукумати кишвар, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодаанд. Аз ҷумла мунтазам чорабиниҳои гуногун, монанди конфронсҳои илмӣ, тренингҳо, комиссияҳои тафтишотии махсус, ки мақсади аслии онҳо баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон мебошад. Баргузории конфронсу чорабиниҳои дар сатҳи ҷаҳонӣ боис гардиданд. [9].

Дар тӯли 30 соли Истиқлолият кишвари азизамон соҳаи таҳсилоти томактабӣ бемайлон рушд намуд. Солҳои 2019-2021 аз ҷониби Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”эълон карда шуд. Дар ин марҳила инфрасохтори деҳот бояд рушд кунад, яъне бемористон, роҳҳо, муассисаҳои таълимии томактабӣ ва миёнаи умумӣ сохта ба истифода дода шаванд. Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ низ ба сохтани муассисаҳои томактабӣ дар деҳот мусоидат мекунад ва бо технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ таъмин намудани он шароит фароҳам меоварад.

Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб ҳар сол дар ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ масъалаи рушди маориф диққати беандоза медиҳад. Сарвари кишвар дар Паёми ироанамудаашон ба Маҷлими Олӣ соли 2018 иброз доштанд: “Мо, пеш аз ҳама, ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷиддӣ дода, бояд шумораи муассисаҳои томактабиро бамаротиб зиёд намоем ва барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем”. Дар доираи барномаҳои давлатӣ ва бо иштироки аҳолӣ дар се соли оянда беш аз 1 050 муассисаи таълимии томактабӣ ва умумӣ бунёд карда мешавад, ки қисми зиёди онҳо дар деҳоти кишвар пешбинӣ гардидааст [147].

Бо вуҷуди ин, ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки рушди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва то соли 2021 ба 30 фоиз расонидани фарогирии кӯдаконро ба зинаи таҳсилоти томактабӣ таъмин намоянд". Дар идомаи сухан сарвари кишвар иброз доштанд: "Дар сиёсати иҷтимоии кишвар соҳаи илму маориф дар оянда низ ҳамчун яке аз самтҳои калидӣ боқӣ монда, таҳти назорати ҳамешагии Ҳукумати мамлакат қарор мегирад". Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати маориф ва илм ва ҳокимияти маҳаллии шаҳру ноҳияҳо дастур доданд, ки дар ҳар шаҳру ноҳияи кишвар муассисаҳои томактабӣ бо шароитҳои дастрас сохта шаванд. Сарвари давлат қайд карданд, ки дар ҳар маҳалла сохта ба истифода додани муассисаи таълимии томактабӣ ҳам ба таъмин намудани ҷои корӣ ва ҳам ба таълиму тарбияи арзанда фаро гирифтани кӯдакони мо мегардад [147].

Давлат ва Ҳукумати кишвар барои ворид намудани технологияҳои компютерӣ ба муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад, зеро асри XXI асри технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ мебошад. Ворид кардани технологияи нав, бахусус компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки сатҳу сифати таълим беҳтар гашта, усулҳои муосири донишандӯзӣ ҷорӣ карда шаванд.

Нақши Вазорати маориф ва илм, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ва муассисаҳои олии касбӣ дар таъмин намудани муассисаҳои таълимии кишвар бо кадрҳои баландихтисос ва мустаҳкам кардани заминаи моддӣ-техникӣ бузург мебошанд. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани малакаи техникии кормандони муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла томактабӣ онҳоро ба хориҷи кишвар равон кардан самти дигари нақшаи дурнамои рушди таҳсилот дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Санаи 22 декабри соли 2017 Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: "Моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар заҳмат

кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар кунем, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконот истифода карда, заминаҳои модиву техникии муассисаҳои таълимиро таҳким бахшем ва самарабахшии фаъолияти онҳоро таъмин намоем". Барои ин, мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои аз худ кунии технологияҳои иттилоотиву иртиботиро беҳтар гардонем [148].

Барои ноил гаштан ба рушди комили муассисаҳои томактабӣ, шароити мусоид фароҳам овардан ба гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ барои кӯдакон, расонидани кӯмаки машваратӣ ва методӣ ба оилаҳое, ки кӯдакони синну соли томактабиро тарбия мекунанд, бояд вазифаҳои зерин иҷро шаванд:

1) Таҳия ва такмили стандартҳои инкишофи кӯдак, барнома ва нақшаҳои таълимӣ, маводи методӣ ва аёнии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир;
2) Таҳияи барномаи нави таҳсилоти томактабӣ бо назардошти хусусиятҳои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд;
3) Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба барномаи омодасозии мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва бозомӯзии онҳо;
4) Таъсиси марказҳои инкишофи кӯдак, истифодаи технологияҳои муосир дар машғулиятҳои таълимӣ бо кӯдакони синни томактабӣ;
5) Такмили усулҳои таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи савияи донишу касбияти мутахассисони соҳа тавассути омӯзиши таҷрибаи пешрафта ва масъалаҳои ташкилу рушди соҳаи таҳсилоти томактабии давлатҳои дигар;
6) Сохтмони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таъсис додани муассисаҳои томактабии хусусӣ;

7) Давра ба давра ба таври ҳатмӣ ҷалб намудани кӯдакони синни то 6 сола ба таҳсилоти томактабӣ;
8) Ташкили конфронс, семинар ва дигар чорабиниҳои илмию методӣ, фаъолияти таҷрибавӣ ва инноватсионии ҷавобгӯ ба талаботи замон.

Гарчанде дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ пурра татбиқ нашудааст, мутахассисони соҳа дар масъалаи ворид кардани технологияҳои навин дар рушди таҳсилоти муассисаҳои томактабӣ корҳои беандоза муҳим анҷом дода истодаанд. Бо мақсади пиёда сохтани собиқаи пешқадами кишварҳои ҳамсоя Маркази ҷумҳуриявии технологияи иттилоотӣ-иртиботии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони муассисаҳои зерсохтори худ ҳар сол курсҳои омӯзишии истифодаи технологияи муосир, аз ҷумлаи омӯзиши кор бо тахтаи электронӣ, барномаҳои замимавии корбарон, истифодаи почтаи электронӣ ташкил мекунад. Инчунин, дастурамали истифодабарии таҷҳизотҳо, китобҳои дарсӣ дар шакли электронӣ, луғатҳо ва китобҳои забономӯзӣ таҳия ва дар шабакаи интернетии “Youtube” ҷойгир карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки аз як ҷониб истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ба инкишофи зеҳниву ақлии кӯдакон боис гардад, аз ҷониби дигар машғулшавии барзиёди кӯдакону наврасон ба бозиҳои компютерӣ ба ҳолати равонӣ ва саломатии онҳо зиёновар шуда метавонад. Ба қавли ходими илмии Институти тадқиқотҳои стратегии Федератсияи Русия Д.А. Беляев, “бозиҳои номатлуби компютерӣ барои дигар кардани роҳу равиши кӯдакон сабаб шуда метавонад. Имрӯзҳо чунин бозиҳое, ки аз ҷиҳати синну сол ба ҷавонону наврасон тавсия дода мешаванд, мутаассифона, ба кӯдакони синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ дастрас гардидаанд” [28, с 137].

Маълум аст, ки шумораи асосии кормандони муассисаҳои томактабиро бонувон ташкил медиҳанд, дар омӯзиши илмҳои замонавӣ,

бахусус технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ таҷрибаи нокифоя доранд. Донишҷӯдухтарон ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои олии кишвар барои соҳиб гаштан ба донишҳои техникӣ бояд зиёдтар кӯшиш ба харҷ диҳанд. Мувофиқи нақшаи таълимии тасдиқкардаи Вазорати маориф ва илм аз соли 2018, ихтисосҳои марбут ба соҳаи томактабӣ аз равияҳои “Таҳсилоти томактабӣ-равоншинос”, “Таҳсилоти томактабӣ-забони англисӣ”, “Таҳсилоти томактабӣ-логопедия”, “Таҳсилоти томактабӣ” дар зинаи таҳсилотии бакалавр иҷрои рисолаи хатмкунӣ талаб карда мешавад, вале мавзуҳо оид ба истифодаи ТИИ дар низоми таҳсилоти томактабӣ мушоҳида намешаванд. Дар ихтисосҳои мазкур фанни технологияи иттилоотиро дар се нимсола тадрис мегиранд. Вале барои соҳиб гаштани малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ миқдори ҷудокардашудаи соатҳои дарсии ҷудогардида кифоягӣ намекунанд.

Таҳқиқи вазифаҳои таълиму тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон дар Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон идома дорад. Фаъолияти ниҳоди мазкур аз соли 1934 оғоз гардида, он то имрӯз дар рушду инкишофи  муассисаҳои таҳсилотӣ, методикаи ташкили корҳои тарбиявӣ, таҳияи дастуру китобҳои илмӣ, инчунин вазифаҳои вобаста ба пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа, талаботҳои ба кори таълиму тарбиявӣ тағйир ёфтанд саҳми бузург дорад [9]. Рушди таҳсилоти томактабӣ аз солҳои 80-уми асри гузашта оғоз гардида, дар заминаи ду шуъба тарбияи томактабӣ ва таълими ибтидоӣ лабораторияи нав ташкил карда шуд. Дар ин замина кормандони шуъба бо роҳбарии олимони шинохта М. Лутфуллоев ва Н. Насруллоева ба ёрии мураббияҳо ва муаллимони синфҳои ибтидоӣ китобҳои дарсӣ, васоити таълим, дастурҳо ва мақолаҳои илмиро аз чоп бароварданд. Аз моҳи феврали соли 2003 бо фармони Вазорати маорифи (ва илм) Ҷумҳурии Тоҷикистон лабораторияи тарбияи томактабӣ дар алоҳидагӣ таъсис дода шуд. Зери сарварии мудири шуъба, доктори илмҳои педагогӣ Л. Иматова

гузошта шуда, дар ҳамкории доктори илмҳои педагогӣ Б. Маҷидова, номзади илми педагогӣ Котибова Ш.П. ва Н. Мирхонова барои муайян кардани роҳҳои самараноки таълим, беҳдошти вазъи таълиму тарбия пажуҳиш бурданд. Бо назардошти зарурати масъалаи мазкур ва таъмин намудани муассисаҳои таълимии томактабӣ бо маводи таълимӣ-методӣ дар асоси дастури вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо назардошти Лоиҳаи «Омода намудани дастурҳои методӣ барои кӯдакони гурӯҳҳои томактабӣ» (синни 6–7 сола) дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (шуруъ  аз моҳи январи соли 2015) гурӯҳи корӣ созмон дода шудааст ва таъкид гардид, ки дар ҳамин зинаи синну сол қисман ҷорӣ намудани машғулиятҳои таълимӣ ба истифодаи компютер ва дигар афзорҳои техникӣ мусоид мебошад [9].

Муассисаҳои томактабии хусусӣ бо истифодаи маблағгузории иловагии волидон дар рушду такомули ҳаёти кӯдакон то андозае ҳиссагузор мебошанд. Муассисаҳои зикргардида барои таҳсили кӯдакон тамоми шарту шароитҳои замони муосирро фароҳам оварда истодаанд. Омӯзиши якчанд забонҳои хориҷӣ, истифодабарии технологияи компютерӣ, шабакаи Интернет ва бозиҳои компютерӣ аз ҷумлаи онҳо маънидод карда мешавад. Масалан, ба воситаи бозиҳои компютерӣ қобилияти эҷодкории кӯдаконро бедор намудан мушкилиро пеш намеорад. Қобилияти инфиродии ҳар кӯдакон гуногун мебошад, аз ин рӯ таъсири мураббия дар таълиму тарбияи кӯдакн ниҳоят калон мебошад.

Дар раванди машғулиятҳои таълимӣ мураббияҳо аз компютер ва ё дигар таҷҳизотҳои электронӣ истифода мебаранд, ки ҳангоми кор бо истифодаи дигар намудҳои ТИИ масъулияти мураббия ба маротиб меафзояд. Вазифаи асосии мураббия на танҳо омӯхтани барномаи компютерӣ, инчунин инкишоф додани хотира, фикррронӣ, идрок, ҷаҳонбинӣ ва нутқи кӯдакон мебошад. Барномаҳои компютерии муосир қариб як *архитектура* ва шакли корбариро доро ҳастанд. Мураббияҳое, ки соҳиби телефонҳои мобилии ҳушманд мебошанд, ҳатман тарзи кори

компютер ва тахтаи электрониро бояд донанд. Масалан, кор бо тахтаи электронӣ бениҳоят сода ва ба кор даровардани он муқаррарӣ мебошад. Инчунин, омода намудани намоишҳо дар барномаи оффисии *Power Point*, навиштан дар барномаи *Word* ва кор дар шабакаи Интернет ҳар гуна мушкилотро ба бор намеоварад [43, с12].

Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим, яке аз воситаҳои асосии ҳавасмандгардонии кӯдакону наврасон барои аз худ намудани донишу тасаввуротҳои нав мебошад. Мазмуни онҳо вобаста ба хусусиятҳои синусолии кӯдакон дар заминаҳои барномавӣ-методии фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ: Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ, барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон” муайян карда шудаанд. Ин заминаҳои барномавӣ ба инкишофи шахсияти на танҳо таълимгиранда, балки ба таълимдиҳанда мусоидат менамояд.

Татбиқи “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” дар рушди малакаҳои нав ва такмили тахассусии кормандони соҳаи маориф заминаи амалӣ мегузорад. Барномаи нави рушди таҳсилоти томактабӣ, ки санаи 22-июни соли 2019 бо номи “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №316 тасдиқ карда шуд, ки мувофиқи он фоизи ба таълим фарогирии кӯдакон аз 14,5% ба 30% расонида мешавад. Мақсади асосии Барнома – ин қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шаҳрвандон барои дастрасии таҳсилоти томактабӣ, фароҳам овардани шароит барои таъмини хизматрасонии амалию самарабахш дар муассисаҳои томактабӣ, баробарии шароити гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ барои кӯдак аз гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, ҳамкорӣ ва расонидани кӯмаки машваратӣ ва методӣ ба оилаҳое, ки кӯдакони синну соли томактабиро тарбия мекунанд,

иборат мебошад [24, 18]. Ҷиҳати таъмини сифат дар муассисаҳои таълимии томактабии кишвар тадбирҳои зиёде пайгирӣ карда шудаанд, аз қабили:

-таъмини муассисаҳои томактабӣ бо адабиёти кӯдакона, воситаҳои аёнӣ, маводҳои илмӣ-методӣ;

-мувофиқи имкониятҳои мавҷуда ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ) дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;

-баланд бардоштани мақоми мураббия-педагог;

-такмил додани ихтисоси кормандони муассисаҳои томактабӣ;

-бо технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ таъмин намудани муассисаҳои томактабӣ, пешниҳод карда шудаанд.

Технологияҳои муосири электронӣ дар раванди таълиму тарбия бояд тибқи барномаи таълимии муассиса берун ҷорӣ гардида, принсипи системанок ва пайдарҳамии таълим амалӣ шавад ва натиҷаи он ба манфиати тарбиягиранда, мураббия ва волидон бошад. Машғулиятро бо истифода аз маводҳои аёнӣ, бозиҳои омӯзишӣ, машқу амалҳои озмоишӣ ҷорӣ намудан лозим ва зарур мебошад, зеро кӯдакон фаъолияти бозиро дар ин синну сол дӯст медоранд ва роҳандозии ҳар гуна бозӣ ба воситаи компютер имконпазир аст [51, с46].

Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидаи олимони соҳа нишон доданд, ки таъсири намудҳои ТИИ дар инкишофи ақлонии кӯдакон мухталифанд, ба мисли: китобҳои электронӣ-96%, чоркунҷаи шавқовар (кубик-рубик)-77%, ҷистонҳо-74%, китобҳои шавқовар-62%-ро ташкил медиҳад. Расонидани маводҳои таълимӣ бо тариқи бозиҳои шавқовари компютерӣ ва математикӣ ба кӯдакон шавқи онҳоро ба таълим зиёд мегардонад. Маълумотҳои зикргардида дар ҷадвали 2. нишон дода шудааст:

**Ҷадвали 2.**

Истифодаи аёният дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ

| № | Намудҳои аёният | Истифода (бо фоиз) |
|---|---|---|
| 1 | Китобҳои электронӣ | 96 % |
| 2 | Чоркунҷаҳои шавқовар | 77 % |
| 3 | Чистонҳо | 74 % |
| 4 | Китобҳои шавқовар | 62 % |

Истифодаи аёният аз ҷониби мураббияҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ дар машғулиятҳои таълимӣ вобаста аз дараҷаи омодагии касбияти педагогон тариқи диаграмма нишон дода шудааст (нигаред ба диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1.**

**Истифодаи ТИИ аз ҷониби мураббияҳо дар рафти машғулиятҳои таълимӣ**




Дар баробари санъати суханварӣ, сатҳи касбият ва бо мақсади таъмин намудани назорат ва баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорату малакаҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба яке аз шартҳои озмуни касбии “Мураббияи сол” кор карда тавонистан ва маҳорату малакаҳои истифодабарии ТИИ ворид карда шудааст. Доштани донишҳои техникӣ ва тарзи истифодабарии ТИИ дар замони муосир баланд арзёбӣ карда мешавад.

## §2. Намудҳои технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон дар раванди истифодабарии онҳо

Талаботҳои асноди барномавӣ-методии соҳа ба муассисаҳои таълимии муосир баҳисобгирии имкониятҳои омӯзишии кӯдакон ва таъмин намудани сатҳи омодагии кӯдак ба мактабро тақозо менамояд. Мувофиқи “Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ барои солҳои 2020-2025” беҳдошти заминаи моддӣ ва таълимии муассисаҳо дар мадди аввал гузошта шудааст. Заминаи моддӣ-таълимии муассисаҳои томактабӣ аз ҳисоби технологияҳои компютерӣ пурра карда мешавад. Бо воситаи онҳо фаъолияти таълимӣ, бозӣ (дар раванди машғулиятҳо ва берун аз онҳо), машғулиятҳои фароғатию маърифатии кӯдакон, аз тарафи мураббия ташкилу роҳбарӣ карда мешавад.

Омӯхтан ва таҳлили таҳқиқоти илмӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва таҷрибаи амалии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ нишон медиҳанд, ки дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакони синни томактабӣ намудҳои зерини ТИИ мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд, ки мо арзишмандии онҳоро дар алоҳидагӣ тавзеҳ медиҳем:

-компютерҳо;

-тахтаҳои электронӣ;

-телефони мобилӣ;

-проектор;

-сканер (аксгиранда);

-принтер (чопгар);

-технологияи биометрӣ;

Технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ, ки дар раванди идоракунии муассисаҳои томактабӣ истифода бурда мешаванд ва пайгирии он дар шароити Тоҷикистон таҳқиқоти махсусро талаб мекунад: камераҳои назоратӣ, почтаи электронӣ, равзанаи бақайдгирӣ дар шабакаи иҷтимоӣ, сомонаҳои интернетиро дар бар мегирад. Микрокомпютер дар назари калонсолон як таҷҳизоти ғайриоддӣ менамояд, аммо барои кӯдакон як

чизи муқаррарӣ ва бозичае намудор мешавад, ки метавонанд бо онҳо тамоми рӯз бозӣ кунанд. Аз синни хурдсолӣ ба ин “бозича”-и шавқовар ва ҳамзамон зараровар бештар шудани таваҷҷуҳи кӯдакон барои волидон масъалаи ташвишовар гаштааст. Вазифаи ҳар як мураббия ва волидон дар ҳалли ин масъала аз он иборат мебошад, ки вақти гузаронидаи кӯдаконро дар назди ин техника пурсамар тақсим намоянд.

Намуди дигари пурсамар ва рангин гардонидани машғулиятҳои таълимӣ ин истифодабарии компютерҳои ҳамадон мебошад. Тарзи кори он ба тариқи бозии компютерӣ ба роҳ монда шудааст ва ба саломатии равонию ҷисмонии кӯдакон зарар намерасонад. Ин таҷҳизот барои истифодабарии кӯдакони аз синни 3 то 6-7 сола тавсия дода шудааст. Ба воситаи он шинохти ҳайвоноту растаниҳо, муҳити атроф, аз ёд кардани шеър, хондани суруд, шинохтани ҳарфу рақамҳо ва тасаввуротҳои аввалини математикӣ имконпазир аст.

Компютерҳои ҳамадон дар шакли омӯзишӣ ва санҷишӣ пешниҳод карда мешавад, зеро маводҳои омӯзишӣ ва санҷишӣ дар шакли корт сохта шудаанд. Ҳар як таҷҳизот то 120 корти рангаи таълимиро доро мебошад, ки дар 8 мавзуи омӯзишӣ ҷамъоварӣ карда шудааст. Таҷҳизоти зикршуда дорои 15 мавзуи омӯзишӣ буда, истифодабарии он дар гурӯҳҳои тоҷикӣ то ҷое имконнопазир мегардад. Онро ҳангоми машғулиятҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан русию англисӣ истифода бурдан бамаврид мебошад. Дар гурӯҳҳои русӣ мураббиён аз компютерҳои ҳамадон васеъ истифода бурда метавонанд. Мутахассисони босалоҳият то ҳол барномаи омӯзишии онро бо забони тоҷикӣ таҳия ва пешниҳод намудаанд. Таҷҳизоти мазкур ба инкишофи хотира, фикррониии мантиқӣ, асосҳои ҳисоб ва хониш пешбинӣ гардонида шудааст.

Дар тӯли 30 соли мавҷудияти худ технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои томактабӣ, собит намуд, ки кор кардан бо таҷҳизотҳои электронӣ суръати корро дучанд метезонад ва дар ҳисоббарориҳо ва ҳисоботҳои оморӣ беҳамто мебошад. Ҳоло мебинем, дар кӯчаву роҳрав,

коргоҳҳо ва муассисаҳои давлативу хусусӣ дастгоҳҳои наворбардорӣ насб карда шудаанд. Ин дастгоҳҳои назоратӣ барои таъмини бехатарии муассиса ва назорат аз болои фаъолияти кормандон мусоидат мекунанд.




**Расми 3. Намудҳои компютерҳои ҳамадон**

Компютерҳои ҳамадон дар истифода осон ва корфармоӣ барои кӯдакон шавқовар мебошад, зеро он мавзуъҳои дилчасп, бозиҳои ҳаловатбахш ва мувофиқ ба синну солро доро мебошад. Инчунин, шакли ҷаззоб, маводҳои таълимии гуногунсоҳа, омӯзиш дар раванди бозӣ, кортҳои омӯзишии шакли “назоратӣ”, “алифбо”, “табиатшиносӣ”, “мусиқӣ”, “шинохтани ададҳо”–ро доро мебошад. Масолеҳи пластикии сохтаи он босифат буда, барои кӯдакон безарар мебошад ва махсус барои истифодабарӣ ва дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тавсия дода мешавад.

Ба мураббия ва волидон зарур аст, ки ҳангоми истифодабарии компютери ҳамадон ба кӯдак ҳамкорӣ намуда, дар тарҷума ва дарк кардани калимаю ибораҳои душворфаҳм мадад расонанд. Ин амал имконият медиҳад кӯдак таҷҳизотро мустақилона такроран истифода бурда, донишу тасаввуротҳои худро мустаҳкам намоянд. Инчунин кӯдакон низ бо истифода аз компютерҳои ҳамадон мустақил гашта, оҳиста-оҳиста ба иҷрои бозиҳои стратегӣ ва даставӣ мепардозанд.

Бозиҳои компютерӣ қобилияти зеҳнии кӯдаконро баланд бардошта, хотира ва фикррони мантиқии онҳоро мустаҳкам мекунад. Кӯдак бо

иҷроиши фаъолияти бозӣ ба муҳити дигар ворид мегардад, яъне ҳангоми дарёфт кардани асрори муаммо ҳис менамояд, ки кореро иҷро намуда истодааст. Баъди иҷроиши вазифа ва ба итмом расонидани бозӣ ба кӯдак “Офарин! Дуруст иҷро кардӣ!” гӯён хитоб намудани калонсол ба ӯ руҳияи қаноатмандӣ, тавонбахшӣ ва боварӣ ба қувваю нерӯ ва имкониятҳои ақлии худ мебахшад. Азхудкунии ҳарфҳои алифбо, аз ёд кардани шеър ё тарона (бо роҳи шунидан) бо усули барномавӣ осонтар мебошад, зеро истифодаи аёният раванди сабт намудан ба хотираро метезонад.

Фаъолияти бозӣ дар айёми кӯдакӣ аз ҳама муҳим маҳсуб меёбад. Мураббияҳо дар машғулиятҳои таълимӣ ва тарбиявӣ зиёдтар аз методи бозӣ истифода мебаранд. Бозиҳои кӯдакона аз тарафи мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ аз ҷиҳати иҷрои вазифаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудааст: бозиҳои қоиданоки серҳаракат ва дидактикӣ. Бозиҳое, ки дар раванди он кӯдак метавонад каме хастагиашро барорад ё ин ки ба дигар кор машғул шавад, онро камҳаракат меноманд. Бозиҳое, ки дар раванди он диққати ҷиддӣ дар вақт аст ва ба ҳар амалу ҳаракати кӯдак он аҳамият додан лозим бошад, онро серҳаракат меноманд, ки он воситаи муҳими тарбияи ҷисмонӣ ва ташаккулдиҳии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ кӯдакон мегирад [119, 22]. Вобаста ба шакли фаъолияти кӯдакон бозиҳои компютерӣ таҳия карда шуда, пешкаши истифодабарандагон гадидааст. Масалан, бозии шоҳмот, ки бозии камҳаракат маҳсуб меёбад, иҷрокунандагон метавонанд соатҳо вақташонро дар як бозӣ сарф кунанд. Яъне дарёфт кардани натиҷаи ниҳоӣ аз вақт вобастагии калон надорад. Танҳо дар бозиҳои камҳаракати компютерӣ барои кӯдакон вобастагии вақт вуҷуд дорад. Зеро эмин нигоҳ доштани саломатии кӯдакон муҳимтар аз худи бозӣ мебошад. Ба воситаи бозӣ инкишоф додани қобилияти зеҳнии кӯдакон самаранокии таълимро баланд мебардорад.

Амалӣ иҷро кардани бозиҳои дидактикӣ ё худ омӯзишӣ барои кӯдакон, аз як тараф, шоду масрур созад ва аз ҷиҳати дигар сатҳи дониши онҳоро баланд мебардорад. Мураббия қисмате аз он бозиҳоро ба воситаи

компютер ва тахтаи электронӣ бо кӯдакон мегузаронад ва бо чунин усули кор дар таълим чараёни машғулиятҳоро рангин месозад. Бозиҳои компютерӣ барои ташкили раванди бозӣ дар компютер бо мақсади хуш гузаронидани вақт, омӯзиши мавод, гузаронидани мусобиқа, инкишоф додани нутқ, рушди қобилияту маҳорати фикрронӣ ва ғайраҳо пешбинӣ карда шудаанд [67, с69].

Тадқиқотҳои олимон аз донишгоҳи Монреали Канада (8 августи соли 2017) нишон додаанд, ки имрӯзҳо миқдори зиёди бозиҳои компютерӣ пешкаши истифодабарандагони хурдсол мешавад. Аз шумораи умумии бозиҳо 90 фисади он ба кӯдакону наврасон пешниҳод мешавад, ки қисми зиёди онҳо ба ҳолати равонии наврасону чавонон таъсири манфӣ мерасонад. Ҳар сол дар дунё 3-4 миллион гунаи бозиҳои компютерӣ истеҳсол карда мешавад, ки ба ҳисоби миёна зиёда аз 30 миллион одамони синну соли гуногун вақти бебаҳои худро ба бозиҳои компютерӣ сарф мекунанд. Чунин тамоил идома ёфта истодааст.

*Бозиҳои компютерӣ аз чиҳати намуд ба гурӯҳҳои зерин чудо мешаванд:*

*1. Бозиҳои инкишофдиҳандаи фаъолияти фикрӣ* - ин бозиҳои мусобиқавӣ мебошад, ки дар он аз ҳама муҳим натичаи ичрои дурусти ҳаракату амалҳои фикрӣ ва чисмонӣ мебошад. Ба онҳо мисол шуда метавонад; бозии шоҳмот, шашка, футбол, хоккей ва ғайраҳо, ки кӯдаконро ба фикркунӣ водор месозад.

Расми 4. Навъҳои бозиҳои компютерии фикрӣ



а) Шоҳмот б) Туббозӣ в) Ёфтани чиҳоз

Дар расм мо чанд намуди бозиҳоро пешкаш намудаем, ки онҳоро чун бозӣ ба кӯдакон тавсия намудан мумкин аст (нигаред ба расми 4).

2. *Бозиҳои муаммогӣ* – дар намуди чистон, супоришу вазифаҳои барои иҷрои амалҳои печидаю мураккаб пешниҳод мешавад. Дар он иштирокчӣ вазифаеро мегирад, ки бояд фавран ҳал намояд (аз чӯбчаҳо сохтани шаклҳои нав, пур намудани сканворд, пурра намудани расми парешон, ёфтани фарқият дар расмҳо ва ғайраҳо). Бозиҳои муаммогӣ барои хурдсолон ва калонсолон басо дилчасп ва диққатҷалбкунанда маҳсуб меёбад. Ин бозиҳо аз ҷиҳати мазмун ба бозиҳои мантиқӣ шабоҳат доранд. Чунон чи, якчанд намуди онро мо дар расм пешниҳод намудаем. (нигаред ба расми 4.1.)

Расми 4.1. Навъи бозиҳои муаммогӣ




3. *Бозиҳои иҷрои амалҳои робитаи мантиқидошта* — чун қоида ин намуди бозиҳо дилхушкунанда нестанд, чунки дар ин намуди бозӣ ба кӯдак чусту чолокӣ, ҳушёрию зиракӣ зарур аст ва аз ӯ дараҷаи баланди фикрронӣ талаб карда мешавад. Бозиҳои компютерии мантиқӣ миёни истифодабарандагон васеъ паҳн шудааст.

Таҳқиқоти олимон Е.Н. Иванов, С. Пейперт, Н.П. Чудова, Л.С. Новоселова, Л.А.Парамонова, Л.Д. Чайнова нишон медиҳанд, ки татбиқи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ натиҷаи хуб ба даст меоварад. Дар кишварҳои пасошуравӣ аз соли 1987 шурӯъ карда ба татбиқи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ пардохтанд [9]. Ҳоло дар бисёре аз кишварҳои пасошуравӣ ТИИ дар амал татбиқи худро ёфтаанд ва ба таври васеъ истифода мешаванд.

Тахтаҳои электронии интерактивӣ – ин таҷҳизоти ҳамакорае (универсалӣ) мебошанд, ки бо воситаи онҳо ҳар як педагог метавонад раванди таълимро тавре ба роҳ монад, ки шавқу рағбати кӯдакон ба

таълим зиёд гардида, раванди диққат ва дараҷаи фикрронии онҳо мустаҳкам шавад. Мураббия дар раванди машғулият метавонад диққати кӯдаконро бо намоиши афсона ва расму тасвир ҷалб кунад. Ӯ метавонад аз усулҳои интерактивии таълим, ба мисли намоишдиҳӣ дар якҷоягӣ бо шарҳу эзоҳ аз рӯи расм шинохтани ҳайвонот, шинохтан ва фикр кардани рангҳои мухталиф, растаниҳо, ҳайвоноту паррандаҳо дар тахтаи электронӣ ба таври васеъ истифода бурда, раванди таълимро диққатҷалбкунанда созад. Инчунин, барои бедор кардани маромнокии кӯдакон нисбати донишандузӣ ва онҳоро барои пайдо намудани малакаҳои нав водор месозад. Татбиқи технологияи чандрасонагӣ (мултимедиа) дар муассисаҳои таълимии томактабӣ то дараҷае ба кӯдакон имкони дарки муҳити атрофро зиёд мегардонад ва барои аз худ намудани маводи таълимии нав кӯмак мерасонад.

Дар муассисаҳои томактабӣ барои шинохтану фарқ кардани ҳарфҳои алифбо ва рақамҳо ба кӯдакон компютер ва тахтаи электронӣ мадад мерасонад. Инчунин, мураббия метавонад шеъру чистон гуяд, афсонаро хондаву нақл намояд ва тариқи тахтаи электронӣ расму тасвирҳо, манзараҳоро пешкаши кӯдакон созад, ки ин амал метавонад суръати азхудкунии маводро метезонад.

Барои мураббияҳо истифода бурдани тахтаҳои электронӣ доштани малакаҳои сатҳи зеринро талаб мекунад:

- Кор карда тавонистан бо компютер;
- Кор карда тавонистан бо барномаҳои баставии Word, PowerPoint, Excel, Publisher;
- Истифода бурда тавонистани шабакаи Интернет (барои ҷустуҷӯи расми дилчасп, файлҳои садоӣ ва мултимедавӣ оиди мавзуъ, рӯнамоҳо, филмҳои тасвирӣ, тарбиявӣ ва барномаҳои омӯзишӣ).

Дар раванди фаъолияти касбии педагогӣ мураббия, мудир, мушовир, равоншинос дар якҷоягӣ метавонанд фаъолияти самараноки кор, таҳия ва иҷрои нақшаи тақвимии муассиса, нақшаҳои кории солонаю ҷорӣ

ва ғайраҳоро дар шакли электронӣ таҳия намоянд. Илова бар ин, онҳо метавонанд барнома ва сенарияи чорабиниҳои фарҳангӣ, фароғатӣ, варзишӣ, ободонии муассиса, усулҳои ташкилу баргузории чорабиниҳои тобистонаи солимгардонӣ ва ғайраҳо ташкил намуда, онҳоро дар компютер нигоҳ доранд.

Навовариҳои педагогӣ дар муассисаҳои томактабӣ амалӣ гардонидани андешаҳо, раванди бунёдкорӣ, созандагӣ, технологияҳои муосири соҳаи педагогӣ, аз худ намудан ва дар амал татбиқ кардани дастовардҳои илмӣ – техникию педагогиро дар бар мегирад. Коэффитсенти навоварии педагогӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо формулаи КН=Кфарт/Кмах ифода карда мешавад. Дар ин ҷо Кфарт – натиҷаи асосӣ вобаста ба меъёрҳои қабули навовариҳо, ки бо хол баҳогузорӣ карда мешавад. Кмах – бошад, теъдоди максималии холҳои имконпазири ба дастомада мебошад.

Шабакаи Интернет яке аз муҳимтарин воситаҳои таълимӣ ва манбаи маълумотҳо ҳисобида мешавад. Аз манбаъҳои интернетӣ қариб тамоми табақаҳои ҷомеа манфиат мегиранд. Мисли шабакаҳои телевизионӣ дар шабакаи Интернет низ филмҳои тасвирӣ, наворҳои таълимию тарбиявӣ бешумор мебошанд.

Таъминкунандагони шабакаи Интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодабарии шабакаи Интернет маҳдудиятҳои истифодабарӣ мувофиқи синну сол ҷорӣ намоянд, муфид хоҳад буд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки шумораи зиёди кӯдакону наврасон махсусан, ҷавононро шабакаҳои иҷтимоӣ гумроҳ намуда, ба кишварҳои ҷангзада, ба вартаи ҳалокат кашиданд.

Тадқиқотҳои олимони илми педагогика ва психологияи муосир А. Алфред, А. Бандула, А. Нартсисс, Б. Анри, Б. Эрик, Б. Франс, Ф. Бекон, В. Макс, Г. Томас, Б. Павлович, С. Н. Лисенкова, И. П. Иванов нишон доданд, ки кӯдакони аз 6 то 10 сола малакаҳои иҷтимоиро дар асоси тақлид намудан ба амалҳои волидон, ҳамсолон, қаҳрамонони асарҳои бадеӣ,

барномаҳои телевизионӣ, филмҳои гуногун аз худ менамоянд ва кӯшиш мекунанд ба онҳо монанд бошанд. Вобаста ба ин намоиш додани афсонаҳои халқӣ дар шакли филми тасвирӣ барои бедор намудани ҳисси худшиносӣ дар кӯдакон боис мегардад.

Дар фаъолияти илмии тадқиқотчиён С.Л. Новосёлова, И. Пишелите, Г.П. Петку, Б. Хантер ва дигарон нақши асосиро дар ташаккулёбии шахсияти кӯдак ва умуман инсон технологияҳои иттилоотӣ мебозад. Мутахассисони соҳаи педагогикаи томактабӣ К.Н. Маторин, С.П. Первин, М.А. Холодин, С.А. Шапкин, Ю.М. Горвитс ва дигарон собит карданд, ки кӯдакони синни 5-7 сола метавонанд бо як реҷаи муайян аз компютер истифода баранд. Дар давоми тасдиқоти худ онҳо иброз медоранд, ки кӯдак дар ин синну сол соҳиби қобилияти фавқуллода мебошад [125, с29]. Ақидаи ягонаи педагогон дар он аст, ки ҳар чӣ пештар инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии кӯдак оғоз ёбад, ҳамон қадар барои бо тайёрии хуб ба мактаб рафтан мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки компютер, телевизион ва шабакаи Интернет истифодабарандагони худро интихоб намекунанд, он ба ҳамаи хоҳишмандон новобаста ба синну сол, таҷрибаи зиндагӣ, мавқеи иҷтимоӣ дар ҳама лаҳзаҳои ҳаётӣ ва вақти мувофиқу имконияти шахсӣ дастрас аст. Онҳо омилҳое мебошанд, ки бинандагон, истифодабарандагони хешро аз муоширату муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо атрофиён маҳрум карда, инсонро вориди олами тасвиру тахайюлоти худ мегардонад, робитаи маънавию ғизои руҳии байниҳамдигарии аҳли хонаводаро ба нестӣ мебарад. Муоширату вақт гузаронидани шахс ба дӯстони интернетӣ бахшида мешавад ва ӯ аз муҳити ҳақиқии хонаводагӣ дур мегардад.

Синни барвақти бачагӣ ва томактабӣ, яъне аз тифлӣ то ба мактаб рафтан, ки дар ин давра таваҷҷуҳи кӯдаконро чунин амалҳои қаҳрамонон ба худ ҷалб менамояд: серҳаракатӣ, чусту чолокӣ ва ҳушёр будан, фаъолнокӣ, нотарсӣ доимо бо сарварони худ итоаткор будан ва ғайраҳо. Олимони психологияи кӯдакона Н.М. Платонова, А.А. Корниенко, К.

Бютнер ва дигарон атрофи рафтори кӯдакони синни 5-7 сола аз таҷрибаҳои гузаронидаи худ изҳори андеша намудаанд. Кӯдакон ҳангоми бозиҳои компютерӣ қаҳрамони манфиро зиёдтар мақбули худ мегардонанд, зеро ӯ дар бозӣ нақши фарди пурқувватро иҷро мекунад ва бо ин сифаташ мақбули кӯдакон мебошад. Ҳангоми тамошои филмҳои тасвирӣ низ чунин ҳолат ба вуҷуд меояд. Мураббия бояд баъди намоиш додани филми тасвирӣ ба кӯдакон аҳамияти нақши манфӣ ва мусбатро умуман дар ҳаёт нишон диҳанд. Тарзи дуруст рафтор намудани кӯдаконро дар ин ё он ҳолат роҳнамоӣ намоянд.

Барои кӯдакони синни 5-7 сола сабаби тамошо кардани наворҳои зӯроварию хушунатро амалу рафторҳои зерин ташкил медиҳад:

-нохушӣ, нороҳатӣ аз мушкилоте, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо ба вуҷуд меоянд;

-шавқу рағбат ба донистани натиҷа ва анҷомёбии маводи намоишӣ, бозиҳои компютерӣ;

-ташвиқу тарғиби амалҳои хушунатомез дар байни ҳамсолон;

-зиёд шудани майлу рағбат ба натиҷагирӣ аз бозиҳои компютерӣ, маводҳои намоишии интернетӣ, телевизионӣ ва анҷоми хушунатомезии онҳо.

Тадқиқотҳои чандсолаи олимони соҳаи педагогика, психология ва мушоҳидаҳои мураббиёни (омӯзгорони) муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳанд, ки баъди тамошои маводҳои хушунатомез дар кӯдакону наврасон ҳолати тез ба ҳаяҷон омадан, бадҷаҳл гаштан, ноорому дар изтироб будан, вайрон кардани қоидаҳои дохилимуассисавӣ ва дигар ҳолатҳои агрессивӣ зиёд мегарданд. Мутахассисони психологияи кӯдакона Э. Фромм, О. Уайлд дар он ақидаанд, ки роҳи мусоиди тарбияи дурусти кӯдакон-ин хушбахт сохтани онҳо мебошад. Ҳатто кӯдак аз натиҷаи бозии худ ба агрессия дучор мешавад, яъне аз бозӣ натиҷаи дилхоҳро ба даст наовардани ӯ ба ин ҳолат оварда мерасонад. Бозиҳои мувофиқ ба синну солро калонсолон барои кӯдакон муҳайё мекунанд. Таҷрибаҳои

гузаронидаи олимон Смирнова Е.О., Ениколопов С.Н. ва дигарон нишон медиҳанд, ки вақтгузаронии зиёд дар назди компютер барои кӯдак оқибатҳои бад дошта метавонад. Таъсироти манфиро ба ҷисми кӯдакон ба таври зайл арзёбӣ кардан мумкин аст:

–ақибмонӣ дар инкишофи нутқ ва аз худ намудани лафзи модарӣ. Волидон, мураббияҳои кӯдакистон ва муаллимони синфҳои ибтидоӣ доир ба паст будани сатҳи суханронии кӯдакон шикоят мекунанд, яъне маҳдуд будани захираи луғавӣ; аниқ, фаҳмо ва дуруст истифода бурда тавонистани сохти овозии забони модарӣ;

–мураттаб, пайдарҳам ва ифоданок набудани нутқ ва мазмуни он;

–бо ҳам алоқаманд карда натавонистани фикр ва барқарор карда натавонистани робитаи мантиқии вобастагии ашёҳо, ҳодисаҳои табиату ҷамъият;

–дар нутқи кӯдакон афзалият доштани калимаю ибораҳои ғайри мавриди истифодаи умум, лаҳҷавӣ ва алфози қабеҳи нодаркор.

Дар ҷомеаи муосир кӯдакон шароити гирифтани таҳсилоти шоистаро дар муассисаҳои таълимии замонавӣ муҷаҳҳаз бо технологияи муосир ва шабакаи Интернет доро мебошанд. Вале ҳангоми аввалин маротиба ба кӯдакистон омадан, сатҳи пасти тарбияи маънавӣ ва инкишофи сусти зеҳнӣ дар кӯдакон ҳамоно ба назар мерасад. Тибқи маълумоти мураббияҳо, 48%-и кӯдакони 1-5 сола нуқсону норасоӣ дар инкишофи нутқашон доранд. Мутахассисони соҳа собит месозанд, ки қисми зиёди кӯдакони бамактабраванда ба ёрии логопедӣ-коррексионӣ эҳтиёҷ доранд. Мо ин гуна ҳолатро ҳангоми муоина ва ташхиси омодагии кӯдакон ба мактаб бо истифодаи усулҳои мушоҳида, суҳбат, муоинаву ташхиси тестӣ ва иҷрои супоришҳои амалӣ муайян намудем. Барои ташхис ва муоинаи ҳолатҳои равонӣ ва рушди ҷисмонии кӯдакон технологияи компютерӣ ба табибон ва равоншиносон кӯмак мерасонад.

Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимӣ мувофиқи барномаву стандартҳои давлатӣ иҷозат дода шудааст.

Раванди инкишоф дар муассисаҳои таълимӣ шароит фароҳам овард, ки дар ин муддат заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гарданд.

Рушди фаъолияти таълиму тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ аз таъмин намудани муассиса бо технологияҳои муосир, ба мисли компютер, тахтаи электронӣ, принтер, китобҳои элекронӣ, китобхонаҳо ба маводи таълимӣ ва шароити мусоиди таълимӣ вобастагии калон дорад. Барои ҷиҳозонидани муассисаҳои таълимии томактабӣ, умумӣ ва миёнаю олии тахассусӣ бо проекторҳо, тахтаҳои электронӣ, ворид кардан ба шабакаи интернетӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вазифаҳои мубрам мавриди ҳал қарор мегиранд, ба мисли таъминоти муассисаоҳои таълимӣ бо техникаи ҳозиразамон (компютерҳо, проекторҳо, тахтаи электронӣ, шабакаи Интернет, алоқаи кайҳонӣ, китобхонаи электронӣ ва ғайраҳо);

Дар фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба шохаҳои зерин ҷудо мешаванд:

- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар вақти ташкили раванди кори таълимӣ-тарбиявӣ бо кӯдакон;
- истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди равобити байниҳамдигарӣ миёни педагогон ва волидон;
- корбурди технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванд ва ташкили корҳои методӣ бо кадрҳои педагогӣ;
- корбарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар идоракунии фаъолияти кормандон;
- назорат, баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолияти педагогии мураббия (нигаред ба расми 5).




Расми 5. Самтҳои асосии истифодаи ТИИ

Принсипи аввалини фаъолияти алоқаи мобилӣ соли 1947 аз ҷониби озмоишгоҳи Bell пешниҳод карда шудааст. Нақши олими шуравӣ Л.И. Куприянович дар сохтани таҷҳизоти мобилӣ бузург мебошад. Ӯ якчанд намунаҳои онро сохта ба истифода супорид. Аммо аввалин таҷҳизоти мобилии кисагӣ, ки ҳаҷми хурд дошт, аз ҷониби корманди ширкати Motorolla Мартин Купер сохта шудааст. Даҳҳаи охири асри гузашта давраи махсус ва босуръати инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ба шумор меравад, зеро дар он муддат шабакаи Интернет арзи вуҷуд кард ва телефонҳои ҳушманд ё худ мобилӣ пайдо шуданд. Телефонҳои ҳушманд аз телефонҳои муқаррарӣ бо низоми амалиётии инкишофёфтааш фарқ мекунад. Телефони мобилӣ аз ҷумлаи таҷҳизоти муҳимтарин ва лозимӣ дар фаъолияти корӣ ва маишии одамон маҳсуб ёфта, ҳалли бисёр масъалаҳои ҳаётан муҳим тавассути телефони мобилӣ амалӣ карда мешавад. Натиҷаҳои таъсири зиёновари он барои калонсолон нисбатан кам буда, барои кӯдакон бештар мутаассир мебошад. Барои кам намудани таъсири телефони мобилӣ, планшет ва дигар таҷҳизоти электронӣ ба ҷисму равони кӯдакон, корҳои назоратӣ ва тарбиявиро миёни фарзандон пурзӯр кардан лозим аст. Ҳангоми истифодаи телефони мобилӣ нигоҳ доштани меъёри

вақт ва қоидаҳои бехатарӣ барои ҳам калонсолон ва ҳам хурдсолон ҳатмӣ мебошад.

Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ 31 майи соли 2011 ба таври расмӣ эълон намуд, ки аз таъсири мавҷи телефонҳои мобилӣ инсон ба бемории саратони майнаи сар дучор мегардад. Телефони мобилӣ дар ҷаҳон 6,9 миллиард муштарӣ дорад, ки шумораи зиёди онҳоро наврасон ва ҷавонон ташкил медиҳад. Азбаски телефони мобилӣ афканишоти электромагнитӣ дорад ва ба бадани инсон наздик аст, эҳтимолияти расонидани зарар зиёдтар бошад. Бо вуҷуди таъсири манфӣ доштани он одамон аз истифодаи технологияҳои электромагнитии мобилӣ даст намекашанд [23, с54].

Аз телефонҳои мобилӣ ва компютерҳои ҳушманд, танҳо планшетро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ истифода кардан хубтар аст. Зеро он барои бо кӯдакон дар шакли инфиродӣ кор кардан ва мустақилона фаъолият намуданро имконпазир мегардонад. Гарчанде тахтаи электронӣ ба ҷисми кӯдакон зарар камтар расонад ҳам, он масрафи ками маблағро талаб мекунад, аз ин лиҳоз, истифодабарии планшет дар муассисаҳои томактабии хусусӣ хеле зиёдтар мушоҳида мешавад.

Манфиатҳои истифодабарии телефонҳои мобилиро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Ҳоло дар ҷаҳон одамон ҳама қисмати корҳои ҳаррӯзаи худро бо занги телефон ва хабарҳои кӯтоҳ ҳал мекунанд.
2. Ба воситаи шабакаҳои ҷаҳонии Интернет бисёр корҳо ҳал карда мешаванд. Тақрибан 95% аҳолии дунё дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва Интернет нишаста кор мекунанд.
3. Телефони мобилии муосир дорои якчанд барномаҳои лозимӣ (чароғ, наворбардор, воситаи ҳисобу китоб, соат ва ғайраҳо) мебошад, ки дар лаҳзаҳои муҳим аз онҳо одамон метавонанд истифода баранд.

Ҳангоми кор бо телефонҳои мобилӣ одамон, ба хусус кӯдакон аз чунин зарарҳо эмин нестанд:

1. Нурафкании барзиёди таҷҳизоти мобилӣ дар навбати аввал ба саломатӣ зарар мерасонад. Махсусан, дар назди кӯдакони ширмак нигоҳ доштани телефони ҳушманд зараровар мебошад. Он метавонад ба инкишофи баъзе узвҳои бадани тифл таъсири манфӣ расонад.
2. Таъсироти манфии он ба узвҳои таносул ва асаб на танҳо кӯдакон, балки ба калонсолон низ назаррас мебошад.
3. Зарари он ҳангоми занги телефонӣ ба узвҳои шунавоӣ ва майнаи сар калон зиёдтар мегардад.
4. Раванди хоб метавонад вайрон шавад, зеро телефони мобилиро одамон вақти зиёд дар назди худ нигоҳ медоранд.

Барномаҳои телевизионӣ дар ҳаёти кӯдакон нақши муҳим доранд ва дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба таври кофӣ истифода мешаванд. Маводҳои намоишии телевизионӣ дар ошхона, роҳравҳои дохилии бинои таълимӣ ва ҳуҷраҳои таълимӣ намоиш дода мешаванд. Бояд қайд намуд, ки ба мисли дигар таҷҳизотҳои электронӣ, телевизион низ ба саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Тамошои аз ҳад зиёди он нури чашмро кам намуда, мондашавиро пеш меорад [42, с19].

Усулҳои истифодабарии тахтаи электронӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Тахтаи электронӣ – экрани сенсории ба компютер пайвасте мебошад, ки навор тариқи проектор ба тахтаи электронӣ намоиш дода мешавад. Амалҳо ё худ фаъолияти сенсорӣ – маънои кори узвҳои ҳискунӣ дошта, дар тахтаи электронӣ ба кори узви босира-бинoӣ ва шунавоӣ такя мекунад. Он барои нишон додани навор дар ҳаҷми калон ва кор дар тахтаи универсалӣ таъин шудааст. Кӯдаконе, ки дар назди тахтаи электронии интерактивӣ кор мекунанд ва таълим мегиранд, мувофиқи синну сол инкишофи гуногун доранд. Масалан, барои кӯдакони синни калони томактабӣ дар ҳар соат тахтаи электрониро дар доираи 15-20 дақиқа истифода намудан кифоя аст. Баъди нишастан дар назди тахтаи электронӣ онҳо бояд машқи гимнастикии чашм намоянд, ки ин машқ то ҷое таъсири

манфии нури проекторро ба чашми кӯдак кам мекунад. Таҷҳизоти электронӣ табиатан аз худ нури ултрабунафшро ҷудо мекунанд ва нигоҳ доштани масофаи муайян ҳангоми кор кардан зарари онро нисбатан кам мегардонад.

Тахтаи электронӣ бо усулҳои мухталиф истифода, идора ва корбарӣ карда мешавад. Масалан, тахтаҳои сенсорӣ (ба воситаи ангушт идорашаванда), оптикӣ, инфрасурх, ултрасадоӣ ва технологияи электромагнитӣ аз навъҳои маъмултарини онҳо мебошанд. Технологияи *сенсорӣ* дар тахтаҳои электроние истифода мешавад, ки қисми болоии он аз ду қабат иборат мебошад. Яке барои муҳофизат ва дигаре барои қабули фармони беруна роҳандозӣ карда мешавад.

Пайвастнамоӣ ба компютер ба воситаи ноқили навъи USB (ноқили универсиалии пайдарпаӣ), VGA (навори чандрасонаи аналогӣ) ва HDMI (навори чандрасонаи сифати олӣ) амалӣ мегардад. Мо роҳу усулҳои самарабахши пайвастнамоӣ ва истифодабарии тахтаи электрониро дар муассисаҳои томактабӣ дар дастури методӣ бо номи "Усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ Душанбе, соли 2021.- 111с", ки ба мутахассисони соҳаи томактабӣ пешниҳод гардидааст, бо таври дастрас пешкаш намудем.

Тахтаи электронӣ бо худ барномаи махсуси омӯзишӣ дорад, ки ба воситаи он ҳам омӯзгор, мураббия ва кӯдакону раванди таълимро ба роҳ монда метавонанд.

Барномаи тахтаи электронӣ сода ва фаҳмо барои ҳар нафари соҳибмаълумот (маълумоти олӣ) ва соҳибзавқ дастрас мебошад. Тарзи ба кор даровардани он хеле одӣ буда, мушкилоти зиёдро ба бор намеоварад. Ҳар тахтаи электронӣ бо худ дискети насбкуниро доро мебошад, ки ба воситаи он дар компютер роҳандозӣ карда мешавад. Баъди насб кардани барнома аз фита дар мизи кории компютер нишонаи  пайдо мешавад.

Ба воситаи барномаи он фаъолияти амалӣ ва машғулияти таълимӣ ва тарбиявиро ҷорӣ кардан мумкин аст. Амалиёти ба мисли гузоштани

ҷадвали электронӣ, шаклҳои геометрӣ, сабти навор, сабти мизи корӣ, кашидани расм, ҳисоб кардан ва ғайраро яке аз қисми имкониятҳои он мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, ҳар як мураббия вобаста ба тарзи гузаронидани машғулиятҳо, синну соли кӯдакон, имкониятҳои зеҳнии онҳо ва дигар ҷанбаҳо метавонанд ба раванди таълим ва тарбия рӯҳу равияи нав ворид созанд [60, с 139].

Инчунин, мураббия метавонад дар рафти корҳои таълимӣ-тарбиявии худ бо ҳар кӯдак ба таври инфиродӣ кор карда, қобилиятҳои зеҳнии кӯдаконро дар алоҳидагӣ ташхис кунад. Чунин ҳолатҳоро ба инобат гирифта, мураббия дар вақти истифода кардани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба маҳорату малакаи худ такя мекунад. Кӯдакон низ ба воситаи тахтаи электронӣ бо осонӣ тасвир намудани ҳарфҳои алифбо, рақамҳо, тасвири шаклҳои геометрӣ, расмҳои дилхоҳро аз худ мекунанд ва метавонанд бо ин восита усули кор бо тахтаи электрониро биомӯзанд ва малакаи азхудкуниро пайдо кунанд. Дар зер якчанд тугмаҳои муҳимтарини барномаи тахтаи электрониро, ки барои кор дар тахтаи электронӣ муҳим мебошад, тавзеҳ медиҳем:

-тугмаи тасвири шаклҳои гуногуни геометрӣ

-хатпоккунак

-тугмаи масъалаҳои иҷрошуда аз рӯи ихтисос

-илова кардани саҳифаи нав

-калон ва хурд кардани қисмати варақаи корӣ

-иҷроиши масъалаҳои пешниҳодшуда

-нишон додани вақт дар шакли соат

-банаворгирии экрани компютер

-пайдо кардани саҳфакалиди электронӣ

-рангпошии мизи корӣ

-илова кардани матн дар вараќи корӣ

-қалам барои навиштан ва тасвир кардан

-сабт кардани овоз

-сурат гирифтани равзанаи корӣ

Тугмаҳои дар боло нишондодашуда дорои хосиятҳое мебошанд, ки онҳо мувофиқ ба ҳолатҳои муайян ба ‍тавҳри гуногун корбарӣ ва истифода мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки баъди ба кор даровардани компютер ва пайваст намудани он ба проектор, амали насбкунии фаврӣ (колибровка) ҳатмӣ мебошад. Дар акси ҳол, мушкилоти ҷузъӣ ба амал омадан мумкин аст. Барои мураттаб фаъолият намудани тахтаи электронӣ қоидаҳои махсус пешбинӣ карда шудааст, ки ҳангоми истифодаи он амалӣ мегардад (нигаред ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Масофагирӣ аз тахтаи электронӣ бахри саломатии кӯдакон**

| Масофаи проектор аз тахтаи электронӣ (м) | Паҳнии расми экран (м) | Масофаи мизи якум аз тахтаи электронӣ (м) |
|---|---|---|
| 4,0 | 1,2 | 2,4 |
| 3,5 | 1,0 | 2,1 |
| 3,0 | 0,9 | 1,8 |
| 2,5 | 0,75 | 1,5 |
| 2,0 | 0,6 | 1,2 |

Вазифаи асосии мураббия дар баробари омӯхтани барномаи компютерӣ, инчунин инкишоф додани хотира, фикррронӣ, идрок, ҷаҳонбинӣ ва нутқи кӯдакон мебошад. Ҳангоми истифодаи тахтаи

электронӣ хатари таъсироти манфӣ ба инсон асосан аз проектор ва компютери ба тахтаи электронӣ пайвастшуда таҳдид мекунад. Тахтаи электронӣ нурро аз проектор инъикос намуда, иттилоотро аз компютер қабул ва ба он интиқол медиҳад. Дар ин ҳолат афканишоти нур дар проектор ва таъсири майдони магнитӣ дар худи компютер ба амал меояд. Хулоса, компютерҳои ҳамадон, тахтаҳои электронии интерактивӣ дар инкишофи зеҳнӣ ва равонии кӯдакон муфид арзёбӣ гашта, барои мураббияҳо ёрдамчии иловагӣ ҳисобида мешавад. Тахтаи электронӣ дар ҳамбастагӣ бо проектор таҷҳизоти муҳиме ба шумор мераванд, ки дар раванди кори таълиму тарбиявӣ нақши муҳимро мебозанд.

*Проектор* дар ҳамҷоягӣ бо тахтаи электронӣ воситаи муҳиме ҳангоми амалисозии фаъолияти таълимӣ мебошад, зеро ба воситаи он мураббия ҳангоми таълими маводи нав ба кӯдакон ёрии амалӣ мерасонад. Ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои дохилимуассисавӣ бо кормандон кӯмаки зиёд мерасонад. Мураббия метавонад тамошои дастаҷамъонаи наворҳои кӯтоҳҳаҷми тарбиявӣ, филми тасвирӣ, намунаи машғулиятҳои таълимӣ ба истифодаи методҳои фаъоли таълим, машғулиятҳои намунавии анъанавӣ, ҷамъбастӣ, комплексӣ, ташкилу баргузории саёҳат, меҳнати кӯдакон дар табиат рафти чорабиниҳои фарҳангии идона ва ҷашну воқеаҳои ҳаётан муҳим ва ғайраҳоро бо истифода аз экрани калон тамошо намояд.

*Сканери техникӣ* таҷҳизоти иловагии компютер ба ҳисоб рафта, ба воситаи он маълумотҳои зарурӣ дар шакли рақамӣ ба компютер барои таҳрир ва нигоҳдорӣ ворид карда мешавад. Соли 1902 аз ҷониби физики олмонӣ Артур Корн технологияи нусхабардории фотоэлектрикӣ кашф шуд, ки он баъдан номи телефаксро гирифт. Принсипи кори он тариқи вертикалӣ ҳаракат кардани элементи нусхабардоранда мебошад. Он элемент ба тарзи сатр ба сатр матну расмҳоро нусхабардорӣ мекунад. Чӣ қадаре ки нуқтаҳои нусхабардоранда дар сканер зиёд бошад, ҳамон қадар нусхаи бардоштаи таҷҳизот сифати баландро доро мешавад. Ин нуқтаҳоро бо дюйм ҳисоб менамоянд, яъне шумораи нуқта дар як дюйм dpi (dots per

inch) мебошад. Нусхабардории муътадил ҳангоми қабули иттилооти графикӣ ба сканер бояд доираи 600 dpi то 1200 dpi-ро ташкил диҳад.

*Технологияи биометрикӣ*, ки сканер сохтори таркибии ин технологияро ташкил медиҳад, сол аз сол такмилу ишкишоф меёбанд. Талабот нисбати ин воситаи технологии таълим зиёд буда, ҷомеаи муосир онро инчунин дар хонаву коргоҳ низ истифода мебарад.




**Расми 6. Таҷҳизотҳои гирандаи маъмутотҳои биометрикӣ**

Бо ёрии низоми программаҳои махсус компютер метавонад аломат-символҳои матн ё элементҳои расму графикҳои ба воситаи сканер дохилкардашударо қабул ва ташхис карда барояд. Сканерҳои ҳозиразамон ҳатто матнҳои дастнависро низ ба компютер дохил карда метавонанд. Барои аз коғаз ба мошин дохил намудани иттилоот сканер таҷҳизоти беҳамтост. Сканерҳо ҳам ба мисли дигар асбобҳо хеле гуногунанд: рӯимизӣ, барабанӣ, дастӣ, ранга, сиёҳу сафед, арзишашон қиммат, арзон ва ғайра. Тибқи маълумоти маҷаллаи британиёии Partners Consulting то соли 2022 қариб дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва коргоҳу ташкилотҳо низоми биометрикӣ ҷорӣ мегардад (нигаред ба расми 6).

Зарурати истифодабарии технологияҳои “блютуз” (Bluetooth) ва “вай-фай” (Wi-Fi) зиёд гардида истодаанд. Технологияи бесими масофаи расиши мавҷаш маҳдуд, 10 метр ва зиёда аз ин пайвастшавии ҳамҷояи то 70 таҷҳизотро ба ҳам метавонад таъмин кунад. Дар бисёр соҳаҳои ҳаёти инсон технологияи бесим татбиқи васеъ ёфта истодааст. Ба мисли саҳфакалид, муш, флеш-кордҳо, соатҳои дастӣ, айнакҳои виртуалӣ, баландгӯякҳо, гӯшмонакҳои бесим ва ғайраҳо ба воситаи технологияи мазкур мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Аввалин нишонаҳои пайдоиши технологияи “блютуз” ҳанӯз соли 1994 дар шаҳри Лундеи Шведсия пайдо шуда буд, ки онро ширкати Эриксон (Ericsson) муаррифӣ намуд. Ин таҷҳизот аввалин намунаи технологияи бесим ба ҳисоб рафта, то имрӯз нуфузи худро аз даст надодааст.




**Расми 7. Фарогирии технологияи блютуз (Bluetooth)**

Блютуз-технология дар таҷҳизотҳои электронӣ ба мисли, телефонҳои мобилӣ, магнитофонҳо, гӯшмонакҳо, мушаки компютер, идоракунандаи телевизион, кондитсионер ва ғайраҳо васеъ истифода гардад. Ин технологияи бисёрмақсада дар ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ амалан истифода шуда истодааст [59, с 75].

Технология блютуз дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон имкони васеъ истифода шуданро дорад. Принтер, сканер, планшет, компютерҳои фардӣ, баландгӯяк ва ноутбукҳо метавонанд ба воситаи блютуз бо ҳам робита барқарор кунанд, ки дар натиҷа гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ва

дигар амалҳо осон ба роҳ монда мешавад. Чунин вазъ имконият медиҳад, ки вақти зиёд сарфа гашта, ҳуҷҷатгузорӣ дар шакли электронӣ ва дигар амалҳои муассиса ба таври марказонида ба роҳ монда шавад.

Технологияи WI-FI дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон нақши муҳим дорад. Соли 1998 дар дар шаҳри Канбераи Австралия тағйироти навро дар технологияҳои муосир ворид карданд. Муҳандиси ширкати ситорашиносии CSIRO (Commonwealth Scientific and Industrial Research Organisation) Ҷон Осаливен санади шабакаи бесими (протоколи) мубодилаи маълумотҳоро сохт. Соли 2009 стандарти маъмули он бо номи IEEE 802.11n рӯи кор омад, ки доираи мавҷаш аз 2,4 то 5 гигаҳертз ва суръати мубодилаи додаҳо то 150 Мбит/сония мерасид. Худи калимаи wi-fi аз ибораи англисии “Wireless Fidelity” гирифта шуда, маънояш “мубодаилаи бесими маълумотҳои дараҷаашон баланд” мебошад. Ин технология метавонад якбора якчанд таҷҳизотро ба ҳамдигар муттаҳид сохта, робитаи онҳоро бо Интернет таъмин намояд.

Дар шароити ҳозира технологияи бесим бо суръати тез инкишоф ва ташаккул ёфта, дар муҳити хонаводаю муассисаҳои таълимӣ, коргоҳҳои давлатию хусусӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Ин раванд як марҳила ва давраҳои ба миён омадани наслҳои нави технологияи бесим дар ҷадвали 4 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 4. Давраҳои инкишофи технологияи бесим

| Номи технология | Соли сохтани стандарт | Суръати мубодилаи маълумот | Наслҳои технология |
|---|---|---|---|
| 802.11a | 1999 | то 54 Мбит/с | |
| 802.11b | 1999 | то 11 Мбит/с | |
| 802.11g | 2003 | то 54 Мбит/с | |
| 802.11n | 2009 | то 600 Мбит/с | Wi-Fi 4 |
| 802.11ac | 2013 | то 6,77 Гбит/с | Wi-Fi 5 |
| 802.11ax | 2019 | то 11 Гбит/с | Wi-Fi 6 |

Технологияи бесим дар ташкилотҳои тиҷоратии хурду бузург, бонкҳо, ташкилотҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ истифода мешавад. Шабаки Интернет, камераҳои назоратӣ, телефонҳои мобилӣ, почтаи электронӣ, шабакаи марказии локалӣ ва дигар таҷҳизотҳои электронӣ ба воситаи технологияи бесим дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда шуда истодааст. Технологияи бесим барои сарфа кардани хароҷоти зиёдатӣ дар харидории ноқилҳо, таҷҳизотҳои иловагӣ имконият медиҳад. Паҳноии мавҷи он то 100 метрро дар бар гирифта, аз ҳуҷраи як бино то бинои дигар расанда мебошад [59, с 84].

Истифодаи *камераҳои назоратӣ* дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ хеле арзишманд ҳисобида мешавад. Низоми назоратии электронӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва миёнаи умумӣ татбиқ гардида истодааст. Роҳбарияти муассисаи таълимӣ метавонад бидуни мушкилот фаъолияти касбии кормандонро назорат ва баҳодиҳӣ намуда, навори ба даст овардашударо дар Шӯрои педагогӣ мавриди баррасӣ қарор бидиҳанд.

Чопгар (калимаи англисии *printer* – принтер, таҷҳизоти чопкунӣ) таҷҳизоте мебошад, ки барои нашр намудани иттилооти таъиноти гуногун дар варақҳои ҳаҷмашон муайян хизмат мерасонад. Он метавонад ҳамчун ҷиҳози чопкунандаи ҳар гуна расмҳои тасвиркардашударо барои мураббия ва кӯдакон хизмат намояд. Ҳоло чопгарҳои сеченака истеҳсол шудаанд ва дар муассисаҳои таълимӣ то дараҷае истифода шуда истодаанд.

Бояд қайд кард, ки чопгар тайи чанд сол таҷҳизоти асосии ихроҷкунандаи иттилооти графикӣ гардидааст. Ба воситаи чопгар на танҳо иттилооти матнӣ, инчунин расму графикҳоро низ чоп намудан мумкин аст. Чопгарҳо ҳам, ба мисли мониторҳо иттилооти тасвиршавандаро дар намуди ранга ва сиёҳу-сафед хориҷ карда метавонанд. Чопгарҳои ранга аз чопгарҳои муқаррарӣ гаронарзиштаранд.

Ҳоло намудҳои гуногуни чопгарҳо дар шакли чопгар-сканер-факс сохта шудаанд. Дар аввали пайдоишашон чопгарҳо дар шакли монохромӣ

истеҳсол мешуданд, ба мисли сиёҳу-сафед, кабуд ё сабз ва ғайраҳо.

Мураббия ҳангоми кор бо компютер, ки ба он чопгар насб шудааст, расми ашёҳо, тасвири сабзавоту меваҳо, дарахтҳо, ҳайвоноту паррандаҳо ва ғайраҳоро тасвир намуда, дар варақ чоп мекунад ва онро ба кӯдакон пешкаш менамояд. Иҷрои ин амал яке аз роҳҳои инкишоф додани тафаккур ва фаъолияти фикрронӣ мебошад. Чунин расмҳо барои рангу ороишдиҳӣ дар машғулиятҳои расмкашӣ, ташаккулдиҳии тасаввуротҳои аввалини математикӣ, инкишоф додани нутқ, шиносоӣ ба ашёҳо, табиат ва ғайраҳо хизмат мерасонанд [67, с 69].

Бо истифода аз таҷҳизоти чопгар мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ расмҳоро барои рангу ороишдиҳӣ барои машғулиятҳои расмкашӣ омода намоянд. Ин амал имконият медиҳад дар кӯдакон маҳорату малакаҳои шинохтан ва интихоб намудану истифодабарии рангҳои мувофиқ, омода намудани ҳаракати панҷаҳои даст барои хатнависӣ, ҳисси зебоиофарӣ ва ғайраҳо инкишоф дода шавад.



Расми 8. Расмҳо барои рангу ороишдиҳӣ

Чопгар барои амалӣ кардани корҳои ҳуҷҷатнигорӣ барои муассисаҳои таълимӣ ёрдамчии хуб мебошад. Бидуни чопгар гардиши ҳуҷҷатҳои муассисаро дар шакли муқаррарӣ амалӣ кардан номумкин мегардад. Барои насб ва истифода кардани он дар муассисаҳои томактабӣ мушкилоти зиёдро ба бор намеоварад. Танҳо як маротиба ворид кардани

барномаи он дар компютер вақти зиёдеро намегирад ва барои мураббияҳо доштани дониши муқаддимавии компютерӣ кифоя мебошад.

Педагоги бузург В.А. Сухомлинский ияброз доштааст, ки “бе фаъолияти бозӣ инкишофи ақлонӣ намешавад ва нахоҳад буд. Бозӣ ин равзанаи калони равшанидиҳандае мебошад, ки ба ҳаёти равонии кӯдак тасаввуротҳои нав ворид месозад”. Ҳар лаҳзаву замон намудҳои нави бозиҳои дилчаспу гуворои тарбиявӣ ва омӯзишӣ дар шабакаи Интернет барои истифодабарандагон пешниҳод гардида истодааст. Ҳоло шабакаи Интернет воситаи барномавии бузургтарини омӯзишӣ ва манбаи асосии маълумотҳо ба ҳисоб рафта, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсоният васеъ истифода шуда истодааст. Роҳу воситаҳои истифодабарии воситаҳои таълимии татбиқшаванда бо шабакаи Интернет беш аз пеш зиёд шуда, барои боз ҳам шавқовар гаштани машғулиятҳои таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилотӣ васеъ татбиқ мегардад [177, с 27].

Нишонаҳои аввалини пайдоиши шабакаи Интернет солҳои 50-уми асри гузашта имконпазир гардид. Масири он кишварҳои Британиё, Фаронса ва Иёлоти Муттаҳидаи Америкоро фаро гирифта буд. Лоиҳа номи “Арпанет” (Arpanet)-ро гирифт, ки аз ҷониби ширкати америкоии “ДАРПА” (DARPA) пешниҳод карда шуда буд. Санаи пайдоиши шабакаи умумиҷаҳонӣ бошад, 29-октябри соли 1969 дар маҷаллаи озмоишгоҳи донишгоҳи Калифорния ба қайд гирифта шудааст. Соли 1974 аввалин маротиба калимаи Интернет истифода гардид, ки онро Винтон Серф ва Боб Кан ба илм ворид карданд. Он аз аввали калимаҳои Internal ва Network (шабакаи дохилӣ) гирифта шудааст. Аммо то имрӯз маънои он дигаргун шудааст ва он ба маънои “шабакаи шабакаҳо” паҳн гаштааст. Солҳои 90-ум шабакаи Интернет ба авҷи тараққиёти худ расид, ҳазорон нафар одамон аз ин шабака бо камоли майл истифода мекарданд. Марҳила ба марҳила ба шабакаи Интернет кишварҳои олам пайваст мешуданд ва масири он то ба шарқи Аврупо, шимоли Африқо расид [87, 192]. Дар давоми солҳои мавҷудияти худ шабакаи Интернет ба одамон роҳи осони

корро нишон дод ва ҳоло бошад, одамон ба воситаи он таҳсилу маълумотгирӣ, робитаю муошират, тиҷорату мубодилаи афкори гуногунро ба роҳ мондаанд.

Барои рушди босуботи соҳаи маориф зарурати қабул ва амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ пеш омад. Яке аз ҳадафҳои он таҳияи сатҳи баланди фарҳанги иттилоотии одамон мебошад. Истифодабарии захираҳои Интернет дар таҷрибаи педагогии мураббияҳо нақши калонро мебозад. Шубҳаовар нест, агар дар раванди таълим ва тарбияи кӯдакони синни калони томактабӣ мураббияҳо аз имкониятҳои технологияҳои интернетӣ истифода кунанд, таҷрибаи худро ба ҳамкасбону ҳамақидаҳо баррасӣ намоянд, аз дарёфту пешрафти дигарон огоҳ гардида, дониш, маҳорату малакаҳои касбии худро комилу самарабахш гардонанд.

Барои дар муассисаи томактабӣ ташкил намудани низоми ягонаи мубодилаи ахбор, сохтани шабакаи маҳалии компютерӣ ҳатмӣ мебошад. Барои дуруст фаъолият намудани компютерҳои муассисаи томактабӣ бояд ба шабакаи интернет дастрасӣ дошта бошанд ва дар бораи барномаҳои омӯзишии марбут ба таълими кӯдакон маълумот дошта бошанд. Беҳтарин намунаи истифодабарии шабакаи Интернет дар фаъолияти мураттаби сомонаи муассиса, почтаи электронӣ ва марказҳои ягонаи табодули маълумот миёни муассисаҳои таълимӣ намудор мегардад. Мураббия метавонад аз захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет дар ҳадафҳои зерин васеъ истифода барад:

1) Худшиносӣ, худтакмилдиҳии сатҳи касбият дар асоси иттилооти шабакаи интернетӣ, омӯзиши таҷрибаи ҳамкасбони ватанию хориҷӣ.
2) Дастрас намудани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ аз сомонаҳои таҳсилотии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва маҳалии кишвар.

   Дастрасии иттилоот дар бораи пешравиҳои технологии навтарин низоми маориф ва ба нашрияҳои маҷаллаву рӯзномаҳои вобаста ба муассисаҳои томактабӣ;

3) Таҳия кардани маводҳои ёридиҳандаи таълимӣ барои кӯдакони синни калони томактабӣ. Истифодабарии маводҳои таълимию методӣ аз шабака дар раванди кори таълиму тарбиявӣ.
4) Шиносоӣ бо дастурҳои методию таълимӣ аёниятҳои таълимӣ ва харидории онҳо тавассути почта ва ё дар шакли электронӣ.
5) Интишори дастовардҳои методӣ ва таълимӣ тавассути мақола, гузориш дар шабакаи Интернет ва иштирок кардан ба таври зинда дар семинарҳову конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои методӣ дар сатҳи ноҳия, шаҳр, вилоят, ҷумҳурӣ.
6) Таҳсил намудан ба воситаи шабакаи Интернет дар низоми таҳсилоти фосилавӣ, ҷустуҷӯи ҳамфикрону ҳамкорон ва оростани суҳбат и фосилавӣ ба воситаи шабакаи Интернет.

Истифодабарандагон маълумотҳои лозимиро аз манбаъҳои муътамади шабакаи Интернет дастрасӣ карда метавонанд. Дастрас намудани маълумоти лозимӣ аз шабакаи Интернет барои истифодабарандагон мушкилиро ба пеш меорад, агар онҳо ба манбаъҳои интернетӣ обуна нашуда бошанд. Барои муассисаҳои томактабӣ шабакаи Интернет сабту наворҳои таълимӣ, маводҳои электронӣ, бозиҳои омӯзишӣ, тарбиявӣ ва ғайраҳоро пешниҳод менамояд.

Гузоштани маҳдудияти дастрасӣ ба маълумотро низ ба воситаи барномаҳои махсус амалӣ кардан мумкин мебошад, ки он барои маҳфуз нигоҳ доштани маълумотҳои дохилӣ низ муҳим аст. Волидон метавонанд дар сомонаҳои номувофиқ ба синну сол маҳдудият гузоранд ва ба ҷои он суроғаи сомонаҳои муфидро тайёр карда гузоранд. Барои мисол яке аз сӯроғаҳои сомонаҳои дилхушкунанда барои кӯдакону наврасонро дар зер дарҷ намудаем, ки нашри муфассали он дар бахши “Сомонаҳои интернетӣ” оварда шудааст:

*http://www.kindereducation.com // - ҳамаи маводҳо дар бораи омӯзиш ва дилхушии кӯдакон пешбинӣ шудааст. Дар сомона бозиҳои хушҳолкунанда бениҳоят зиёд мебошад.*

Ворид шудан ба чунин сомонаҳои таълимӣ барои кӯдакон муфид арзёбӣ мегардад. Зеро ҳамоҳангсозии фаъолияти бозӣ ва маводҳои таълимӣ барои кӯдакон диққатҷалбкунанда буда, шавқу ҳаваси онҳоро ба омӯзиши маводи нав бедор месозад.

Почтаи электронӣ яке аз дастовардҳои бузурги технологияҳои компютерӣ ва яке аз намудҳои бештари истифодашавандаи хизматгузориҳои шабакаи Интернет мебошад, ки он дар раванди кори таълимию тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ нақши муҳим дорад. Вай воситаи қулай ва боэътимоди муошırату маълумотгирӣ буда, тавассути он хабару гузориш, ҳуҷҷату маълумотҳои зарурӣ фавран дар зарфи якчанд дақиқа ба нуқтаи дилхоҳи замин рафта, бо вуҷуди ин, почтаи электронӣ ҳамагӣ 5%-и шабакаро банд мекунад. Ирсоли мактубҳо дар дохили шабакаи Интернет бе дастнигарии инсон амалӣ мегардад, яъне худкор (ба таври автоматӣ) фаъолият мекунанд. Маълумоти ирсолшуда ҳатто ба воситаи телефони мобилие, ки ба шабакаи Интернет пайваст шудааст, қабул гардида метавонад.

Барои ҷорӣ намудани низоми ҳуҷҷатгузории электронӣ муассисаҳои томактабӣ бояд ҳатман дар шабакаи Интернет суроғаи электронии худро дар шакли почтаи электронӣ дошта бошанд. Ҷорӣ кардани низоми электронии гардиши ҳуҷҷатҳо миёни муассисаҳои таълимӣ қулай мебошад. Пас аз обуна шудан почтаи электронӣ барои муштарӣ қуттии шахсиро пешниҳод мекунад. Дар он қуттӣ истифодабаранда метавонад дигар маводҳои электрониашро нигоҳ дорад. Дар лаҳзаҳои лозимӣ дар ҳар куҷо, ки ба шабакаи Интернет дастрасӣ дошта бошад, маълумоти лозимиашро бо худ мегирад [89, с 62].

Муассисаи томактабӣ ҳангоми истифодабарии почтаи электронӣ бояд якчанд талаботро тибқи қоида риоя намояд:

1. Почтаи электронӣ дар муассисаҳои томактабӣ танҳо бо мақсади фаъолияти мустақими таҳсилотӣ, иттилоотӣ ва бо розигии тарафайн роҳандозӣ карда шавад;

2. Бо ҳамаи маълумотҳо ва файлҳои интиқолшаванда ташхиси амиқро гузашта, бо барномаҳои зиддивирусӣ санҷида шаванд;
3. Номаҳо ва ҳуҷҷатҳои электронӣ бояд дар муассиса сабти аломат карда шуда, зери назорати қатъӣ қарор гиранд;
4. Ҳар як маводи методӣ-таълимӣ ва ё маълумотдиҳӣ ҳамҷоя бо номаи хабарӣ равон карда шавад;
5. Ҳангоми қабул кардани мавод мутасаддии почта бояд онро сабти ном кунад, ба роҳбари муассиса пешниҳод намояд ва баъди он ба суроғаи лозима ирсол созад;
6. Истифодабарандагони почтаи электронӣ бояд ба суроғаи интиқолшаванда эҳтироми хоса гузоранд, пеш аз интиқоли ҳуҷҷат паёмро тафтиш намоянд, дар охири он ному насаб ва имзои худро гузоранд;
7. Истифодбарандагони почтаи электронӣ бояд меъёрҳои лозимаро ба монанди, зиёд накардани ҳаҷми маълумоти интиқолшаванда аз ҳаҷми 30 мегабайт, тафтиш кардани маълумот бо барномаи зиддивирусӣ, нигоҳ доштани муомила ва муносибати хуб ҳангоми фиристондани паём ва ғайраро риоя кунанд.

Низоми муомилот дар почтаи электронӣ ба кори мукотиботи муқаррарӣ хеле монанд аст. Бо ёрии барномаи махсус паём, санад, ҳуҷҷат, намоиш, китоби электронӣ ва ғайраҳо дар шакли нома тайёр карда шуда, он дар пӯшаи (файли) бойгонишуда нигоҳ дошта мешавад. Гӯшаи бойгонишударо роҳбари муассиса (дар шакли папкаи электронӣ) метавонад бевосита ба суроғаи лозима равон кунад ва ё ба воситаи масъули сомона амалӣ созад. Дар бисёр ташкилотҳо ва муассисаҳои таълимӣ Маркази ягонаи мубодилаи маълумот таъсис дода шудааст, ки он барои роҳандозӣ намудани чунин амалиёт мусоидати амиқ мекунад. Мактубҳои тайёршуда ба воситаи шабакаи маҳаллӣ дар пӯшаи (файли) ягонаи Марказ ҷойгир карда мешавад ва тибқи реҷаи муайян ба суроғаи лозима интиқол меёбад. Ҳангоми дар пӯшаи (файли) ягонаи Марказ

ҷойгир кардани маълумоти интиқолшаванда бояд сана, вақт ва суроғаи он нишон дода шавад. Паёми интиқолшуда дар пӯшаи (файли) ягонаи марказ ҳамчун бойгонӣ боқӣ монда, дар ҳолати пайдо гаштани мушкилот дар шабака такроран фиристода мешавад. Чунин реҷа имконият медиҳад, ки паёмҳо дар вақти муайянгардида ба ҷои лозима интиқол ёбанд. Баъди ирсоли паём назоратчии суроғаунвон маводро қабул карда, дар муддати муайян ҷавоб ва хулосаи худро мефиристад.

Суроғаҳои почтаи электронӣ аз ду қисм иборат аст: қисми асосӣ ва иловагӣ, ки онҳоро рамзи «@» аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Аз тарафи рости ин рамз суроғаи компютере, ки дар шуъбаи алоқаи муштарӣ ҷойгир аст, нишон дода шудааст. Аз тарафи чапи рамз номи муштарӣ ва ё номи ташкилот гузошта мешавад, ки он қисми асосӣ маҳсуб меёбад. Сохтори суроғаи почтаи электронӣ гуногун буда, дар ҳоли ҳозир хизматрасониҳои гуногунро дар бар мегирад. Намунаҳои гуногуни суроғаи почтаи электронӣ дар зер нишон дода шудааст (нигаред ба расми 9).




**Расми 9. Намунаҳои почтаи электронӣ**

Дар бисёр адабиёти дохилӣ ва хориҷи кишвар почтаи электронӣ дар шакли E-mail ишора карда мешавад, ки он шакли муқаррарии почтаи электрониро ифода мекунад. Чунон ки дар боло қайд намудем, вазифаҳои почтаи электронӣ дар замони муосир бениҳоят васеъ карда шудааст.

Якчанд вазифаҳои почтаи электронӣ дар сатрҳои зерин нишон дода шудааст:

- қабул ва ирсоли иттилоот;
- эмин нигоҳ доштани маълумотҳои ирсолшуда дар муддатҳои дароз;
- ирсол намудани маълумотҳои ҳаҷман калон;
- ба муштариён ба таври автоматӣ посух гуфтан;
- нусхаи паёмҳоро ба якчанд суроғаи дигар фиристодан;
- бо якчанд суроғаҳо мубоҳиса намудан.

Тарзи сохтани почтаи электронӣ тамоман сода буда, ҳар нафар метавонад мустақилона онро барои худ таъсис диҳад. Дар саҳифаи асосии ҳар як захираи интернетӣ, ки хизматрасониҳои ройгони электронии пешниҳод мекунанд, як пайванде, ки барои ба тартиб даровардани почтаи электронӣ равона шудааст, вуҷуд дорад. Шумораи зиёди истифодабарандагон аз хизматрасониҳои интернетии почтаи электронии русӣ истифода мебаранд. Бинобар ин, таври сохтани почтаи электрониро дар он нишон медиҳем. Ин пайванд дар вақти навиштан метавонад аз тариқи www.yandex.ru чунин «Завести почтовый ящик» номгузорӣ карда шавад. Баъд аз бо мушак пахш кардани ин пайванд дар экран, равзанаи робитавӣ нишон дода мешавад.

Раванди бақайдгирии почтаи электронӣ сода ва муқаррарӣ мебошад. Дар сатрҳои нишондодашуда маълумотҳои асосиро илова карда, суроғаи мувофиқро интихоб мекунем ва бо рамз онро махфӣ нигоҳ медорем (нигаред ба расми 10). Пас аз сабт кардани маълумотҳои иловакардашуда ба суроғаи худ ворид мешавем.




**Расми 10. Равзанаи бақайдгирӣ дар почтаи электронӣ**

Усули сохтан ва истифодабарии почтаи электронӣ дар муассисаҳои томактабӣ ба мисли дигар ташкилотҳо якранг мебошад. Ҳар нафар метавонад барои худ як намуди хизматрасонии почтавиро интихоб кунад. Хизматрасониҳои почтавии Yandex, Mail, Yahoo, Inbox, Gmail аз ҳама маъмултарин миёни истифодабарандагон ҳисобида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон одамон бисёртар аз абарпайванди www.mail.ru истифода мекунанд. Мутаассифона, дар муассисаҳои томактабӣ ҳайати кормандон миёни якдигар мукотибот ва иртиботро аз хизматрасонии почтавӣ кам истифода мекунанд. Сабаби асосии чунин вазъият дар набудани теъдоди кофии компютерҳои фардӣ ва шабакаи Интернет арзёбӣ мегардад [100, с 80].

Сомонаҳои интернетӣ усули муосири муаррифии ин ё он муассиса дар шабакаи Интернет мебошад. Ҳанӯз солҳои 90-уми асри гузашта дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико технологияи сомонасозӣ рушд намуда буд. Худи истилоҳи “сомона” аз мафҳуми англисии “site”-“ҷой” пайдо шудааст. Сомона дар шабакаи Интернет суроғаи ягонаро доро мебошад, ки онро суроғаи доменӣ меноманд. Суроғаи доменӣ шакли мувофиқи инъикоси номи сомона дар Интернет мебошад. Якумин сомонаи интернетӣ 20-уми декабри соли 1990 аз ҷониби Тим Бернерс-Ли сохта шудааст. Дар он вақт дар сомонаҳои интернетӣ иттилоотҳои матнӣ ва расмҳо намоиш дода

мешуданд. Бо гузашти вақт шакл ва дизайни сомонаҳо низ ба эътидол даромаданд ва диққатҷалбкунанда шудан гирифтанд. Сомонаҳои интернетӣ намудҳои гуногун дорад:

- Сомонаҳои корпоративӣ
- Феҳристи маҳсулотҳо
- Интернет-мағоза
- Сомонаи тарғиботӣ
- Сомонаи маводҳои таълимӣ-омӯзишӣ
- Сомонаҳои ҷустуҷӯӣ
- Сомонаҳои хизматрасонӣ
- Манбаъҳои абрӣ (дар почтаи электронӣ маҳфузбуда)
- Сомона-блогҳо
- Видеохостҳо (Видеодархост мисли сомонаи Youtube)
- Хизматрасонии почтавӣ
- Тахтаи эълонҳо
- Шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо.

Ҳамаи сомонаҳои дар боло зикрнамуда, бо мақсади ба даст овардани фоида, муаррифии маҳсулоту макон, ба роҳ мондани тиҷорат сохта ва пешкаши хоҳишмандон карда мешаванд. Дар ҳоли ҳозир миллионҳо ширкатҳои тиҷоратии хусусӣ ва давлатӣ фаъолияти худро ба воситаи шабакаи Интернет ба роҳ мондаанд. Муассисаҳои таълимӣ баҳри хубтару беҳтар ба роҳ мондани раванди таълим дар сомонаи интернетии худ маводҳои таълимӣ, нақшаву барномаҳои корӣ, адабиёти таълимию бадеӣ ва ҷадвали дарсҳоро дар шакли электронӣ ҷойгир мекунанд. Муассисаҳои томактабӣ дар сомонаи интернетии худ шарту шароити таҳсилотро дар муассисаи томактабӣ намоиш дода, диққати муштариёнро ба фаъолияти муассиса ҷалб мекунанд. Ба воситаи сомонаи муассисаи таълимӣ ба волидон тарғиб намудани намудҳои либосҳои кӯдакона, ҷиҳозу лавозимоти муҳим барои ташкил намудани раванди таълим (ҷиҳозҳои

конселярӣ), сару либоси маскарадӣ барои баргузор кардани чорабиниҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо имконпазир мебошад.

Муассисаи таълимии дорои сомонаи интернетӣ маҳфилҳои таълимию фарҳангии худро дар он метавонад ҷойгир созад. Дар сомонаи интернетӣ наворҳо аз лаҳзаҳои машғулиятҳои таълимӣ ҷойгир карда мешавад. Волидон ва ё дигар хоҳишмандон навори лаҳзаҳои машғулиятҳоро дар ҳолатҳои лозимӣ тамошо карда метавонанд.

Дар ҷаҳони муосир одамон ба манбаъҳои гуногуни иттилоот, ҷустуҷӯ, таҳрир ва қабули он ниёз доранд. То пайдо шудани манбаъҳои муосири электронӣ одамон аз усулҳои анъанавии дастрасӣ ба иттилоот (китоб, маҷалла, рӯзнома) истифода мекарданд. Ҳоло тамоми китобҳои бадеию илмӣ дар шакли электронӣ таҳия карда шуда, дар сомонаҳои интернетӣ дастраси истифодабарандагон гашта истодааст. Мураббияҳо ҳангоми раванди корҳои таълимию тарбиявӣ аз сарчашмаҳои гуногун истифода баранд, ба монанди:

*http://www.danilova.ru/-Дар сомонаи мазкур маводҳои омӯзишӣ барои тарбия ва инкишофи барвақтии кӯдакон пешниҳод карда шудааст.*

*http://www.lukoshko.net/ - сомона пур аз афсона мебошад. Дар он шеъру афсона ва ҳикояҳо дар бораи халқиятҳо, растаниҳо ва ҳайвонот гирд оварда шудааст.*

*http://www.kindereducation.com/ - ҳамаи маводҳо дар бораи омӯзиш ва дилхушии кӯдакон пешбинӣ шудааст. Дар сомона бозиҳои дилхоҳи дилхушкунанда (қисман дидактикӣ) бениҳоят зиёд мебошад.*

*http://prezentacii.com/detskie/ - сомона пур аз намоишҳо ва рӯнамоҳои тайёрро барои мураббияҳо пешкаш намуда, онҳоро бо таври эҷодӣ дар кори амалӣ истифода бурдан даъват менамояд.*

Шабакаи Интернет аз чунин сомонаҳои омӯзишӣ пур мебошад, ки барои дар сатҳи зарурӣ истифода намудани онҳо дар машғулиятҳои

таълимӣ мусоидат мекунанд. Роҳбари муассисаи таълимӣ метавонад кормандони худро ба манбаъҳои интернетӣ роҳнамоӣ созад ва аз сомонаҳои интернетӣ маводҳои омӯзиширо дастрас карда, пешкаши мураббияҳо гардонад. Барои сабт кардани маводҳои ёрирасони омӯзишӣ дар компютери махсус маводҳоро маҳфуз нигоҳ доштан имконият дорад ва дар ҳолати зарурӣ аз он бе мамоният ва бидуни шабакаи Интернет истифода бурда метавонанд [59, с75].

Барқароркунии объект ё субъекти ҳақиқӣ ва маҳдудкунии иҷозати истифодабарии корти махсус барои ворид гаштан ба бинои муассисаи таълимӣ кори кормандони ҳифзи бехатарӣ мебошад. Кормандон метавонанд аз кортҳои махсус, изи даст ва ё ворид намудани рамзи муайян дохили муассиса шаванд. Аз ҷониби дигар, ин амал имкон медиҳад, ки волидон дар кадом вақт кӯдаки худро ба муассисаи таълимӣ овардааст ва ё кай тарки он намудааст, муайян карда шавад.

Идентификатсия (муайянкунии иттилоот дар бораи шахси воридшаванда) – ин раванди ба объект ё субъект гузоштани номи махсус мебошад, ки ба воситаи он барномаи компютерии муайян маълумоти заруриро коркард менамояд. Чунин пешравии техникӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ниҳоят муҳим мебошад, зеро дар раванди кори таълиму тарбия нигоҳ доштани сатҳи баланди бехатарӣ дар муассиса амали аввалиндараҷа ба шумор меравад. Дар муассиса насб кардани камераҳои назоратӣ дар роҳрав ва даромадгоҳ хеле муҳим буда, ворид шудани шахсони бегонаро ба биноаю роҳрав ба танзим даровarda, бехатарии кормандону кӯдаконро таъмин месозад. Кормандоне, ки сари вақт ба муассисаи таълимии томактабӣ ворид мегарданд ва дар раванди таълиму тарбияи кӯдакон бетараф нестанд, метавонанд дар вақти муайянгардида муассисаи таълимиро тарк кунанд. Роҳбари муассиса баъди анҷоми моҳ бо пешниҳоди шахси масъули таъиншудаи (мушовир, раиси иттифоқи касаба) муассисаи таълимӣ кормандони намунавиро ҳавасмандгардонии маънавӣ

ва пулӣ мекунад. Чунин низоми кор маромнокии дигар кормандонро баланд карда, шавқу рағбатро нисбат ба фаъолияти корӣ зиёд мегардонад.

Ҳангоми мубодилаи иттилоот байни инсон ва компютер ташхиси аслии онҳо ба назар гирифта мешавад. Таҷҳизоти биометрикӣ дар ҳолати аксгирӣ ва қабули додаҳои ҳар як объект ва субъекти таҳриршавандаро дар хотираи худ сабт мекунад ва маълумотҳои бегонаро рухсат намедиҳад. Таҷҳизот дар пойгоҳи додаҳо ному насаб, синну сол, суроға, вазифа ва дараҷаи тахассуси кормандонро сабт карда, дар лаҳзаи зарурӣ дастраси масъули коргоҳ мегардонад [61, с86]. Бояд қайд кард, ки мисли дигар таҷҳизот ва технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ инкишофи низоми бақайдгирии электронӣ асосан ба ҳифзи ҳаёту саломатии кормандону кӯдакон, беҳдошти фаъолияти касбии мураббиён равона карда шудааст.

Яке аз равияҳои бехатарии таъминоти иттилоот, ки имрӯзҳо самаранок коркард шуда истодаанд, ба муассисаҳои таълимӣ марбут нестанд. Зеро дар он ҷо тарзи рамзгузорӣ ба воситаи криптография амалӣ мегардад, ки хоси дигар сохторҳо мебошад. Криптография (калимаи лотинии crypto-рамзгузорӣ, шифргузорӣ) усули рамзгузорӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи бехатарии иттилоот равона карда шудааст. Амали рамзгузорӣ бисёртар дар ҳуҷҷатҳои ниҳоят муҳими сатҳи давлатӣ истифода мешавад.

Ба ҳамаи бартариятҳои технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ нигоҳ накарда, мушкилоти истифодабарӣ ва зарари он дар намуди зерин ба миён омадаанд:

1. Номувофиқатии заминаи пулию молии муассисаи таълимии томактабӣ барои харидорӣ намудани технологияи иттилоотӣ-иртиботии зарурӣ. Барои ташкили чунин раванди кору фаъолият иштироки якчанд таҷҳизот муҳим шуморида мешавад. Ба мисли компютери фардӣ, проектор, воситаи овоздиҳӣ (колонка), тахтаи электронӣ, ки дар ҳар муассисаи таълимии томактабӣ онҳо вуҷуд надоранд.

2. Ҳифзи саломатии равонию ҷисмонии кӯдакон ҳангоми истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ. Иҷрои ин амал дар муассисаҳои таълимии томактабӣ заҳмати зиёд, қобилияту маҳорати ташкилотчигии роҳбари муассисаро талаб мекунад. Дар навбати худ дар утоқе, ки компютер ва дигар таҷҳизотҳо нигоҳ дошта мешаванд, бояд сатҳи намнокӣ паст, шиддати қувваи барқ дар низоми муайян, муътадилии ҳаво дар як сатҳ нигоҳ дошта шуда, аз кормандону истифодабарандагони таҷҳизотҳо риоя кардани қоидаҳои бехатарии техникӣ ва санитарию гигиениро талаб мекунад. Барои нигоҳ доштани ҳавои мусоиди дохили утоқ насб кардани кондитсионер муҳим аст. Баъди ҳар машғулияти таълимӣ гузаронидани машқи чашм бо иштироки мураббия ва кӯдакон ҳатмӣ ва манфиатовар мебошад.

3. Омодагии нокофии мураббияҳо барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ. Мураббия ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ аз рӯнамо (презентатсия) истифода барад ва дастрасӣ ба шабакаи Интернетро дошта бошад. Омода намудани мураббияҳо дар самти истифодабарии маводҳои омӯзишии электронӣ ва технологияҳои компютерӣ дар як марҳилаи муайян амалӣ карда мешавад. Ин раванд ба воситаи Барномаҳои давлатӣ ва аз ҷониби худи муассисаи томактабӣ ба роҳ монда мешавад.

Истифодабарии таҷҳизотҳои биометрӣ аз ҷумла камераҳои назоратӣ ва турникет низоми худкор ва бо ҳам пайвастагии ба худ хосеро доранд, ки дар расми зерин нишон дода шудааст.




**Расми 11. Низоми назорат ва таъмини бехатарии муассисаи таълимӣ**

Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ-иртиботӣ пурсамар мегардад, агар интихоб ва татбиқи дурусти методҳои истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди кори таълимӣ ва тарбиявӣ аз ҷониби мураббия бояд пурра амалӣ карда шавад.

## Хулосаи боби якум

1) Натиҷаи таҳлили назариявӣ ва амалии сарчашмаҳо собит менамояд, ки дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълим ва тарбия бо технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ барои кӯдакони синни томактабӣ самараи бештар медиҳад.

2) Раванди татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ дар ҳоли амалишавӣ мебошад. Дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ раванди амалишавии компютеркунинии муассисаҳои таълимӣ ба таври гуногун татбиқи худро ёфта истодааст. Барои мисол, агар Эстонияро зери назар оварем, дар муассисаҳои таълимии томактабии ин кишвар қариб тамоми амалиётҳо ба

таври электронӣ сурат мегиранд, агарчи нафароне низ ҳастанд, ки ба технологияҳои иттилоотӣ эътимод надоранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба муассисаҳои таълимӣ як қатор Барномаҳои давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар таҳия ва роҳандозӣ гардиданд. Мустаҳкам кардани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимии кишвар то ҳол дар ҳоли амалишавӣ мебошад.

3) Диққати роҳбарияти давлат нисбат ба таълиму тарбия дар зинаи аввали таҳсилот хеле зиёд мебошад. Дар ҳоли имрӯз муассисаҳои томактабӣ раванди босуръати инкишоф ва бозсозиро паси сар намуда истодаанд. Муассисаҳои навтаъсис бо тамоми шароитҳои муосири таълимӣ ва тарбиявӣ таъмин шуда истодаанд. Кӯдакони замони истиқлол хушбахттарин кӯдакон ба шумор мераванд, зеро рӯз аз рӯз шароити зиндагӣ ва таҳсил барои онҳо мусоид гашта истодааст.

4) Имконияти таълимии методҳои истифодаи технологияи муосири компютерӣ дар таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ аз тарафи мураббиён дар амалия кам истифода мегардад, ки ба натиҷаи раванди таълим таъсири манфӣ мерасонад.

5) Зарурати аз курсҳо ва семинарҳои такмили ихтисос гузаронидани кормандон ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ низ пеш омадааст, ки ба баланд гардидани сатҳу сифати таълим ва тарбия замина мешавад.

6) Кафедраҳои таълим ва тарбияи томактабиро зарур аст, ки дар мавриди тайёр намудани мутахассисони соҳаи тарбия ва таълими томактабӣ кӯшиши зиёд ба харҷ диҳанд ва сатҳу сифати малака ва дониши техникии донишҷӯёнро бештар диққат бидиҳанд.

7) Таҳия ва амалӣ гардидани Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ) ва дар асоси онҳо ба миён омадани Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон” ва дастуру маводҳои таълимӣ тарбиявӣ ба пешрафти

фаъолияти соҳаи томактабӣ мусоидат намуданд. Гузаштан ба низоми бисёрзинагии таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат, магистратура) беҳдошти тайёрии касбии кормандони соҳа бояд таъмин карда мешаванд.

8) Интихоб ва татбиқи дурусти методҳои истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди кори таълимӣ ва тарбиявӣ аз ҷониби мураббия бояд пурра амалӣ карда шавад.

Таҳлили маводе, ки дар боби якум дида баромада шуд, ба мо барои ба даст овардани ҳаҷми зиёди маълумоти ибтидоии назариявӣ ва эмпирикӣ, ташкили кор мувофиқи мақсадҳои дар муқаддима гузошташуда имконият дод. Маводҳое, ки аз омӯзиши таҷриба ба даст оварда шуд, барои фаҳмидани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала, тасдиқи ҷавоби аниқ оид ба муҳим будани мавзӯи таҳқиқот ва баровардани хулосаҳо кӯмаки калон расонид.

# Боби II. Амалияи тадбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## §1. Усулҳои истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ

Стратегияи давлатии рушди “Технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-ноябри соли 2003 таҳти №1174 тасдиқ шудааст, нишон медиҳад, ки иттилоотикунонии муассисаҳои давлатии таълимӣ ба гирифтани таҳсилоти босифат мусоидат мекунад. Ҳамчунин, дар ин санад қайд гардидааст, ки давлат дар соҳаи иттилоотонӣ бояд сиёсати ягонаи илмӣ-техникӣ ва саноатиро ба роҳ монад. Санади мазкур барои воридшавии Тоҷикистон ба табодули байналмилалии иттилоотӣ заминаи ҳуқуқӣ муҳайё месозад, муносибати бетартибонаро нисбат ба захираҳои иттилоотӣ ва иттилоотонии ҷомеа пешгирӣ менамояд.

Технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботиро вобаста ба синну соли кӯдакон ва таъсири мутақобилаи компютер ба онҳо, дар синни калони томактабӣ истифода мекунанд. Усулҳои истифодабарии ҳар як намуди технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд.

Қоидаҳо ва усулҳои бехатарии кор бо таҷҳизотҳои электрониро аз шабакаи Интернет бо пешниҳоди забонҳои гуногун дастрас кардан мумкин аст. Он дар шакли дастур барои дуруст насб кардани таҷҳизот, тарзи корбарӣ ва истифодаи дурусти он пешниҳод карда мешавад. Якчанд қоидаҳои бехатарие ҳастанд, ки бо риоя кардани онҳо таъсири манфии технологияҳои иттилоотӣ, ба хусус компютер кам мегардад. Тартиби иҷрои онҳо барои калонсолон, ҷавонону наврасон ва кӯдакон ба таври гуногун сурат мегирад. Масалан, тахтаи интерактивии электрониро дар муассисаи томактабӣ барои кӯдакони синни 3-5 сола низ тавсия медиҳанд. Аммо хусусиятҳои инкишофи ҷисмонӣ ва синну солии кӯдакон имкон

намедиҳад, ки онҳо бо тахтаи электронӣ сарукор гиранд. Тахтаи электронӣ метавонад ба инкишофи диққат, хотира, фикрронӣ, нутқ, шахсият ва малакаи фаъолияи таълимии кӯдакони синни калони томактабӣ таъсири мусбӣ расонад. Дар муассисаи томактабӣ шароити техникӣ фароҳам овардан дар шакли ҳуҷраи ҷудогона ба фоидаи муассиса, мураббияҳо ва кӯдакон мегардад. Зеро ҷудо кардани ҳуҷраи махсус дар муассиса аз манфиатҳои зерин холӣ нест:

-омӯзондани кӯдакон аз технологияҳои таълимии муосир амалӣ мегардад;

-маркази бозӣ ва ҷои вақтгузаронӣ дар вақти холигӣ мегардад;

-дар он ҷо иҷрои вазифаҳои таълимӣ сурат мегирад;

-гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ бо истифодаи технологияи компютерӣ миёни мураббияҳо имконпазир мешавад;

-барои амалӣ гардонидани корҳои илмӣ-методӣ ва амалии муассиса саҳм мегузорад;

-шинос намудани кӯдакон бо ТИИ имконият медиҳад, ки онҳо ба малакаҳои истифодабарии технологияҳои компютерӣ соҳиб гарданд ва ғайраҳо.

Дар фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ ба соҳаҳои зерин ҷудо мешавад:

- истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар вақти ташкили раванди кори таълимӣ-тарбиявӣ бо кӯдакон;
- истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди равобити байниҳамдигарӣ миёни педагогон ва волидон;
- истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванд ва ташкили корҳои методӣ бо кадрҳои педагогӣ;

Мушоҳида ва таҳлили фаъолияти кормандони муассисаҳои томактабӣ нишон медиҳад, ки дар раванди кори таълимӣ-тарбиявӣ педагогон метавонанд аз чунин таҷҳизотҳои технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ истифода менамоянд:

- Телевизион;
- Компютерҳо;
- Тахтаҳои электронӣ;
- Проектори чандрасонагӣ;
- DVD-иҷрокунанда (плеер) ;
- Принтер;
- Магнитофонҳо;
- Камераи назоратӣ;

Ворид кардани ТИИ ба раванди таълим нисбати усули таълими анъанавӣ чунин бартариятҳо дорад:

1. Технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ имконияти васеи истифодаи воситаҳои таълимро доро мебошад, зеро онҳо иттилоотро зудтар интиқол месозанд. Машҳуртарин воситаҳои технологияи рақамие, ки ҳаёти одамонро ба куллӣ иваз карданд ин – шабакаи Интернет, компютер, технологияи WI-FI, телефонҳои ҳушманд, почтаи электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Технологияи муосири электронӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, тиҷорат, бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ васеъ татбиқ шудааст. Ҳаракат, овоз, наворҳои рангаю ҷаззоб диққати кӯдаконро ба худ ҷалб мекунад ва бо истифодаи маводи омӯхташаванда шавқи онҳоро бедор месозад. Дараҷаи баланди омӯзиш ба мустаҳкам гаштани хотира ва тафаккури онҳо кӯмак мерасонад. Ба маводҳои электронии мубодилаи маълумот DVD, CD, компютери фардӣ ва ҳамроҳ, телевизиони моеъ-кристаллӣ, проектор, тахтаи интерактивӣ, бозиҳои таълимии компютерӣ, рӯнамоҳо, матн, ҳаракатҳои аниматсионӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотиро дар мустаҳкам намудани қобилияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, олимон дар корҳои илмии худ таҳқиқ намудаанд. Аз ҷумлаи онҳо Л.А. Парамонова, Л.С. Новоселова, Е.Н. Иванова, Н.П. Чудова ва ғайраҳо мебошанд.

2. Аёниятро таъмин менамояд, ки он барои дар сатҳи муносиб қабул кардани маводи омӯхташаванда шароит фароҳам меоварад. Бо ин

васила хотираи моторӣ, биноӣ ва шунавандагии кӯдакон мустаҳкам мегардад, ки дар инкишофи ақлию ҷисмонии кӯдакон муҳим арзёбӣ мегардад. Дар муассисаи томактабӣ ба сифати дастурдиҳанда мураббия амал мекунад. Дар ҳолати кор кардан бо барномаҳои компютерии Microsoft Office, Power Point, PhotoScape, Animation Maker раванди кор бо маводҳои электрониро диққатҷалбкунанда мегардонад ва таъсир расонидани маводи аёнӣ ба кӯдакон осон мешавад.

3. Рӯнамо-намоиш (слайд-шоу) ва порчаҳои видеоӣ имкон медиҳанд, ки он манзараҳое дар табиат руйдиҳанда ва бо чашм назорат кардани онҳо мушкил буда (ба мисли шукуфтани гул, боридани борон ва мавҷи баҳр), амалӣ карда шавад. Дар муҳити атроф ҳолатҳое мешаванд, ки онро бо чашми одӣ ва ё шунидан ғайриимкон мебошад (мисли овозҳои форами табиат, тарзи зиндагонии паррандаю ҳайвонҳо, осмону ситораҳо), тарҳрезӣ карданашон бо компютер имконпазир аст. Ҳангоми тартиб додани рӯнамо сохтани лоиҳаи он низ лозим мегардад, зеро кашидани лоиҳа принсипи системанокӣ ва пайдарпайиро таъмин месозад ва маводро диққатҷалбкунанда мегардонад.

4. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар кӯдакон эҳсоси мустақилиятро зиёд мегардонад ва иҷро кардани корҳои лозима хубтар мебошад (ба мисли ҷустуҷӯи маводҳои таълимӣ дар шабакаи Интернет). Агар мураббия аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бохабар бошад, ҳал кардани баъзе аз масоил ва дар фаъолияти кӯдакон ба воситаи мукотибаи почтавӣ ва ё бо сомонаи иҷтимоӣ пурсамар мегардад.

5. Бо технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ кор кардани кӯдакони имконияташон маҳдуд низ фоидаовар мебошад. Кӯдакони имконияташон маҳдуд низ аз мадди назари роҳбарияти кишвар дур нестанд. Марҳила ба марҳила фарогирӣ ба муассисаҳои таълимӣ ва таъминот бо техникаву таҷҳизотҳои лозимӣ барои чунин афрод муҷаҳҳаз шуда истодааст. Маромнокии кӯдаконро бо истифода аз ТИИ баланд бардошта, онҳоро ба омӯзиши илмҳои замонавӣ водор месозад.

6. Тахтаи электронӣ то ҷое самарабахш ва камзарар махсуб ёфта, аҳамияти таълимии калон дорад ва ҷиҳати тарбиявиаш низ кам нест. Ҳангоми тамошои филми тасвирӣ бо проектор бояд масофаи он аз сақф дар баландии 1-1,3 метр мавқеият дошта бошад. Кӯдакони нуқсонҳои биноӣ дошта, ҳангоми тамошои филмҳои тасвирӣ бояд эҳтиёткор бошанд. Онҳо метавонанд аз айнак истифода кунанд ва ё мавқеиятро мувофиқи дидгоҳи чашмон интихоб кунанд.

7. Тавсияҳои қатъии олимони асаб ва физиология он аст, ки кӯдакони синни калони томактабӣ ҳангоми амалӣ кардани фаъолияти таълимӣ аз компютер дар як рӯз як маротиба истифода кунанд ва дар як ҳафта миқдори машғулиятҳои аз се маротиба зиёд набошад.

Тибқи “Барномаи рушди муассисаҳои томактабии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2025 (банди 24)” бояд тамоми муассисаҳо бо маводҳои лозимаи таълимию методӣ, заминаи моддӣ-техникӣ, аз ҷумла ба маводҳои мултимедӣ таъмин карда шаванд. Муассисаи таълимии томактабии №17, 67, муассисаи томактабии хусусии ш. Душанбе, хонаи кӯдакони синни томактабии №1 шаҳри Душанбе ва бисёр дигар муассисаҳо бо компютерҳои рӯимизӣ, компютерҳои ҳамроҳ, тахтаҳои интерактивии электронӣ ва проектор таъмин карда шудаанд.

Шумораи зиёди муассисаҳои томактабӣ кӯшиш карда истодаанд, ки дар муассисаҳои томактабии онҳо низ техникаву технологияи муосири компютерӣ ворид карда шавад. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки сифати таълиму тарбия низ нисбати муассисаҳои томактабии дигар тафовути мусбат дорад. Дар баъзе аз муассисаи таълимии шаҳри Душанбе гурӯҳҳои русӣ низ фаъолият мекунад, ки кӯдакон метавонанд ҳамзамон дар баробари забони русӣ, ба омӯзиши забони англисӣ фаро гирифта шаванд. Мувофиқи талаботи Т.И. Бабаева, А.Г. Гогоберидзе, О.В. Солнтсева муаллифони Барномаи намунавии таълимии томактабӣ (Санкт-Петербург, 2014. 17с.), кӯдакони синни 4-7 сола бояд дар панҷ рӯзи машғулиятҳои

таълимиашон тақрибан 2-2,5 соат бо ТИИ фарогири таълиму тарбия шаванд.

Барои баланд бардоштани дониши компютерии худ мураббияҳо метавонанд аз манобеи омӯзишии озод истифода баранд. Яке аз чунин низоми омӯзиши озод, ки ҳар нафар дар вақти холигии худ аз он метавонад истифода намояд, ин лоиҳаи Coursera (созандагони лоиҳа Дафна Коллер ва Эндрю Ниг) мебошад. Танҳо соли 2012 дар сомонаи расмии он www.coursera.org як миллион омӯзанда аз 196 кишвари олам номнавис шуданд, ки он дар шакли ройгон дастраси истифодабарандагон карда мешавад.

Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ барои муошират бо мутахассисон ва муҳокимаи баъзе масъалаҳои фаврӣ низоми муошрати онлайн (online-дар хати алоқа ба таври зинда) ба роҳ мондан нишонаи иттилоотонии муассисаҳои таълимӣ мебошад. Як намуди муошират ба таври зинда ин телеконфронс (калимаи англисии – teleconference маънои суҳбат и фосилавиро дорад, ки ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба таври зинда амалӣ карда мешавад) низ дар ҳалли баъзе масъалаҳои ҳалталаб муфид аст. Муошрати зинда миёни кӯдакистон ва ҷомеа роҳи ҳалли якчанд мушкилотҳои фаъолияти таълиму тарбиявӣ, ташкилӣ ва идоракунии муассисаҳои томактабӣ буда метавонад. Телеконфронс миёни муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои давлатӣ маъруфияти хоса дорад. Телеконфронс тавассути сомонаҳои интернетӣ низ имконияти ташкил намудани маҷлису семинарҳои фосилавиро доро мебошад. Муассисаи таълимӣ метавонад сомонаи интернетии худро созмон диҳад ва ё ба воситаи рақами телефони муассиса соҳиби яке аз шабакаҳои иҷтимоӣ дар шабакаи Интернет бошад.

Конфронси телефонӣ бо иштироки мураббия, мушовир, духтур ва психолог барои ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба муассисаи томактабӣ ва кӯдакон мусоидат карда метавонад. Чунончи, омода намудани кӯдакон

ба мактаб, пешгирии ҳар гуна бемориҳои (Гепатит А, Covid-19, зуком ва ғайраҳо) ва дигар ҳолатҳо мубодилаи афкор мекунанд.

Интихоби тарҳи сохтани сомона ба нуфузи муассисаи таълимӣ бениҳоят аҳамиятнок мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаҳои ҳукумати электронӣ бараъло намудор аст, ба ин дар ҳар муассисаи давлатӣ мавҷуд будани сомонаи интернетӣ, китобхонаҳои электронӣ ва ғайра мисол шуда метавонад. Ташкил шудани Маркази миллии тестӣ ва дигар сохторҳое, ки ба таври электронӣ фаъолияти худро ба роҳ мондаанд, низ далели гуфтаҳои болост. Ин шароити мусоид имкон медиҳад, ки одамон аз ҷои истиқомат берун нашуда, аз воситаҳои иртиботии муосири электронӣ истифода намоянд ва дар бораи ин ё он муассиса маълумоти лозимиро дастрас намоянд ва амал кунанд. Симои муассисаи таълимӣ ва муаррифгари он дар шабакаи Интернет ин сомонаи интернетӣ ва ё суроғаи он дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Ба монанди дар шабакаи Интернет аз сомонаҳои интернетии муассисаҳои томактабии Тоҷикистон, ки аз рӯи моликият давлатӣ ва хусусӣ ҷӯён шудем, ки онҳо ангуштшуморанд. Сабаби асосии миқдори ками сомонаҳои интернетӣ гаронарзиш будани сатҳи хизматрасонии интернетиро дар кишвар нишон медиҳад. Дар баробари муассисаҳои давлатии томактабӣ инчунин, муассисаҳои томактабии хусусӣ низ аз сомонаҳои интернетӣ кам истифода мекунанд. Онҳо танҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ номнавис шуда, фаъолияти кории худро дар шакли электронӣ ба роҳ мондаанд. Сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои муаррифии муассисаҳои томактабӣ дар шабакаи Интернет нақши муҳим мебозанд, зеро дар замони муосир иттилооотро ба таври фосилавӣ дастрас кардан осон мебошад. Муассисаҳои томактабӣ метавонанд аз шабакаи иҷтимоии машҳури ҷаҳон: фейсбук, твиттер, вконтакте, инстаграм ва телеграм (facebook.com, vk.com, Twitter.com, mail.ru, Instagram.com, telegram.com) истифода баранд. Ин шабакаҳои иҷтимоӣ нисбат ба сомонаҳои интернетӣ камарзиш, мусоид ва дар истифодабарӣ дастрас

мебошанд. Таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо нишон доданд, ки муассисаҳои таълимии Тоҷикистон аз сомонаҳои иҷтимоӣ махсусан, шабакаи Фейсбук зиёдтар истифода мебаранд. Интиқол ва қабули ҳуҷҷатҳои электронӣ ба воситаи почтаи электронӣ босуръат ва бехатар амалӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, почтаи электронӣ воситаи муҳими мубодилаи маълумот миёни корбарон ба ҳисоб меравад. Ба воситаи он мубодилаи маълумотҳои ҳаҷмашон калон дар масофаҳои васеъ осон амалӣ мешавад.

Дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон истифодабарии ТИИ дар ҳоли рушд қарор дошта, масъулини соҳа собиқаи фаъолияти кории кишварҳои пешрафтаи оламро таҳқиқ ва дар амал татбиқ намуда истодаанд. Танҳо аз сабаби норасоии имкониятҳои молиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ ба таври комил муҷаҳҳаз нашудааст. Компютерҳои рӯимизӣ, камераҳои назоратӣ, проектор ва тахтаи электронӣ аз ҷумлаи қисмате аз технологияҳои иттилоотӣ мебошанд, ки дар муассисаҳои томактабӣ истифода мегарданд.

Дар марҳилаи инкишофи низоми маориф кормандони соҳаи маориф низ салоҳияти касбии худро мутобиқ ба талаби замон карда истодаанд. Мураббияҳо худ қоидаҳои бехатарии техникӣ, синитарӣ ва гигиении кор дар компютерро иҷро намуда, бо амали шоистаашон намунаи ибрати кӯдакон мегарданд. Суҳбат бо кормандон ва мушоҳидаи фаъолияти онҳо нишон дод, ки масофаи маркази экрани компютер аз чашми кӯдак атрофи 60 см фосиларо  таъмин намуда, вақти зиёдтарини истифодаи компютерро аз 25 дақиқа зиёд нанамоянд. Онҳо кӯшиш мекунанд фосилаи вақт барои истироҳат намудани узвҳои биноиро ҳатман риоя созанд. Дар ҳуҷрае, ки компютер насб карда шудааст, равшании лозима ва роҳи гардиши шамол бояд таъмин мегардад. Қоидаҳои мазкур дар шакли дастури таълимӣ пешниҳоди муассисаҳои таълимӣ гардида, фаъолияти мураббияҳо ҳангоми татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар кӯдакистон зери назорати роҳбар, равоншинос ва кормандони тиббӣ қарор мегирад [83, с 27].

Аз синни хурдӣ кӯдаконро бо бозиҳои одитарини шавқовари математикӣ шинос намудан, кори басо мушкил ҳисобида мешавад. Бозиҳои шавқовар маромнокии кӯдаконро бедор намуда, онҳоро ба омӯзиш моил месозад. Ба бозиҳои компютерии шавқовар «Ҳисоб кардан», «Ҷазираи арифметика», «Математика барои кӯдакон», «Алифбои ман», «Якҷоя суруд мехонем», «Ҳайвонҳоро мешиносем», «Рассоми ҷавон», «Ҷаҳони компютер» ва дигар намуди онҳо мисол шуда метавонад.

Арзишмандии истифодаи технологияи иттилоотии компютериро тибқи нишондоди муҳаққиқон М.А. Габоева, А.А. Немирич, С.А. Новоселов ва дигарон, дар мушоҳидаи таҷрибаи амалии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва кори таҳқиқотии худ амалӣ намуда, ба чунин натиҷа муваффақ гардидем:

-дар навори компютерӣ маводҳои таълимӣ дар шакли бозӣ пешниҳод карда мешаванд, ки он шавқу рағбати кӯдаконро ба омӯзиш зиёд мегардонад;

-маводҳо барои кӯдакон дар намуди образҳо фаҳмо, аниқ ва дастрас пешкаш карда шудаанд;

-истифодаи мусиқӣ, ҳаракату амалҳо дар тасвирҳо таваҷҷуҳи кӯдакро зиёдтар ба худ ҷалб менамояд;

-масъалаҳои омӯзишӣ, дастгирӣ ва руҳбаландкунии кӯдакон ҳангоми истифодаи компютер-омили муҳими рушди фаъолияти маърифатии кӯдакон шуда метавонад;

-мавҷудияти фардикунонии таълим зиёд мегардад;

-ба кӯдак имконияти мустақилона идора намудани суръат ва самти иҷрои вазифаҳои омӯзишӣ таъмин мешавад;

-ҳангоми кор бо маводҳои омӯзишӣ дар компютер дар кӯдак боварӣ ба тавоноӣ, нерӯи эҷодӣ, ёдгирии чизи нав зиёд мегардад;

-имконияти минбаъд амсиласозии лаҳзаҳои гуногуни ҳаётиро кӯдак ёд мегирад. Чунончи, сохтану истифодаи қолабҳои ҳавопаймо, ракетаҳо, пешгирии ҳодисаҳои гуногун: обхезӣ, сӯхтор ва ғайраҳо;

-имконияти дар компютер бартараф карда тавонистани хатоҳо ба кӯдак эътимоди дар ҳаёт бартараф карда тавонистани мушкилоту ғалату иштибоҳҳоро қавӣ мегардонад.

Матлаб аз хотиррасонӣ кардани амалҳои дар боло зикршуда, ин истифодабарии онҳо дар кӯдакистон мебошад, яъне дуруст истифода кардани компютер ва бозиҳои компютерӣ дар кӯдакистон мақсади асосии роҳбарияти муассисаи томактабӣ мебошад. Ҳоло шумораи зиёди маводҳои таълимӣ ва воситаҳои техникӣ бо забони русӣ ва англисӣ таҳия карда шудаанд ва на ҳар муассисаи томактабӣ истифодаи онҳоро ба таври лозимӣ ба роҳ мондааст. Барномаҳои омӯзишии компютерӣ ба забони давлатӣ дар замони наздик тарҷума шуда, дастраси муассисаҳои томактабӣ ва дигар хоҳишмандон карда мешавад. Компютерҳои ҳамадон низ бо барномаҳои компютерии дорои забони тоҷикӣ таҳия ва пешкаши муассисаҳои томактабӣ карда мешавад. Вобаста ба ин сатҳи таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ рушд намуда, кӯдакон бо тайёрии баланд ба мактаб қадам мениҳанд. Дар Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон”, барои ҳар гурӯҳи синнусолӣ тавсифномаи инкишофи равонию ҷисмонии кӯдак, хусусиятҳои ташкили ҳаёти кӯдак, реҷаи намунавии рӯз ва мазмуни корҳои равонӣ – педагогӣ оварда шудааст. Тағйиротҳои синнусолиро ба инобат гирифта, барои ҳар давраи синну сол бароҳмонии реҷаи намунавии рӯз ва таълиму тарбия муайян карда шудааст. Афзалиятнокии реҷаи намунавии рӯз ва дар он ворид намудани маҳорати дуруст истифода кардани ТИИ барои кӯдакон назоратро аз болои онҳо кам намекунад.

Дар ташкилу гузаронидани машғулиятҳои расмкашӣ, инкишофи нутқ, омодагӣ ба саводомӯзӣ, ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикӣ, шиносоӣ бо муҳити атроф ва омӯзиши забонҳо (русӣ, англисӣ) аз компютер, проектор ва тахтаҳои электронӣ истифода бурда мешаванд. Масалан, барои ошно намудани кӯдакон ба дарки асарҳои санъати тасвирӣ, аввал тамошои манзараҳои табиат, олами набототу ҳайвонот

вобаста ба мавзуъ тахти оҳанги мусиқӣ намоиш дода мешаванд ва сипас кӯдакон акси онҳоро бо истифодаи қалами ранга, ранги акварелӣ, фломастер дар рӯи қоғаз тасвир менамоянд.

Дар муассисаи таълимӣ мураббия ҳаҷми сарбории таълимиро дар мувофиқа бо реҷаи намунавӣ назорат намуда, онро аз меъёрҳои муқаррарии муайяншуда ва қоидаҳои ҳадди аққали санитарию эпидемиологӣ зиёд намекунад. Таълим ва тарбия дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ (аз 1 солаю 6 моҳа то 6-7 солаҳо барои як ҳафта тибқи реҷаи рӯз ва ҷадвали машғулиятҳо ба роҳ монда шудаанд. Ташкили баргузории машғулиятҳои таълимӣ, ки онҳо аз моҳи сентябр то моҳи май идома меёбанд, дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 5.** Нақшаи намунавии таълимии муассисаҳои таълимии томактабӣ барои кӯдакони синни калони томактабӣ

| № | Машғулиятҳо | Миқдори машғулиятҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 4-5 сола | 5-6 сола | 6-7 сола |
| 1 | Шиносоӣ бо муҳити атроф. Тарбияи экологӣ | 1 | 0,5 | 0,5 |
| 2 | Инкишофи нутқ | 1 | 1 | 1 |
| 3 | Омодагӣ ба саводомӯзӣ | | 1 | 1 |
| 4 | Ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикӣ | 1 | 1 | 2 |
| 5 | Хештаншиносӣ | - | 0,5 | 0,5 |
| 6 | Бозӣ бо ашёҳо ва сохтани иморат | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| 7 | Меҳнати дастӣ | - | 0,5 | 0,5 |
| 8 | Шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ | 1 | 1 | 1 |
| 9 | Мусиқӣ | 2 | 2 | 2 |
| 10 | Тарбияи ҷисмонӣ | 3 | 3 | 3 |
| 11 | Расмкашӣ | 1 | 2 | 2 |
| 12 | Гулмонӣ | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| 13 | Суробсозӣ | 1 | 0,5 | 0,5 |
| 14 | Забони русӣ (барои гурӯҳҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ)<br>Забони тоҷикӣ (барои гурӯҳҳои таълимашон ба забони русӣ) | - | 1 | 2 |
| 15 | **Ҷамъ:** | 12 | 15 | 17 |
| 16 | **Давомнокии машғулият** | 20-25 дақ | 20-30 дақ | 30-35 дақ |

Миқдори машғулиятҳо тибқи нақшаи аз рӯи давомнокӣ, фосилаи байни вобаста ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон аз тарафи мураббия муайян ва ташкилу баргузор карда мешаванд.

Ду даҳсолаи охир муассисаҳои таълимии кишвар тадриҷан бо техникаву технологияҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шуда истодааст. Айни замон дар муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе баъзе аз навъҳои техникаи компютерӣ дар фаъолияти корӣ ва таълимии муассисаҳои томактабӣ васеъ истифода шуда истодааст. Аз ҷумлаи истифодаи компютер, чопгар (принтер), сканер, телевизион ва дигар таҷҳизотҳо фаъолияти корӣ ва таълимии муассисаҳои томактабиро осону сабук карда истодааст. Роҳбарияти муассисаҳои томактабӣ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки ТИИ дар раванди машғулиятҳои таълимӣ низ ворид карда шаванд. Қисмати зиёди ҳайати кормандони муассисаҳои томактабиро кадрҳои ҷавон ташкил медиҳад, ки онҳо аз уҳдаи истифода кардани компютер ва дигар таҷҳизотҳои электронӣ бояд ба хубӣ мебароянд.

Ҳангоми натиҷагирӣ аз мушоҳида, суҳбат ва пурсишнома мо малакаҳои кор бо технологияи иттилоотиро тибқи истифодаи кор бо тахтаи электронӣ муайян намудем.

Ҷадвали 6. Малакаи кор бо технологияи иттилоотӣ

| № | Ҳиссаи мураббияҳо | Дорои малакаҳои умумитехникӣ | Малакаи кор бо тахтаи электронӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | 100 % | 78 % | 22 % |

Сатҳи касбият ва маҳорату малакаи техникии мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ дар шакли диаграмма пешниҳод карда шудааст, ки онро ташвишовар ҳисобидан мумкин аст (нигаред ба диаграммаи 2).

Диаграммаи 2. Маҳорату малакаи техникии ҳайати кормандони муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе




Бояд қайд кард, ки дар кишвари мо қариб 90%-и одамон соҳиби телефонҳои мобилии замонавӣ мебошанд, ки имкони ба шабакаи Интернет пайваст шуданро доро ҳастанд. Шабакаи иҷтимоӣ воситаи муҳимтарини паҳн намудани маводи тарғибшаванда ба ҳисоб меравад. Ба воситаи телевизион низ дар вақтҳои зарурӣ кормандон машғулиятҳои таълимии намунавии худро гузаронида метавонанд.

Бозиҳои варзишӣ ва тарбияи ҷисмонии кӯдакон ба воситаи маводҳои тайёркардашудаи видеоӣ дар телевизион пешниҳоди кӯдакон карда мешавад, ки ин амал мисли машқи пагоҳирӯзӣ дастаҷамъона гузаронида мешавад. Кӯдакони синни томактабӣ дорои қобилияти фикррони аёнӣ-амалӣ мебошанд. Қоидаи асосии ташкили фаъолияти таълим дар ин синну сол, такя намудан ба аёният ба ҳисоб меравад. Мураббия бо истифода аз манбаъҳои интернетӣ ба тайёр кардани наворҳои шавқовари кӯтоҳмуддат ба раванди машғулиятҳои таълимӣ гуногунрангӣ мебахшад ва шавқи кӯдакони кунҷковро ба таълим зиёдтар мегардонад.

Дар раванди кори таълимии истифодабарии ТИИ-ро ба тарзҳои зерин таъмин карда мешаванд:

- истифода намудани манбаи иттилоотии шабакаи Интернет;
- сохтани рӯнамо (презентатсия) ё худ муаррифии маводи таълимӣ ;
- таҳия ва истифодаи барномаҳои худӣ (аз ҷониби худи муаллиф).

Яке аз масъалаҳои ҷиддӣ дар муассисаҳои томактабӣ мавҷуд будани андешаи волидон нисбати истифода намудани ТИИ мебошад. Бинобар ин, мо ташкили назарпурсиро бо волидон ҳатмӣ қарор додем. Дар сомонаи муассисаҳои томактабии пойгоҳии №17, №67, муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии дар шабакаи Интернет миёни волидони кӯдакон назарпурсӣ (анкета) доир ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои томактабӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи назарпурсӣ муайян карда шуд, ки 76%-и волидон ҷонибдор, 8% муқобил ва 16%-и онҳо дар ҷараёни назарпурсӣ иштирок накарданд ва бетарафии худро нисбат ба ин масъала нишон доданд (нигаред ба ҷадвали 6.1).

**Ҷадвали 6.1. Истифодабарии тахтаи электронӣ аз нигоҳи** волидон

| Миқдори умумӣ | Ҷонибдор | Муқобил | Бетараф |
|---|---|---|---|
| 156 | 119 | 12 | 25 |
| 100% | 76% | 8% | 16% |

Шакли графикии ҷадвали 6.1 дар диаграммаи 3 бо фоиз нишон дода шудааст.

Диаграммаи 3. Назарпурсии волидон дар шакли графикӣ




Ба кори таҷрибавӣ кудакони таълимашон бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ интихоб карда шудаанд. Волидони кӯдаконе, ки дар гурӯҳи русӣ тадрис дода мешаванд, онҳо муқобили истифодабарии компютер ва

тахтаҳои электронӣ нестанд. Инкишофи нутқ, муошират ва азхудкунии малакаҳои нутқронӣ ва минбаъд дар мактаб маҳорату малакаҳои нутқи шифоҳию хаттӣ раванди мураккаб мебошанд, ки дар муддати он кӯдак истифодаи бошууронаи калима ва ибораҳоро барои ифодаи фикри худ дарк намуда, чӣ тарз истифода намудани онҳоро дар муошират дониста мегирад. Мавриди инкишофи нутқи кӯдакон маҳоратҳои баёни фикр, бо ҳамдигар мубодилаи афкор намудан ва бодиққат гӯш кардани дигарон ба ҳисоб гирифта мешаванд, меомӯзад. Тибқи талаботи “Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақти кӯдак (аз аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ)”, инкишофи нутқ, омодагӣ ба саводомӯзӣ, хондан, муошират ва маҳорати гӯш карданро дар давоми машғулиятҳои таълимӣ бояд кӯдак аз худ намояд.

Ҷадвали 6.2. Талаботи таълимӣ тибқи Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) сола) ва Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон”.

| **Синну сол** | **Стандарт** | **Индикатор** | **Фаъолияти таълимӣ** |
|---|---|---|---|
| 5-7(6) сола | Кӯдак бояд маҳорату малакаи дарк намудани мазмуни нутқи шифоҳиро дошта бошад. | Кӯдак дар бораи ҳодиса ва афсонаи шинос нақл намуда, пайиҳамии мазмуни воқеаро риоя мекунад | Педагог ба кӯдак имконияти нақл кардани воқеа, саҳнача ва афсонаро муҳайё созад |
| | Кӯдак бояд фикрашро оид ба расму тасвир баён карда тавонад ва аз тахтаи электронӣ онро ҷудо намояд | Кӯдак бояд дар муошират калимаҳои мувофиқро истифода намояд, овозро мустақилона талаффуз кунад ва суробу шаклҳоро ранг карда тавонад | Педагог бояд бозиҳои гуногунро тавассути тахтаи электронӣ ташкил кунад ва персонажи асосиро ба дигарон шинос намояд |

Кӯдакон аз синни чор солагӣ кашидани расм, тамошои наворҳои шавқоварро дӯст медоранд, агар ин амалҳоро дар тахтаи электронӣ иҷро кунанд, дар як амал иҷрои ду вазифа таъмин мегардад. Мураббияҳо имконияти ба воситаи компютер дар тахтаи электронӣ намоиш додани

растаниҳо, меваҷот, ҳайвонот, ошноӣ бо муҳити атроф, узвҳои бадани инсон ва ғайраҳоро бо се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) доранд. Иҷрои ин вазифа дар асоси баҳисобгирии шароиту имкониятҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар муассиса амалӣ гардонда мешаванд.

Дар ду гурӯҳи кӯдакони синни 5-6 солаи муассисаи томактабии пойгоҳии №17 шаҳри Душанбе машғулиятҳои таҷрибавӣ гузаронида шуд, ки дар раванди он компютер ва тахтаи электронӣ истифода карда шуд. Мушоҳидаҳо дар давоми машғулияти кушод нишон доданд, ки кӯдакон бо шавқу рағбати калон ба мураббӣ гӯш дода, вазифаҳои дар пеш гузоштташударо фаъолона иҷро карданд. Чунки машғулияти амалии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ (дар мисоли компютер, проектор ва тахтаи электронӣ) бо кӯдакони синни калони томактабӣ дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ якчанд маротиба гузаронида шуда буд. Мавзуъ: нақл намудан ва кашидани расми рӯбоҳ аз афсонаи халқии “Саги чашмгурусна” ва аз афсонаи халқии “Гург ва лаклак” кашидани яке аз манзараҳои ин афсона дар утоқи муҷаҳҳаз бо ТИИ гузаронида шуд.

Мақсади гузаронидани машғулият: Шинос шудан бо маҳорати ҳозирҷавобӣ, инкишофи нутқ ва маҳорату малакаи расмкашии кӯдакон бо истифодаи тахтаи электронӣ.

Вазифаҳо: Нақл кардани афсона ва кашидани расми қаҳрамонҳои асосии афсона ба воситаи тахтаи электронӣ; омӯзондани кӯдакон ба расмкашӣ бо қалами махсус (стиллус) дар тахтаи электронӣ.

Тарбия намудани кӯдакон дар руҳияи дӯстдорӣ, эҳтироми якдигар, омӯзиш ва ҳифзи табиат яке аз самтҳои асосии фаъолияти кӯдакистон ба шумор меравад. Омӯзондани маҳорати расмкашӣ, рангкунӣ, истифода намудани қалами махсус, ислоҳи хатоҳо, истифодаи амалҳои расмкашӣ ба воситаи барномаи компютерӣ дар тахтаи электронӣ ҳафтае як маротиба гузаронида мешавад. Ташаккули маҳорати дарк намудани мазмуни афсона, ҳикоя, иштирок намудан дар нақли асари бадеӣ дар якҷоягӣ бо мураббия,

аз паси ӯ такрор намудани порчаҳои алоҳидаи матн ба воситаи тахтаи электронӣ шароити васеътар фароҳам меоварад.

Инчунин дар мисоли зерин машғулиятҳои таҷрибавӣ барои кӯдакони синни калони томактабӣ гузаронида шуданд, намуна оварда шудаанд.

Манбаъ: Компютер ва тахтаи электронӣ – намоиши афсона нақл намдуани масали "Рӯбоҳ ва ангур"-и Иван Андреевич Крылов) ва афсонаи "Гург ва лаклак"дар монитори калон нишон дода шуд.

Сухани рӯнамоии мураббӣ:

Бачаҳо, биёед, филми тасвириро дар экрани калон тамошо мекунем. Пас аз тамошои филми тасвирӣ мо ба тасвири қаҳрамонҳои асосии филми тасвирӣ дар варақаи дар наздатон буда шурӯъ мекунем!

Суҳбат дар бораи масал "Рӯбоҳ ва ангур":

Мураббия: Бачаҳо, оё шумоён дар ин ҷо (дар тахтаи электронӣ) расм кашидаед? Биёед, бо ҳам расми рӯбоҳ ва боғи ангурро тасвир менамоем.

-Канӣ марҳамат ҷавоб диҳед, ангур дар кадом фасл мепазад? Кӣ мехоҳад, ки дар тахтаи синф расми ангурро тасвир намояд?

-Мана дар ин ҷо расми ангур ва рӯбоҳро мебинем. Биёед расми онро мустақилона тасвир менамоем.

-Кӣ дар бораи ангур ва рӯбоҳ шеър медонад? Канӣ бачаҳо.



**Расми 13. Тасвир аз масали "Рӯбоҳ ва ангур"**

-Ана ин расми ангур мебошад ва ин ҳайвоне, ки дар назди он аст, рӯбоҳи маккор мебошад.

-Рӯбоҳ чӣ хел ранг дорад? (зарди норинҷӣ)

-Бинед, думи рӯбоҳ аз дигар ҳайвонот фарқ мекунад, яъне думаш дарозу пахмоқ аст.

-Ангур дар кадом фасли сол пухта мерасад? Оре, бачаҳо, дар тобистон. Ба шумо ангур маъқул аст ё не?

-Акнун ба мустақилона кашидани расми рӯбоҳ ва дарахти ангур оғоз мекунем.

-Канӣ бачаҳо, расмҳои дар қоғази худ тасвиркардаатонро нишон диҳед! Кӣ аз ҳама зеботар тасвир кард!

-Ана бинед, расми кашидаи Фирдавс хеле зебо мебошад. Вай рӯбоҳро хуб тасвир намудааст.

-Бачаҳо намудҳои зиёди ангурро тасвир кардаанд: Офарин! Ҳар яке аз онҳо аз рӯи шакл, мазза ва ранг аз якдигар тафовут доранд.

Мураббия: Канӣ, кӣ дар бораи афсонаи дигари халқӣ “Гург ва лаклак” нақл мекунад. Оё ягон нафаратон расми гургро дар тахтаи деворӣ тасвир карда метавонед? Аз расм бинед, барои чӣ гург ба назди лаклак омад ва аз лаклак чӣ мехост.

-Бингаред, гург дар ҳоле ки ба мушкилӣ дучор гардид, ба назди лаклак ба ёрӣ омад. Лаклак дар вақти гургро аз марг наҷот додан қариб худ лаззати маргро мечашид, яъне нӯли вайро гург метавонист газида хӯрад.

-Бояд шумо ҳар амалеро, ки иҷро мекунед, аввал дар тарозуи ақлатон баркашед.



**Расми 14. Саҳначае аз афсонаи халқии “Гург ва лаклак”**

*Дар заминаи машғулият оид ба тасвири гург мо кӯшиш кардем, ки расмкаширо бе намоиши мавод тибқи компютер, кашидани расмҳо дар тахтаи электронӣ пешниҳод намоем.*

Машғулияти кашидани расми “Хона” тариқи тахтаи электронӣ.

Мураббия: Бачаҳо, ҳоло Фирдавс ба назди тахта омада, расми хонаро тасвир мекунад. Канӣ, кӣ дар ҷои худ аз Фирдавс дида расми хонаро зеботар тасвир мекунад? Агар тавонед, хонаро рангоранг тасвир кунед.

Кӯдакон дар навбати худ ба гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ ҷудо карда шуданд. Дар гурӯҳи назоратӣ 33 нафар ва дар гурӯҳи таҷрибавӣ 34 нафар кӯдак иштирок намуданд. Таҷрибаҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки дар раванди машғулиятҳои таълимӣ бо истифодаи компютер, проектор ва тахтаи электронӣ маҳорату малакаи расмкашӣ, маълумот дар бораи муҳити атроф, тасаввуротҳои аввалини математикӣ, ҳозирҷавобӣ, равандҳои равонӣ ва дигар қобилиятҳои ҷисмонию зеҳнии кӯдакон дар гурӯҳи таҷрибавӣ зиёдтар рушд намуданд.

| № | Намудҳои технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ | Гурӯҳи назоратӣ | | | | Гурӯҳи таҷрибавӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Аз худ карданд | | Аз худ накарданд | | Аз худ карданд | | Аз худ накарданд | |
| | | Миқдор | % | Миқдор | % | Миқдор | % | Миқдор | % |
| 1 | Тахтаи электронӣ, проектор | 24 | 72 | 9 | 28 | 33 | 97 | 1 | 3 |
| 2 | Компютер | 22 | 66 | 11 | 34 | 25 | 74 | 9 | 26 |
| 3 | Технологияи чандрасонагӣ (маълумот дар бораи муҳити атроф, растаниҳо, ҳайвонот ва ғ.) | 21 | 64 | 12 | 36 | 30 | 88 | 4 | 12 |

**Ҷадвали 7. Истифодаи ТИИ дар кӯдакистон барои кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаи таълимии пойгоҳӣ)**

Тибқи таҷрибаҳои гузаронидашуда дар муассисаҳои томактабии пойгоҳӣ муайян карда шуд: кӯдаконе, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд, нисбат ба кӯдакони дар гурӯҳҳои назоратӣ бо фаро

гирифтан ба таълим ва тарбия бо истифодаи ТИИ маҳорат ва малакаи донишандӯзии онҳо дар сатҳи муайян фарқ мекунанд.

**Диаграммаи 4.**

**Истифодаи ТИИ дар кӯдакистони пойгоҳӣ**







Мураббия дар машғулиятҳои таълимӣ ҳафтае як маротиба тибқи ҷадвали машғулиятҳо дар утоқҳои муҷаҳҳаз бо асбобҳои аёнӣ ва компютер афсонаҳои халқиро дар шакли электронӣ намоиш доданд, ки он ба инкишофи нутқ, қобилияту маҳорати эҷодкорӣ, тарбия намудани ҳисси худшиносӣ ва ватандӯстӣ мадад расонданд. Ҳатто дар вақтҳои истироҳатӣ тамошои филмҳо аз рӯи мазмуни афсонаҳои халқӣ дар шакли роликҳои кӯтоҳмуддат имконият доданд, ки кӯдак бидуни мондашавӣ наворҳоро тамошо намуда, мазмуни афсона, симои қаҳрамонҳоро пурра дарк намояд ва онҳоро дар хотир нигоҳ дорад.

Барои тарбияи интизомнокӣ, рафтори маданӣ, одати риоя кардани қоидаҳои одитарини шаҳрнишинӣ, гаштугузор намудан дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр мураббия тарзи гузаштан аз роҳу гузаргоҳҳо ва усулҳои бехавфи гузариши чароғаки роҳнаморо дар компютер намоиш дод. Дар машғулиятҳои таълимӣ мураббия моҳияти чароғаки роҳнамо ва одобу рафтори кӯдаконро дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр фаҳмонда, онҳоро тавсияву машваратҳо пешниҳод кард. Тарзи гузаронидани машғулияти таълимӣ бо истифодаи компютер, тахтаи электронӣ, проектор барои фаҳмондадиҳӣ оид ба риоя кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ хеле арзишманд мебошад. Зарурати итоат кардани чароғаки роҳнамо дар

кӯчаву хиёбонҳои шаҳр барои на танҳо кӯдакон, инчунин калонсолон ҳатмӣ буданро мураббӣ бо истифодаи маводи таёркардаи мо дар машғулияти таълимӣ чунин шарҳу тавзеҳ дод:

-Хӯш, бачаҳо, оё шумо чароғаки роҳнаморо медонед?

-Ҳоло ман ба шумоён дар бораи чароғаки роҳнамо маълумот медиҳам.

-Чароғаки роҳнамо барои чӣ истифода мешавад?

-Чароғаки роҳнамо барои таъмин намудани ҳаракати бехатарии одамон дар роҳҳо истифода мешавад.

-Чароғаки роҳнамо аз се ранг иборат мебошад.

-Шумо медонед, ки он аз кадом рангҳо иборат аст?




Расми 15. Намоиши "чароғаки роҳнамо" дар машғулияти таълимӣ

-Оре, бачаҳо, чароғаки роҳнамо аз рангҳои сурх, зард ва сабз иборат мебошад.

-Ҳангоми чароғон будани ранги сурх ҳаракат накарда, дар ҷоямон меистем ва барои ҳаракат кардани ҳамаи намуди нақлиёт: мошинҳои сабукрав, боркаш, автобус ва тролейбусҳо имконият медиҳем.



**Расми 16. Намоиши “гузаргоҳ” дар машғулияти таълимӣ**

-Дар ранги зард барои гузаштани роҳ тайёр шуда, дар ранги сабз роҳро мегузарем.

-Бингаред бачаҳо, чароғаки роҳнамо чӣ хел шакл дорад?

-Дар ҷойҳое, ки чароғаки роҳнамо насб карда нашуда бошад, ҳангоми гузаштан аз роҳ бояд қоидаи гузаштани роҳро риоя кунем. Аввал ба тарафи чап, баъд рост нигоҳ карда, ба наздик набудани нақлиёт бовар карда, баъд аз роҳ гузарем. Танҳо дар ҷойҳое, ки нишонаҳои гузаргоҳ насб карда шудааст, аз ҳамон мавқеи роҳ гузаштан лозим мебошад.

Шакли муҳими кор бо волидон тибқи ТИИ барқарор кардани робита дар заминаи сомонаи интернетии муассисаи томактабӣ мебошад. Дуруст фаъолият намудани сомонаи муассиса ба ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шудааст:

- нигоҳ доштан ва баланд бардоштани шаъну шарафи муассисаи томактабӣ;

- ба сатҳу сифати нав баровардани фаъолияти муассисаи таълимӣ ва бомаром дар иртибот нигоҳ доштани волидон доир ба фаъолияти таълимии ҳаррӯзаи муассиса;

- мусоидат намудани шароит барои беҳдошти кори муассиса дар ҳамоҳангӣ бо волидон, намояндагии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, идораи маориф;

- ҳамкорӣ бо саҳмгузорон ва намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ, ғайриҷамъиятӣ ва ғайраҳо;

- дар вақти зарурӣ тарғибот ва ҷалб намудани мутахассисон ба рушду пешрафти муассиса;

- амалисозии табодули таҷрибаи педагогӣ бо муассисаҳои томактабӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва чорабиниҳои фарҳангию методӣ;

- ҳадафмандии фаъолияти эҷодии кормандонро дар муассисаи томактабӣ таъмин намудан.

Барои ҳамкории мутақобилаи волидон бо муассисаҳои таълимии томактабӣ сохтани почтаи электронӣ ва муошират тавассути он дар таҷрибаи амалӣ хеле вусъат ёфта истодааст. Пеш аз ворид шудан ба сомона, сараввал дар компютер ба барномаи интернетӣ ворид гашта, суроғаи онро ҳуруфчинӣ мекунем. Баъд аз ворид гаштан ба сомонаи Фейсбук равзанаи махсуси он намудор мешавад. Дар сатри аввал ном ва насаби истифодабаранда, дар сатри дувум рақами телефон ва ё почтаи электронӣ, дар сатри сеюм рамзи ниҳонӣ ва дар сатрҳои поёнӣ дигар маълумотҳои муҳим дар бораи истифодабарнда пур карда мешавад.




**Расми 17. Равзанаи сабти ном намудан дар шабакаи Фейсбук**

Сипас, тугмаи “Сабт кардан”-ро зер мекунем ва равзанаи асосии шабакаи иҷтимоӣ пайдо мешавад. Дар майдони холӣ рақами телефон ва ё почтаи электронӣ рақами махсус ворид карда мешавад, ки он дар расми 17

нишон дода шудааст. Дар заминаи иҷрои амалҳои номбаршуда равзанаи асосии барнома кушода мешавад, ки намунаи он чунин аст:

Дар муассисаҳои томактабии пойгоҳӣ сомонаҳои иҷтимоӣ сохта шудаанд ва ба воситаи сомона робита бо волидон барқарор карда шудааст. Раванди машғулиятҳои таълимӣ ва дигар чорабиниҳо дар муассиса сабт ва наворгирӣ карда шуда, дар сомона ҷойгир карда мешавад. Муассисаҳои томактабии №29, №121, №67, №17-и шаҳри Душанбе бо мақсади бо тарҳи замонавӣ ба роҳ мондани фаъолияти муассиса аз хизматрасонии интернетӣ истифода мебаранд. Аксарияти истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоии муассисаҳои томактабии номбаршуда волидони кӯдакон мебошанд. Онҳо фаъолияти муассисаи томактабӣ ва фарзандонашонро ба воситаи шабакаи Интернет назорат намуда, тавсия ва пешниҳодоти худро оиди рушди муассиса ва пешрафти кӯдакон иброз медоранд. Волидони кӯдакон ба воситаи шабакаи Интернет бо роҳбарияти муассисаи томактабӣ дар иртибот мебошанд ва танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ба муассиса ташриф меоранд. Самти фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар сомонаҳои иҷтимоӣ тарғиби муассисаи томактабӣ, робитаи наздик барқарор намудан бо волидон ва ҷалби саҳмгузорон мебошад.

Барои даъват кардани волидон ба гурӯҳи таъсискардаи муассисаи томактабӣ дар шабакаи Интернет ба воситаи рақами телефон имконпазир буда, мутасаддии сомона онҳоро паёмак мерасонад. Шомил гаштан ба гурӯҳ дар интихоби волидон гузошта мешавад, ки ба он гурӯҳ аъзо шавад ё не. Чунин тарзи равиши кор имкон медиҳад, ки волидон бидуни махсус ширкат варзидан дар чорабиниҳои муассисаи томактабӣ рафти баргузории онҳоро дар сомона назорат намоянд. Дар зери навор ва ё тасвири намоишдодашуда дар гурӯҳ падару модарон метавонанд ибрози андеша карда, фаъолияти кормандони муассисаро таърифу тавсиф намоянд.

Дар шабакаи Интернет мо аз якчанд сомонаҳои муассисаҳои томактабӣ дидан кардем. Таҳлилҳо нишон доданд, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ муассисаҳои томактабии хусусӣ бисёртар истифода мебаранд.

Чунин тарзи фаъолият барои муассисаҳои томактабӣ як навъи тарғибот ба ҳисоб меравад, ки бе сарфи маблағ амалӣ карда мешавад. Бо шарту шароитҳои кӯдакистон ва дигар имкониятҳои муассиса ба воситаи сомонаи он шинос шуда метавонанд. Масалан, кӯдакистони №121 дар назди корхонаи воҳиди давлатии “Сементи тоҷик” фаъолият мекунад, дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук суроғаи худро дорад, ки дигар муассисаҳо низ метавонанд дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ худро муаррифӣ намоянд.




**Расми 18. Равзанаи умумии сомонаи Фейсбук**

Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба мураббиён шароити иҷрои чунин амалҳоро фароҳам меоварад:

- муайян намудан ва истифода кардани сарчашмаи захираҳои электронӣ;
- мустақилона таҳия намудан ва истифода кардани рӯнамоҳои чандрасонагӣ дар раванди машғулиятҳо ва дигар ҷамъомадҳо;
- интихоб ва коркарди маводҳои методӣ оид ба фаъолияти таълимӣ (ба мисли нақшаи амалигардонии ҷашнҳо, ё худ сенарияи чорабиниҳо, маводи истифодашавандаи таълимӣ) ва нақшаи гузаронидани машқҳои варзишӣ;
- Тартиб додани картотекаи бозиҳо, назорати фардии кӯдакон ва иштироки онҳо дар машғулиятҳо, бозиҳои таълимӣ (дидактикӣ) барои инкишофи нутқ ва фикррониии мантиқӣ.

Волидон метавонанд аз сомонаи муассиса дидан карда, аз хабарҳо ва эълонҳои муассисаи таълимӣ ва дархосту пешниҳодҳои маъмурият огаҳ шаванд. Дар сомона дигар маълумотҳоро низ дастрас кардан мумкин аст, ба монанди нишонии кормандони муассиса, маводҳои методӣ ва таълимӣ, методҳои нигоҳдории саломатии кӯдакон, қоидаҳои рафтори кӯдакон дар хона ва ҷомеа ва кулли маслиҳатҳои муфид оид ба таълим ва тарбияи кӯдакон.

Барои он ки сомона диққати волидонро ба худ ҷалб кунад, бояд аз тамоми лавҳаҳои иттилоотии лозима таъмин ва пешниҳоди истифодашавандаи арзишманд иборат бошад, аз ҷиҳати техникӣ коршоям, маводҳои дастрас, сода ва диққатҷалбкунанда ҷой дода шуда бошанд. Истифодабарии ин маводҳо ба эҳтиёҷмандони асосӣ– падару модарон, бобою бибиҳо мушкилӣ наоварад. Бояд як одам барои интихоби муассисаи томактабии дилписанд кифоя аст, ки ба суроғаи иҷтимоӣ ва ё сомонаи интернетии муассисаи томактабӣ ворид шуда, бо роҳбарияти он дар тамос шавад. Сипас, қарор бароранд, ки фарзанди худро дар назди кадоме аз мураббияҳо супоранд. Волидон кӯшиш мекунанд ба вазъи гурӯҳи синнусолӣ, ба заминаи модӣ-техникии муассисаи таълимӣ шинос шуда, маводҳои зарурӣ барои пеш бурдани кори таълиму тарбия ва дар кадом сатҳ қарор доштани муҳити психологии он огоҳ шаванд.

Фаъолият намудан дар гурӯҳи маҷозӣ (виртуалӣ), ки дар шабака сохта шудааст, имкон медиҳад, мураббияҳо бо волидон ба таври зинда (онлайн-webinar) муоширaт менамоянд, барои ободонӣ ва сатҳу сифати муассисаи таълимӣ ҳамфикрӣ ва ҳамкории худро иброз созанд. Ҳифзу мустаҳкам намудани саломатии кӯдакон барои волидон ва муассисаи томактабӣ мақсади аввалиндараҷа ба шумор рафта, таъмин кардани бехатарии ҳаёти онҳо вазифаи асосии ҳар ду ҷониб мебошад. Вобаста ба ин аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таълимӣ андешидани чораҳои зарурӣ дар ин самт боварии волидонро нисбат ба фаъолияти онҳо бештар мегардонад. Муассисаҳои томактабии хусусие, ки солҳои охир дар кишвар сохта ба

истифода дода мешаванд, дорои тамоми шароитҳои талаботи замон бояд бошанд.

Унсури муҳимтари дигари истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои фаъолияти пурсамари муассисаи таълимии томактабӣ бо падару модарон ин гузаронидани чорабиниҳо, ҷамъомадҳо, машваратҳо бо истифодаи маводи аёнӣ (масалан, бо барномаи Power Point ва ё сомонаи муассиса) мебошад. Бо истифодаи рӯнамо (презентатсияҳо) мураббия метавонад маводи заруриро муаррифӣ намояд, слайд-намоишро оид ба гузаронидани чорабиниҳо дар почтаи электронӣ ва сомонаи муассиса пешакӣ манзури волидон гардонад. Масалан, муассисаи таълимӣ ба воситаи почтаи электронӣ ё шабакаи иҷтимоӣ санаи баргузор гаштани маҷлиси падару модаронро дар мувофиқа бо волидон муайян мекунанд. Зарурати баргузор кардани чунин чорабиниҳо дар шароити пешомадаи аввали соли 2020 бо номи бемории ҳамагир (коронавируси COVID-19), ки дунёро ба таҳлука овард, ташкил кардани маҷлису ҷамъомадҳо ба миён омад. Инчунин онро ба воситаи видеоконфронс бо ширкати роҳбари муассисаи томактабӣ ва волидон ташкил кардан судманд хоҳад буд.

Бартарияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бо фаъолияти тарафайн (муассисаи таълимӣ бо оилаҳо) назаррас мебошад ва онро бо таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- сарфа кардани вақти волидон ба дастрасии иттилоот ва истифодаи он;
- имкони намоиш додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва маводҳои суратдор дар сомона ва почтаи электронӣ, ки барои таълиму тарбияи кӯдак дар оила хеле муҳим аст;
- таъмин намудани фаъолияти фардии мураббия бо волидон;
- мунтазам ва мувофиқи мақсад зиёд намудани ҳаҷм ва мазмуни маводи иттилоотӣ оид ба таълиму тарбия, ки болоравии фарҳангии педагогии волидон ва беҳдошти сифату мазмуни тарбияи оилавиро таъмин мекунад;

- қабули фаврии иттилоот аз ҷониби падару модарони кӯдакон ва мувофиқи мақсаду мазмуни он барқарор кардани робита бо мураббия.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ манбаъҳои электронии шабакавӣ – ин роҳи нисбатан мувофиқ, босуръат ва муосири паҳншавии ғояҳои таълиму тарбиявӣ, методӣ ва маводҳои ёрирасони дидактикӣ мебошад, ки дастрасии методистон ва педагогонро новобаста аз мавқеъ ва макони зиндагӣ роҳандозӣ менамояд. Дастгирии иттилоотӣ-методӣ дар шакли манбаъҳои электронӣ дар вақти омода намудани мураббияҳо ба машғулиятҳои таълимӣ, омӯзиши методҳои нав ва интихоби маводи омӯзишии нав ба машғулиятҳо кӯмак мерасонад. Барномаи омӯзишии "Кӯдакӣ" ("Детство") ҳамчуни маводи ёрирасон ба мураббӣ аз ҷониби педагогони машҳур В.И. Логинова, Н.А. Ноткина соли 2015 таҳия ва чоп карда шудааст. Тибқи ақидаи онҳо кӯдакон ҳангоми ҷалб шудан ба машғулиятҳои таълимӣ, ба таври максималӣ ба рафти таълим дода мешаванд ва маводи пешниҳодгардидаро амиқтар аз худ мекунанд.

Маркази ҷумҳуриявии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди сатҳи касбияти кормандони илму маориф саҳми беандоза бузург дорад. Кормандон, омӯзгорон ва мураббияҳои муассисаҳои таълимиро мувофиқи талабот дар семинарҳои таълимии худ кор бо барномаҳои амалӣ, тахтаи электронӣ, проекторро меомӯзанд. Тибқи нақшаи дурнамо то соли 2025 бояд тамоми муассисаҳои таълимии кишвар марҳила ба марҳила бо техникаву технологияҳои компютерӣ таъмин гардида, кормандон аз бозомӯзӣ гузаранд.

Ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ тамоми ҳуҷҷатгузории муассисаи таълимиро ба таври электронӣ амалӣ кардан мумкин аст. Рӯйхати кормандон (бо дарҷи ном ва насаб, собиқаи корӣ, сатҳи маълумот, дараҷаи тахассусӣ ва расмашон), тарбиягирандагон, суроға синну сол ва дигар маълумотҳои муҳимро дар барнома ворид карда,

дар ҳолатҳои зарурӣ дар чанд сония дастрас кардан мумкин аст. Дар шароити ҳузурӣ кори муҳосиботӣ бе истифодабарии компютер ғайриимкон аст, чунки ҳисобу китоб намудани маблаға музди маош ва ё амволи муассисаи таълимӣ бидуни техникаи компютерӣ вақт ва хароҷоти зиёдатиро талаб менамояд.

## §2.Талаботҳои психологӣ-педагогӣ ва бехатарии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди машғулиятҳои таълимии муассисаҳои томактабӣ

Дунёи кӯдакон рангин мебошад, барои дарк намудан ва ворид гаштан ба ҳаёти кӯдаконаи онҳо маҳорати хоса талаб карда мешавад. Кӯдакон бозӣ, тамошои наворҳои рангоранг (ба мисли филми тасвирӣ, манзараҳо) ва шунидани қиссаву афсонаҳои мароқангезро бо истифодаи ТИИ дӯст медоранд. Дар муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасон “Баҳористон” дар рушди таълиму тарбияи кӯдакон ҳиссаи худро гузошта истодааст. Дар барномаҳои телевизионӣ, ки филмҳои тасвирии истеҳсоли ватанию хориҷӣ, наворҳои омӯзишӣ ва тарбиявӣ намоиш дода мешаванд, бешубҳа, аз манфиат холӣ нестанд. Дар телевизиони мазкур лоиҳаҳои зиёде таҳия ва амалӣ карда шудааст, ки барои таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ гардидаанд. Барои боз ҳам ҷолиб гаштани раванди кори таълиму тарбиявӣ, махсусан, машғулиятҳои таълимӣ мураббияҳо аз маводҳои барномаҳои телевизионӣ истифода бурда, онҳоро дар кори таълиму тарбия истифода мебаранд.

Дар муассисаҳои томактабӣ ҳангоми истифодаи таҷҳизотҳои чандрасонагӣ, ба монанди телевизион, видео ва DVD мувофиқи синну сол, маҳдудият ва қоидаҳои махсуси истифодабарӣ бояд ҷорӣ карда шаванд, ки аз инҳо иборатанд:

1. Барои тамошо намудани наворҳо аз телевизионҳои ҳаҷми экранашон аз 60 см зиёд истифода баранд.
2. Телевизион бояд аз 1-1,3 метр баланд аз замин насб карда шуда бошад.
3. Ҳангоми тамошо кардани навор масофаи байни кӯдак ва монитор бояд дар доираи 2-5,3 метр бошад.
4. Кӯдаконе, ки айнакӣ ҳастанд, ҳангоми тамошо намудани навор бояд аз айнакашон ҳатман истифода баранд.
5. Муҳлати тамошои навор бояд аз 20-25 дақиқа зиёд набошад.

Риоя намудани талаботҳои санитарӣ ва гигиении тамошои наворҳои телевизионӣ ва филмҳои тасвирӣ барои кӯдакон боис мешавад, ки таъсири манфии онҳо кам гардад. Барои кӯдаконе, ки узви биноияшон нуқсон дорад, бояд аз тамошои телевизион ва компютер зиёдтар даст кашанд. Тамошои филмҳои тасвирӣ барои кӯдакони синни хурди томактабӣ 20 дақиқа ва барои гурӯҳҳои синни 5-7-сола то 25 дақиқаро бояд ташкил диҳад. Риоя кардани масофа миёни кӯдак ва телевизион ҳатмӣ аст. Илова бар ин, кӯдакон на бояд дар як рӯз ду маротиба дар назди телевизион нишинанд. Монитори телевизион на бояд аз қади кӯдак паст бошад ва ё баробар бошад. Равшан кардани ҳуҷра дар вақти нимашаб ҳатмӣ мебошад, зеро равшании зиёди экран чашмонро хаста мегардонад.

Дар назди экрани телевизион нишастани кӯдакони синни хурди томактабӣ мувофиқи мақсад нест, зеро онҳо бояд дар ин давраи ҳаёт худ фаъол барои донистан ва серҳаракат бошанд. Қоидаҳои психологӣ-педагогӣ ва санитарию эпидемиологӣ дар кӯдакистон дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта мешавад. Мураббия ва волидон метавонанд ҷамъи қоидаҳоро ба кӯдакон фаҳмонда, онҳоро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ кунанд. Аммо наворҳое ҳастанд, ки барои кӯдакон пешкаш намудан ба онҳо муфид мебошад. Масалан, ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан дар телевизиони ошхона намоиш додани наворҳои тайёрӣ ба мактаб, ба мисли тарзи китобхонӣ, нишастан дар курсӣ ва дигар амалҳо.

Пизишкон ва равоншиносон тавсия медиҳанд, ки ба дасти кӯдакони синни то 3-сола телефони мобилӣ бояд дода нашавад ва онҳоро дар назди компютер шинонидан қатъиян манъ аст.. Барои кӯдакони синни 3-5-сола доир ба истифодабарии ин таҷҳизоти зараровар чораҳои қатъӣ андешида шавад. Барои кӯдакон ашёҳои ҳамшакли компютер ва телефони мобилӣ пешниҳод карда шудаанд, ки онҳо аз ҷиҳати бехатарӣ ба саломатӣ таҳдид намекунанд. Агар кӯдакон аз компютер истифода баранд, бояд истифодабарии вақтро қатъият риоя кунанд. Муддати 7-15 дақиқа пурсамар истифода намудан аз компютер ва телефони мобилӣ барои

кӯдакон манфиатовар хоҳад буд. Кӯдакони синни калони томактабӣ метавонанд дар як рӯз то ду соат телефонҳои мобилиро истифода намоянд ва муддати истифодаи яквақтаи он то 25 дақиқаро ташкил диҳад.

Коркард ва меъёрҳои талаботҳои умумӣ, техникӣ, психологӣ ва педагогӣ ба истифодаи ТИИ дар муассисаҳои томактабии ҷумҳурӣ дар ҳолати инкишоф ва пешравӣ қарор дорад. Дар якчанд шаҳрҳои калонтарини кашвар талаботҳои асосии мутобиқ бо барномаҳои байналмилалии компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ риоя карда шудаанд. Барои иҷрои талаботҳои мавҷуда риоя намудани қоидаҳои махсус ва таъмини бехатарии кӯдакро дар назди компютер ҷорӣ кардан лозим аст:

1. Кӯдаконро дар курсие, ки калонсолон менишинанд бояд нашинанд то пойи онҳо ба замин ва ё паймонаки махсус гузошта шавад ва он ба гардиши хун дар бадан мусоидат намояд ва каҷшавии сутунмуҳра пешгирӣ карда шавад.

2. Ҳангоми харидории компютер дастрас кардани ҷевони махсус мувофиқ ба қаду басти кӯдак муҳим аст, то тавонад дар ҳолату вазъияти қулай ба таври ҳаловатбахш аз он истифода барад.

3. Ба қадри зарурӣ равшан намудани мизи корӣ ва утоқи кӯдак, ки дар он компютер насб кардашудааст, ҳатмӣ аст.

4. Ба кӯдак диққат додан лозим аст, ки ҳангоми нишастан ба мизи корӣ бояд бо қомати рост нишинанд.

5. То сини 5-солагӣ нишастани кӯдак дар назди монитор аз даҳ дақиқа зиёд набошад.

6. Саҳфакалид ва муш аз сатҳи монитор бояд пасттар мавқеъ гирифта шавад.

Истифодабарии компютер барои кӯдакони синни 5-сола то 25-30 дақиқа ва кӯдакони то синни 7-сола то 35-40 дақиқа тавсия дода мешавад (дар миён 15 дақиқа машқи чашм ва истироҳат ҳатмӣ мебошад). Агар дар машғулиятҳои расмкашӣ, суробсозӣ, шинохтани ашёҳои муҳити атроф ва

машқи бадан бо истифодаи тахтаи электронӣ мураббияҳо метавонанд, онро то 35-40 дақиқа истифода намоянд. Дар машғулиятҳои таълимие, ки тахтаи электронӣ истифода карда мешавад, кӯдакон бо навбат ба назди тахта ҳозир мешаванд ва фосила гирифтан аз тахтаи электронӣ таъсири манфии онро кам месозад.

Вазорати маориф ва илми кишвар, Академияи таҳсилоти Тоҷикистонро вазифадор карда аст, ки барои таҳия ва нашри маводҳои омӯзишӣ, маҷмуаҳои таълимию методӣ мусоидат кунанд. Дар маҷмуаҳои таълимӣ ва методӣ тарзи истифода ва насби проектор, тахтаи электронӣ ва дигар техникаи компютерӣ дар шакли дастрасу фаҳмо, бо истифодаи расму накшаҳо дастрас карда шаванд, то ки маҳсулнокии кори мураббия ва донишҷӯёни соҳаи томактабиро афзун гардонанд. Амалӣ намудани раванди таълим бо методҳои интерактивии таълим (истифодаи тахтаи электронӣ, проектор, компютер, видеороликҳои таълимӣ) маҳсулнокии таълимро баланд мебардорад. Мураббия аз машғулияти якрангаи ҳаррӯза хаста нагашта, раванди таълимро рангину шавқовар мегардонад. Маҳорати барномасозӣ ва ё дигар намуди малакаҳо лозим нест, ки тарзи истифодаи онро мураббия аз худ кунад, кифоя аст, ки бо барномаи амалии он шинос шавад, онро дар таҷрибаи кории худ истифода барад.

Баъзе бозиҳои компютерӣ ва ё наворҳое ҳастанд, ки ба рӯҳу равони кӯдак таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, бозиҳое, ки ба ҳолати равонӣ ва ҷисми кӯдак ва нашъунамои вай таъсири манфӣ мерасонанд набояд мавриди истифодабарӣ қарор гиранд. Дар оила ҳангоми истифодабарии телевизион, телефони мобилӣ, компютер ва дигар таҷҳизотҳои электронӣ бояд меъёр нигоҳ дошта шавад. Аз ҳад зиёд тамошо кардани телевизион, аз меъёр зиёд нишастан дар назди монитори компютер ва бозӣ кардан тавассути телефони мобилӣ барои кӯдакон қобили қабул нест.

Тамошои филмҳои тасвирии таълимӣ ва тарбиявӣ барои кӯдакон бояд шавқовар ва ҳамзамон фоидаовар бошад. Онҳо чӣ тавр гузаштани

вақтро дар назди компютер ва ё телевизион пайхас намекунанд. Гузоштани реҷаи муайян барои кӯдакон саривақтӣ ҳисобида шуда, шиддати таъсироти манфиро ба ҷисми кӯдакон кам месозад. Тавассути компютер, телефони мобилӣ ва телевизионҳои пайваст ба моҳвора, воридшавӣ ба сомонаҳои интернетӣ ва дастрасии маводҳои иттилоотӣ-иртиботӣ гардидан дар шаклҳои гуногун, таваҷҷуҳи кӯдаконро ба худ зиёдтар ҷалб менамояд. Гузоштани маҳдудиятҳо барои кӯдакон оқибатҳои нохӯши ТИИ-ро кам карда метавонад.

Тибқи меъёри муайян тавсиягардида истифода бурдани ТИИ (аз ҷониби кӯдакон дар хонадон ва кӯдакистон) дар назди калонсолон вазифаи ба фарзандон талқин намудани қоидаи истифодаи дурусти компютер ва дигар лавозимоти техникиро пешниҳод менамояд. Инчунин, дар ҳуҷраи кӯдакон шароити хуби зиндагӣ фароҳам овардан муҳим ба ҳисоб меравад. Барои кӯдакон ҷевони ҳаҷми хурд барои гузоштани компютер, телевизион ва дигар лавозимоти истифодаи рӯзмарраи онҳо ҳатмӣ мебошад. Намоиш додани видеонаворҳои хосияти омӯзишӣ ва тарбиявӣ доштаро ба кӯдакон аввалиндараҷа ҳисоб намуда, дар баробари он истифодаи техникаи ба онҳо мувофиқро низ омӯзанд.

Маркази ҷумҳуриявии технологияҳои иттилоотӣ ва иртибротии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дурусти кор бо технологияҳои иттилоотиро ҳамчун дастурамал дар шакли электронӣ таҳия кардааст. Тибқи дастурамали таҳиягардида истифодабарандагони таҷҳизотҳои электронӣ қоидаҳои дурусти истифодабариро бояд қатъиян риоя кунанд. Масалан, баъди тамошои телевизион ва ё компютер дар фосилаи 45 дақиқа гузаронидани машқи чашмон хастагии чашмонро метавонад рафъ намояд. Барои кормандону кӯдакони муассисаҳои томактабӣ барои рафъи хастагии чашм баъди истифодабарии ТИИ гузаронидани пайдарпаи чунин машқҳоро тавсия кардан мумкин аст:




Расми 19. Пайдарпайии гимнастикии машқи чашмон

Қоидаҳои содатарини бехатариро иҷро кардан ба саломатӣ манфиатбор мегардад. Дуруст ва пурсамар истифода намудани компютер таъсири мутақобилаи онро бар организми инсон кам мегардонад. Барои дуруст истифода бурдани онҳо маҳорати фавқулодда доштан лозим нест. Қоидаҳои нишастан дар назди компютер ва кор дар онро расми зерин нишон медиҳад (нигаред ба расми 19.1):




Расми 19.1. Қоидаҳои дурусти кор бо компютер

Дар муассисаҳои таълимӣ кӯдакон ва ҳатто тарбиядиҳандагон дар назди мизу курсӣ дуруст наменишинанд, ки ин ҳолат ба хасташавӣ ва осеби узвҳои бадан оварда мерасонад. Аз расм назорат кардан мумкин аст чӣ тавр дар назди компютер нишастан лозим, дар кадом масофа ба экран

нигоҳ намудан нисбатан бехатар буда метавонад. Нишастан дар назди монитори компютер низ қоидаҳои ба худ хосро доро мебошад, ки намунаи он дар расм нишон дода шудааст (расми 19.1).

Самаранокии фаъолияти таълим дар ҳоле натиҷаовар мегардад, ки агар, ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ якчанд масъалаҳои муҳим роҳи ҳалли худро ёбанд:

-ҷорӣ намудани методҳои омӯзиши системанок ва пайдарпай бо истифодаи техникаи компютерӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ба роҳ монда шавад;

-сатҳи бехатарии муассисаи томактабӣ аз ҳисоби технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва иртиботӣ аз ҷумла, таҷҳизотҳои биометрӣ, камераҳои назоратӣ ва барномаҳои зиддивирусӣ бояд таъмин карда шавад;

-заминаи моддӣ ва техникии муассисаи томактабӣ мустаҳкам карда гардад;

Муҳити иттилоотӣ-иртиботӣ муайян мисли сохтани почтаи электронии муассиса, видеоконфронсҳо ва ғайраҳоро мувофиқ ва таълим ташкил мекунад.

Шарти дигари амалисозии нақшаи пешбинигардида вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба раванди фаъолияти таълимии муассисаҳои томактабӣ он аст, ки бояд бо кӯдакон мутахассисони дорои маҳорати баланди педагогидошта кор кунанд ва дониши замимавии компютерӣ дошта бошанд.

Иҷрои қоидаҳои воридсозии компютер ба ҳаёти кӯдакон ва аз уҳдаи истифодаи кор бо технологияҳои иттилоотиро баромада тавонанд, кӯдакон низ бо ҳамаи он роҳу усул ва одобу рафтори кор бо техникаи нав одат мекунанд. Дар нақшаи таълимии тайёрии касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ дар муассисаҳои олии касбӣ, ки онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст ба омӯзиши истифодаи ТИИ дар фаъолияти таълиму тарбиявии кормандон ҳаҷми муайян соатҳои таълимӣ ворид карда шуданд. Ба ақидаи роҳбари Маркази

ҷумҳуриявии технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хатмкунандагоне, ки дар сафи омӯзгорон ва тарбиядиҳандагони ҷавон дар муассисаҳои таълимӣ шомил мешаванд, бояд ҳатман соҳиби маҳорату малакаи кор бо компютер, тахтаи электронӣ ва дигар ТИИ дошта бошанд. Дар натиҷа онҳо тарзи кори ин таҷҳизотҳоро, ки тамоман осон ва қулай мебошад, ба дигар ҳамкоронашон меомӯзонанд. Дар ин раванд гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат дар муассисаҳои таълимӣ оид ба истифодаи ТИИ баргузор гардида, кормандон методҳои нави таълимро дар ҷараёни машғулиятҳо амалӣ месозанд.

То ба эътидол даромадани салоҳиятмандии кормандон дар истифодаи ТИИ, болоравии савияи дониши техникии кормандони соҳаи маориф, бахусус, мураббияҳо ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ онҳоро ба курсҳои кӯтоҳмуддати истифодабарии шабакаи Интернет, барномаҳои замимавии корбар (Microsof Word, Excel, Power Point) ва истифодабарии тахтаи электронӣ ҷалб кардан муфид арзёбӣ карда мешавад. Ҳамаи ин тадбирҳои андешидашуда дар умум савияи дониши тарбиятдиҳандагонро баланд бардошта, сатҳи илму донишро дар муассисаҳои томактабӣ ва умумӣ ба дараҷаи сифатан нав баланд мебардорад.

Ба хотири беҳтару хубтар ташкил намудани раванди таълиму тарбияи кӯдакон дар бисёре муассисаҳои таълимии томактабии шаҳри Душанбе омӯзиш ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ (омӯхтани забонҳои дигари хориҷӣ тибқи маблағгузории иловагӣ амалӣ мешавад) ба роҳ монда шудааст. Дар шароити имрӯза тамоми шароитҳо барои омӯзиши илмҳои замонавӣ ва забонҳои хориҷӣ муҳайё шудааст. Агар мо ба рушди илму техника назар биандозем, тамоми забонҳои барномасозӣ, барномаҳои таълимии компютерӣ ва таҷҳизотҳои муосири электронӣ бо забони англисӣ ва қисмате бо забони русӣ таҳия ва ба табъ расидаанд.

Мушкилоти дигаре, ки ҳангоми суҳбат бо сайёҳони хориҷӣ ва ё ҳангоми сафар ба кишварҳои хориҷӣ пешорӯи ҷавонони мо мегардад, ин надонистани забони хориҷӣ мебошад. Агар дар бораи кормандони соҳаи

илму фарҳанг ибрози андеша намоем, нафарони зиёде ҳастанд, ки ҳангоми таҳияи мақолаи илмӣ ва ягон ҳуҷҷати расмӣ ба мушкилии надонистани забони хориҷӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар муассисаи томактабии пойгоҳии №17-и шаҳри Душанбе якчанд маротиба машғулиятҳои таълимии таҷрибавӣ бо истифодаи методҳои интерактивӣ бо иштироки кӯдакони синни калони томактабӣ ва мураббияҳо гузаронида шуданд. Мақсад аз гузаронидани чунин машғулиятҳо дар он аст, ки мураббияҳо раванди омӯзиш, раванди бозӣ ва дигар раванди фаъолияти кории муассисаро бо истифодаи воситаи техникаи компютерии нав ба роҳ монданро аз худ намоянд. Бо ин восита мураббияҳое, ки дар истифодабарии ТИИ мушкилӣ мекашанд, бо роҳу усулҳои на ошноӣ пайдо кунанд. Маҳорату малакаи мураббиён дар истифодаи ТИИ бо гузашти вақт баланд гашта, имконият медиҳад, ки онҳо оҳиста-оҳиста кор бо тахтаи электрониро дар раванди таълим роҳандозӣ карда, тарзи бехатар ба саломатӣ кор карданро ба кӯдакон меомӯзонанд.

## §3. Асосҳои назарияву амалии истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар низоми таҳсилоти томактабӣ

Татбиқи ТИИ дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон хусусиятҳои ба худ хос дорад. Тибқи барномаи компютеркунонии соҳаи маориф, компютер ҳамчун таҷҳизоти алоҳидаи омӯзишӣ ва воситаи асосии пайвандгари низоми иттилоотии ҳамаи равияҳои раванди таълим эътибор гардидааст. Фарогирии он тамоми муассисаҳои таълимии кишварро дар бар гирифта, татбиқи васеи он марҳила ба марҳила амалӣ мешавад. Раванди татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон се марҳиларо дар бар мегирад:

1) Зинаи ташкилӣ-тайёрӣ;
2) Зинаи асосӣ (амалӣ);
3) Зинаи ниҳоӣ ва ҷамъбастӣ, ки он доимо такмил ва давом меёбад.

Зинаи ташкилӣ тамоми муассисаҳои таълимии кишварро дар бар мегирад. Фарогирии он аз ташкил кардани заминаи моддӣ-техникӣ дар муассисаҳо, дар шакли электронӣ таҳия намудани маводҳои таълимӣ, бо шабакаи Интернет таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, ба забони давлатӣ таҳия намудани маводҳои омӯзишӣ, сохтани сомона ва почтаи электронӣ ва ғайраҳо иборат мебошад.

Дар зинаи амалӣ муассисаҳои таълимӣ бо сомонаи интернетӣ таъмин гашта, кормандон ба почтаҳои электронӣ обуна мешаванд. Аз зинаи аввали таҳсилот оғоз намуда, машғулиятҳо бо усулҳои нави таълим ва истифодаи ТИИ тадрис дода мешаванд. Ҳайати кормандон тарзи истифода намудани компютер ва дигар таҷҳизотҳои электрониро мустақилона метавонанд биомӯзанд. Мураббия дар раванди машғулиятҳо ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки аз тахтаи электронӣ истифода баранд.

Зинаи ниҳоӣ барои мустаҳкам намудани донишҳои андӯхтаи техникӣ нигаронида шуда, такмилу тағйирдиҳии сатҳи дониши баланди техникӣ, маҳорату малакаи махсуси истифодабарии онро аз кормандон

талаб мекунад. Сарфи назар аз синну сол ва дараҷаи тахассус тарбиядиҳандагон бояд маводҳои тадрисшавандаро мустақилона аз шабакаи Интернет дастрас намуда, онро ба забони давлатӣ тарҷума кунанд ва ҳангоми ташкилу баргузории машғулиятҳо аз онҳо фаъолона истифода намоянд.

Мувофиқи талаботи “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” амалисозии нақшаи компютеркунонии муассисаҳои томактабӣ марҳила ба марҳила ба роҳ монда шудааст ва то соли 2025 шумораи муассисаҳои томактабии кишвар 30 фисад зиёд шуда, онҳо бояд бо технологияҳои муосири компютерӣ муҷаҳҳаз карда шаванд. Бо гузашти замон кӯдакон ба ин раванд ворид гардида, оҳиста-оҳиста бо техника ва технологияи муосир ошноии наздик пайдо мекунанд, маводҳои аудиовизуалӣ ва истифодабарии мақсадноки иттилооти пешниҳодшаванда бо роҳи маҷмуавиро, ки шакли интенсивии омӯзиш ба ҳисоб меравад, аз худ мекунанд. Инчунин, истифодаи наворҳои кӯтоҳҳаҷм, матнҳои графикӣ бо замима кардани расми манзараи дилчасп дар намоиш шавқи кӯдаконро ба омӯзиш зиёд мекунад ва ин боис мегардад, ки дар хотираи кӯдак онҳо мустаҳкам боқӣ монанд.

Дар ҳолати истифодаи дуруст ва оқилонаи компютер таъсири манфии он ба кӯдакон ба сифр баробар мешавад ва маҳсулнокӣ меафзояд. Зери мафҳуми компютер тамоми таҷҳизоти электронии ҳисоббарор, аз қабили, компютери ҳамадон, телевизион, телефони мобилӣ, планшет, ноутбук, компютери рӯимизӣ ва ғайраҳо фаҳмида мешавад. Ҳар инсони муосир ҳадди ақал дар як рӯз маротибае аз яке аз онҳо истифода мебарад. Зеро дар хонаву коргоҳ ва хиёбону кӯчаҳо онҳо дар фаъолият мебошанд. Агар ба ҷайб ва ё ҷуздони худ назар афканем, он ҷо ҳатман таҷҳизоти электрониро дармеёбем. Ҳатто дар ошхона ҳангоми пухтани хӯрок аз телевизион баҳрабардорӣ менамоем, яъне он ҷо ҳам аз техника лаҳзае истифода мебарем. Кӯдакони хурдсол дар хона вақти худро бо тамошо намудани афсонаву филмҳои гуногун мегузаронанд. Ҳамаи мисолҳои дар

боло зикргардида шаҳодати онро медиҳанд, ки одамон ба техникаву технологияи нав унс гирифтаанд.

Фарзандони мо аз худи мо дида дар фаҳмиши техникаи ҳозиразамон пеш гузаштанд, зеро онҳо на ба шакли назариявӣ, балки дар амал онро истифода мебаранд. Кӯдаконе, ки дар муҳити хонавода соҳиби компютер мебошанд, оҳиста-оҳиста тарзи кор дар компютерро бо мадади водидон, бародару хоҳарони мактабхон меомӯзанд, бо таҷҳизоти электронӣ аз наздик шинос мешаванд, қисмҳои навро ба компютер насб мекунанд, аз қабили принтер (чопкунанда), сканер (аксгиранда), микрофон ва ғайраҳо. Ҳамаи инҳо боис мешаванд, ки дар кӯдак маҳорату малакаҳои техникӣ пайдо шавад. Чунин қобилиятҳо дар оянда барои инкишофи нутқ, омӯзиши забон ва дигар фаъолиятҳои ақлию зеҳнӣ ба кӯдак лозим мешаванд.

Дар ҳоли имрӯз бе ёрии техникаи компютерӣ қариб ягон навъи фаъолияти инсон амалӣ намегардад. Роҳҳои истифодабарии онҳоро аз синни хурдӣ омӯхтан, боиси он мегардад, ки кӯдакон кор кардан дар компютерро амиқтар ёд  мегиранд.

Амалӣ гардидани “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия боис мегардад. Мақсади асосии Барномаи мазкур рушди низоми технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ бо истифодаи технологияҳои таълимии муосир, усулҳои инноватсионии таълим ва ташкили фазои ягонаи иттилоотии соҳаи маориф мебошад.

Барои кори мунтазами ТИИ дар муассисаҳои таълимӣ кашидани хати шабакаи Интернет ва барномаҳои марбут ба технологияҳои таълимӣ афзалиятнок шуморида мешавад. Дар кишвари мо нархгузорӣ барои истифодабарии шабакаи Интернет ба ақидаи истифодабарандагон баланд арзёбӣ мегардад. Тибқи маълумоти таҳлилгарони хизматрасонии Picodi.com нархгузории камарзиши шабакаи Интернет дар Руминия,

Украина, Сингупур, Ҳиндустон, Русия, Полша, Молдова, Маҷористон ва Латвия ба қайд гирифта шудааст. Тибқи маълумоти Созмони ҷаҳонии энергетикӣ нархгузорӣ барои истифодабарии шабакаи Интернет дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ чунин мебошад:

Ҷадвали 8. Арзиши мутаносибии шабакаи Интернет дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ.

| № | Кишвар | Суръати Интернет Мбайт/сония | Арзиш бо доллари ШМА |
|---|---|---|---|
| 1 | Озарбойҷон | 1 | 9,76 |
| 2 | Арманистон | 4 | 8,37 |
| 3 | Беларус | 3 | 7,1 |
| 4 | Гурҷистон | 10 | 11,97 |
| 5 | Қазоқистон | 1 | 8,7 |
| 6 | Қирғизистон | 4 | 17,8 |
| 7 | Латвия | 5 | 12 |
| 8 | Литва | 100 | 12,8 |
| 9 | Молдова | 50 | 9,5 |
| 10 | Русия | 90 | 2 |
| 11 | Тоҷикистон | 1 | 45,2 |
| 12 | Туркманистон | 1 | 14,6 |
| 13 | Узбекистон | 1 | 26,3 |
| 14 | Украина | 50 | 1,75 |
| 15 | Эстония | 10 | 17,7 |

Аз маълумотҳои ҷадвал маълум мешавад, ки нархгузорӣ дар кишварҳои пасошуравӣ яксон нестанд. Агарчи онҳо се даҳсола қабл як кишвари томро ташкил медоданд. Кишварҳои Украина, Русия, Молдова, Гурҷистон, Литва ва Эстония барои дастрасӣ ба шабакаи Интернет мушкилӣ надоранд ва онро бо нархи арзон харидорӣ мекунанд. Кишварҳои Тоҷикистон, Узбекистон, Туркманистон бо нархи баланд ба шабакаи

Интернет дастрасӣ пайдо мекунанд. Омори мазкур дар шакли диаграмма нишон дода шудааст.

Диаграммаи 5. Нархгузории нисбии шабакаи Интернет дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ




Сабаби асосии чунин нархгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кӯҳсор будани зиёда аз 90 фисади кишвар арзёбӣ мегардад. Дар чунин шароит таъмин намудани суръати баланди мубодилаи маълумот мушкил гашта, насбу васли ноқилҳо дар шароити кӯҳсор масрафи иловагиро талаб мекунад. Аммо нисбат ба Қирғизистон ва Гурҷистон, ки релефи ин кишварҳоро низ бисёртар кӯҳҳо ташкил медиҳанд, чунин нархгузорӣ баланд шуморида мешавад.

Муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ба қадри имкон бо шарту шароити замони муосир таъмин шуда истодаанд. Муассисаҳои томактабӣ низ аз ҷумлаи онҳо маҳсуб меёбад. Татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар аз худ дарак дода истодааст. Масъалаи бо компютер ва дигар таҷҳизотҳои муосири компютерӣ таъмин кардани муассисаҳои томактабии Тоҷикистон

то кунун дар ҳоли баррасӣ буда, марҳила ба марҳила амалӣ шуда истодааст. Бо вуҷуди талошҳои сохторҳои марбута мушкилот роҳи ҳалли худро наёфтаанд, баъзе аз онҳо дар ҷадвали зерин нишон дода шудаанд (нигаред ба ҷадвали 9).

| **Муҳтавои мушкилот** | **Дараҷа ва андозаи мушкилот** |
|---|---|
| Маблағгузории нокифоя ба харидории таҷҳизотҳо ва таъминоти онҳо бо барномаҳои компютерии лозимӣ. | Таҷҳизот тадриҷан аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳо ва махсус харидорӣ карда мешавад. |
| Омодагии ба истифодаи ТИИ ҳайати кормандон (аз ҳисоби дараҷаи баланди масъулият ҷалб кардани мутахассисони ихтисосманд мушкил аст) | Муҳтоҷ будани мутахассисони ҷавон ва бозомӯзии педагогони собиқадошта. |
| Нокифоя будани воситаҳои барномавии компютерӣ барои кӯдакони синну соли томактабӣ. | Сохтани бозиҳои компютерии омӯзишӣ ва барномаҳои компютерии хусусӣ. |

**Ҷадвали 9. Баъзе аз масъалаҳои ҳалталаб дар муассисаи томактабӣ**

Қисми зиёди муассисаҳои томактабӣ маблағҳои муайяни муассисаро барои таъмири бинову хуҷраҳои таълимӣ сарф мекунанд. Барои харидорӣ намудани таҷҳизотҳои муосири компютерӣ аз ҷумла, камераҳои назоратӣ, компютер, проектор, тахтаи электронӣ ва принтер маблағи муайян лозим аст. Инчунин дар муассисаҳои томактабӣ норасоии кадрҳои баландихтисос ба чашм мерасад. Барои ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм андешида шуда истодааст. Нокифоя будани бозиҳои компютерӣ ва воситаҳои барномавӣ бо забони давлатӣ низ мушкилоти дигари муассисаҳои томактабӣ ба ҳисоб меравад. Маркази ТИИ назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои электронии таълимиро ба забони модарӣ тарҷума ва пешкаш карда истодааст. Дар бораи тарҷума кардани барномаҳои компютерии таълимӣ стартегияи махсус барои муассисаҳои томактабӣ оид ба ҳалли масъала тарҳрезӣ намудан лозим мебошад.

Истифодабарии шабакаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои томактабӣ нисбатан афзуда истодааст. Дар баъзе аз муассисаҳои томактабӣ бо мақсади баланд бардоштани заминаи таълимӣ ва методӣ компютерҳо, принтерҳо, тахтаҳои электронӣ, проектор ва дигар таҷҳизотҳо харидорӣ ва насб карда шуда истодаанд, вале онҳо нокифоя буда талаботро қонеъ намекунанд.

Таъмин намудани муассисаҳои томактабӣ бо техникаву технологияҳои муосири компютерӣ ва шабакаи Интернет дар афкори мутахассисон пас аз гузаронидани назарпурсӣ чунин натиҷагирӣ карда шуд: Оё мутахасисон аз шабакаи Интернет истифода мебаранд ё не? Ба ин савол ҷавоби қатъӣ додан мушкил аст, зеро шароити иқтисодии на ҳама муассисаҳо дар давоми сол таъминоти шабакаи интернетро кифоягӣ мекунад. Аксарияти онҳо танҳо ба воситаи телефонҳои мобилии худ роҳ ба шабакаи Интернет пайдо мекунанд. Вобаста ба ин миёни мутахассисон назарпурсии иҷтимоӣ гузаронида шуд. Дар ин назарпурсӣ 156 нафар мутахассисон зинаи таҳсилоти томактабӣ иштирок намуда, ақидаҳои худро доир ба истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва намудҳои онҳо иброз доштанд.

Дар назарпурсии иҷтимоӣ перомуни истифода кардани технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар муассисаҳои томактабӣ гузаронида шуд. Аз шумораи 148 нафар иштирокчии назарпурсӣ 111 нафар ҷонибдор, 7 нафар бетараф, 12 нафар муқобил ва 18 нафар ҷонибдори маҳдуднокии ТИИ дар кӯдакистон мебошанд.

| Миқдори умумӣ | Ҷонибдор | Муқобил | Бо ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо | Бетараф |
|---|---|---|---|---|
| 156 | 119 (76%) | 12 (8%) | 18 (12%) | 7 (4%) |

**Ҷадвали 9. Натиҷаи назарпурсӣ бо мутахассисон оиди истифодаи ТИИ дар кӯдакистон**




**Диаграммаи 6. Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар кӯдакистон аз нигоҳи мутахассисон**

Дар ҷадвали 9-1, ақидаи мутахассисон перомуни шавқу ҳаваси кӯдакон нисбат ба ТИИ ва розигии истифодаи онҳоро муассисаҳои томактабӣ дар ҷадвали зерин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст,

**Ҷадвали 9.1**

| Намудҳои ТИИ | Ҷонибдор | % | Муқобил | % | Бетараф | % | Ҳамагӣ | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Камераҳои назоратӣ | 149 | 95,5 | - | - | 7 | 4,5 | 156 | 100 |
| Тахтаи электронӣ | 139 | 89,1 | 1 | 0,6 | 16 | 10,3 | 156 | 100 |
| Шабакаи Интернет | 119 | 76,3 | 9 | 5,8 | 28 | 17,9 | 156 | 100 |
| Телевизион, DVD, | 113 | 72,4 | 13 | 8,3 | 30 | 19,2 | 156 | 100 |
| Компютер, принтер | 118 | 75,6 | 7 | 4,5 | 31 | 19,9 | 156 | 100 |
| Бозиҳои компютерӣ | 98 | 62,8 | 23 | 14,7 | 35 | 22,4 | 156 | 100 |
| Телефони мобилӣ. | 68 | 43,6 | 69 | 44,2 | 19 | 12,2 | 156 | 100 |

Тибқи назарпурсие, ки миёни 156 нафар мутахассисон гузаронида шуд, муайян карда шуд, ки қисмати зиёди онҳо ҷонибдори истифодабарии

ТИИ дар кӯдакистон мебошанд. Ба ақидаи онҳо назорат бурдан аз болои рафтору кирдори кӯдакон ба он мусоидат мекунад, ки кӯдакон нозукиҳои технологияи муосирро омӯхта, тарзи истифодаи бехатари онро аз синни хурдӣ аз худ мекунанд.

Диаграммаи 6-1. Натиҷаи назарпурсии иҷтимоӣ миёни мутахассисон




Аксарияти мутахассисон дар хусуси истифодабарии ТИИ дар ва назорати фаъолияти онҳо ибрози ақида намуданд, ки нисбат ба кӯдакон чӣ гуна муносибат намудан мумкин мебошад. Дар ҷадвали 9-2 ақидаи мутахассисон роҷеъ ба назорати фаъолияти кӯдакон ҳангоми истифодабарии ТИИ нишон дода шудааст. Аз шумораи 156 нафар мутахассисон, ки дар назарпурсӣ ишкирок намуданд, 136 нафар ақида доранд, ки дар муассисаи таълимӣ аз болои кӯдакон назорат кардан мумкин буда, рафти истифодабарии ТИИ ба танзим дароварда мешавад. Аз ин шумора 10 нафар ба он ақида мебошанд, ки тарбияи кӯдакон мушкилтар шуда, рафти фаъолияти онҳо дар назди компютер идора карда намешавад.

| Шумораи умумӣ | Фаъолияти кӯдаконро назорат кардан мумкин аст | Имкон надорад | Ҷонибдори маълумоти техникӣ гирифтани кӯдакон | Муқобили истифодабарии ТИИ ҳастам |
|---|---|---|---|---|
| 148 | 128 | 10 | 3 | 7 |

**Ҷадвали 9-2. Назорати фаъолияти кӯдакон ҳангоми истифодабарии ТИИ ба ақидаи мутахассисон**

Аз ҷадвали 9-2 бармеояд, ки аксарияти мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ барои баландбардории сатҳи таълим ва тарбияи кӯдакон ба воситаи техникаи компютерӣ муқобил нестанд. Назорат кардан аз болои фаъолияти ҳаррӯзаи кӯдакон ва дарки масъулият боис мешавад, ки кӯдакон дар руҳияи инсондӯстӣ, худшиносӣ ва меҳанпарастӣ бар камол расанд. Саҳми технологияи иттилоотӣ – иртиботӣ дар рушди шахсияти кӯдакон ҳамчун воситаи муҳимтарин боқӣ мемонад.




Диаграммаи 6-2. Шакли графикии фаъолияти кӯдакон бо ТИИ аз нигоҳи мутахассисон

Дар назарпурсӣ инчунин саволҳо оиди вақти сарфкардаи кӯдакон дар назди компютер ва дигар намуди технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ пешниҳод карда шуд ва ақидаи мутахассисон дар ин бобат муайян карда шуд.

| Шумораи умумӣ | 25 дақиқа кифоя мебошад | то 45 дақиқа мумкин аст | Намедонам | Истифода накунанд |
|---|---|---|---|---|
| 148 | 119 | 17 | 3 | 9 |

**Ҷадвали 9-3. Вақти имконпазири гузаронидаи кӯдакон дар назди компютер ва дигар таҷҳизотҳои электронӣ**

Аз ҷадвали 9-3 бармеояд, ки мутахассисон дар саволгузории пешниҳоднамудаи мо чунин изҳори андеша намуданд: аз шумори 148 нафар 119 нафар ҷонибдори 25 дақиқа/рӯз истифода бурдан овоз доданд; 17 нафар то 45 дақиқа/рӯз; 9 нафари дигарашон дар он ақидаанд, ки кӯдакон аз телефони мобилӣ ва бозиҳои компютерӣ истифода набаранд.

Диаграммаи 6-3. Назари мутахассисон дар хусуси фаъолияти кӯдакон дар назди компютер ва вақти имконпазири гузаронидаи онҳо бо он.




Шабакаи Интернет ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимтарини дастрасӣ ба манбаи маълумотҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон истифода гардида истодааст. Дар назарпурсӣ инчунин фикру ақидаи мураббияҳо дар бобати ташкил, дастрасӣ ва истифодаи шабакаи Интернет дар фаъолияти кории онҳо ва раванди таълим гирифта шуд.

Ҷадвали 9-4. Истифодабарии шабакаи Интернет дар кӯдакистон аз нигоҳи мураббияҳо

| Назари мураббияҳо дар хусуси шабакаи Интернет | Шумора | % |
|---|---|---|
| Кор карда метавонам | 43 | 29 |
| Дар кор бо шабакаи Интернет мушкилӣ мекашам | 47 | 32 |
| Шабакаи интернетро танҳо барои дарёфти маводи таълимӣ истифода мебарам | 58 | 39 |
| Ҳамагӣ | 148 | 100 % |

Аз шумораи 148 нафаре, ки дар назарпурсӣ иштирок карданд, 43 нафарашон (мутаносибан 29 фисади шумораи умумӣ) итминон доранд, ки дар фаъолияти касбии худ аз шабакаи Интернет дуруст истифода мебаранд. Аз ин шумора 47 нафари дигар (мутаносибан 32 фисади шумораи умумӣ) дар кор бо шабакаи Интернет мушкилӣ мекашанд ва 58 нафари дигар бошад, (мутаносибан 39 фисади шумораи умумӣ) шабакаи Интернет-ро танҳо барои дастрасӣ пайдо кардан ба маводҳои таълимӣ ва тарбиявӣ истифода мекунанд.

Диаграммаи 6-4. Истифодабарии Интернет дар кӯдакистон



Маълумотҳои ба воситаи назарпурсӣ ба даст овардашуда мавриди таҳлил гирифта, ба хулосае омадан мумкин аст, муассисаҳои томактабӣ заминаи техникӣ ва моддии худро тадриҷан беҳтар карда истодаанд.

Волидон мехоҳанд донанд, ки кӯдакони онҳо дар кӯдакистон чӣ тавр вақти худро гузаронида истодаанд. Онҳо беш аз ҳарвақта ҳавасманд ҳастанд, ки сатҳи таълиму тарбия дар кӯдакистон беҳтар ба роҳ монда шавад. Ҳадафи аз он иборат  аст, ки кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ тарзи дурусти истифодаи технологияҳои компютериро аз худ карда, танҳо бозиҳои манфиатовари компютериро меомӯзанд ва мавриди истифода қарор медиҳанд.

Муассисаи таълимии томактабӣ дар интихоби бозиҳои компютерӣ ва истифодаи онҳо ҳамчун омили пешбарандаи таълим ба ҳисоб меравад. Кӯдакон бо ин восита тарзи дуруст ва самаранок истифода кардани бозиҳои компютериро аз мураббия омӯхта, зараровар ва ё манфиатнок будани онро фарқ карда метавонанд. Зеро имрӯз тавлиди бозиҳои компютерӣ ба як арсаи манфиатбахш табдил шудааст ва ширкатҳои бузурги созандаи ин гуна бозиҳои компютерӣ тамоми намуди бозиҳоро пешкаши истифодабарандагон карда истодаанд. Барои ба даст овардани фоида барномасозон дар бисёр ҳолатҳо оқибатҳои харобиовари онро фикр намекунанд. Барои баланд бардоштани савияи дониш, равандҳои маърифатӣ ва рушди равонии кӯдакон мураббияҳо бояд танҳо аз бозиҳои шавқовари таълимӣ истифода намоянд. Навори лаҳзаҳои машғулияти таълимиро бо истифодаи бозиҳои компютерӣ дар сомонаи муассиса гузоранд, волидон рафти фаъолияти кӯдаконро назорат карда хулосабарорӣ намоянд.

Бозиҳои компютерӣ чунон гуногун ва беандоза зиёд ҳастанд, ки кӯдакону наврасон ба доми ҷозибаи онҳо гирифтор шуда истодаанд. Норасоии муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру деҳот ва шароити иқтисодӣ ба оилаҳо имконият намедиҳад, ки фарзандони худро ба кӯдакистон супоранд ва каме ҳам бошад онҳоро аз фаъолияти беҳуда фосилагирӣ намоянд.

Дар назарпурсӣ миёни мураббияҳо саволи “Истифодаи кадом намуди технологияи иттилоотӣ-иртиботиро дар муассисаҳои томактабӣ зарур мешуморед” гузошта шуд. Дар ҷавоб мураббияҳо ақидаҳои гуногунро баён намуданд. Аз шумораи 46 нафар мураббия, ҷонибдори машғулияти таълимие, ки дар он тахтаи электронӣ ва намоишҳо роҳнамоӣ мекунад 16 нафар овоз доданд. Маълум мешавад, ки дар миёни таҷҳизотҳои компютерӣ тахтаи электронӣ нақши муҳимро мебозад. Аммо заминаи моддӣ ва техникии қисмати зиёди муассисаҳои томактабиро на тахтаи электронӣ, балки телевизион ва маводҳои чандарасонагӣ ташкил медиҳад. Дар муқоиса бо маводҳои чандрасонагӣ тахтаи электронӣ натиҷанок шуморида мешавад, зеро кӯдакон бо тахтаи электронӣ дар амал фаъолият карданро дӯст медоранд.

**Ҷадвали 9-5. Натиҷаи назарпурсии истифодаи ТИИ дар кӯдакистон**

| Намудҳои ТИИ | Миқдор | Миқдор бо % |
|---|---|---|
| Тахтаи электронӣ, проектор, намоишҳо | 65 | 45 |
| Компютер | 21 | 14 |
| Телефони мобилӣ, компютери ҳамадон | 5 | 3 |
| Камераҳои назоратӣ | 18 | 12 |
| Бозиҳои таълимии компютерӣ, телевизион | 12 | 48 |
| Шабакаи Интернет, почтаи электронӣ | 25 | 17 |
| Ҳамагӣ | 146 | 100 |

Мувофиқи шароиту имкониятҳое, ки муассисаҳои таълимӣ доранд, тамоми намуди технологияиҳои компютерии ҳозиразамон имконияти истифодабариро таъмин кардан мумкин аст. Муассисаҳои томактабие, ки дар замони истиқлолият ба истифода дода мешаванд, бо тамоми шароитҳои замонавӣ барои таҳсил муҳайё карда мешаванд




**Диаграммаи 6-5. Назарпурсии мураббияҳо дар шакли графикӣ**

Ба саволи он ки истифодабарии бозиҳои компютерӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани савияи дониш, равандҳои маърифатӣ ва рушди равонии кӯдакон чӣ таъсир мерасонад, мураббияҳо ҷавобҳои мухталиф доданд.

Ҷадвали 9-6. Бозиҳои компютерӣ дар кӯдакистон

| Ба саломатӣ зарар дорад | Мумкин аст бо риояи меъёр | Дар раванди таълим муҳим мебошад | Ба рушди зеҳнии кӯдакон боис мешавад | Дар кӯдакистон лозим нест |
|---|---|---|---|---|
| 33 | 44 | 29 | 27 | 13 |

Аз ҷадвал муайян карда шуд, ки мураббияҳо ҳоло ҳам дар бораи бозиҳои компютерӣ маълумоти кофӣ надоранд ва истифодаи онҳоро муассисаҳои томактабӣ қисмати заёди мураббияҳо роиҷ намедонанд. Татбиқи бозиҳои компютерӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо дастгирии мураббиён ҳамчун воситаи вусъатдиҳандаи маҳорату малакаҳои нав ва фаъолияти эҷодии кӯдакон бояд саҳми бозасо гузорад.




**Диаграммаи 6-6. Натиҷаи назарпурсӣ оид ба истифодаи бозиҳои компютерӣ дар муассисаҳои томактабӣ**

Чуноне, ки аз диаграмма бармеояд, қисми зиёди мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ дар хусуси истифодабарии бозиҳои таълимии компютерӣ ақидаи нодуруст доранд. Ҳол он ки бозиҳои компютериро ба воситаи тахтаи электронӣ истифода кардан кори муқаррарӣ буда, заҳмати зиёдро талаб намекунад. Дар натиҷа кӯдакон метавонанд машқи пагоҳирӯзиро дастаҷамъона иҷро кунанд, манзараҳо тасвир намоянд ва дигар амалҳоро бо дастгирии мураббия ба анҷом расонанд.

Кӯдакон дар синни хурдӣ ба омӯхтани муҳити атроф диққати зиёд медиҳанд, бозиҳои компютерӣ ва дигар технологияҳои компютерӣ диққати онҳоро ба худ ҷалб мекунад. Вале на ҳамаи волидон низ ба фарзандони худ бозиҳои компютерии мувофиқ ба синну соли кӯдаконро иҷозат медиҳанд ва назорати қатъӣ мебаранд. Нигоҳи сирф илмӣ ба ин бозиҳо сабаб шудааст, ки аҳамияти фарҳангӣ ва сиёсии бозиҳо қадре, ки мебояд, мавриди таваҷҷуҳ қарор намегиранд. Таҳлилгарони арсаи фарҳангу расонаҳо фурсати бозӣ кардан надоранд ва ҷавононе, ки мудом дар ҳоли анҷоми ин бозиҳо ҳастанд, қодир ба таҳлили муҳтавои ин гуна бозиҳо нестанд. Дар натиҷа дар дасти кӯдакону наврасон як маҳсулоти саргармсози зарарнок ба саломатӣ ва ҷомеа омада мерасад, ки натиҷаи рафтори кӯдакон дар чунин ҳолат ногуфтанӣ аст.

Ба ақидаи равшанфикрон дар насли ҷавони имрӯза вобастагии зиёд аз шабакаи Интернет шакл мегирад. Одат ба саргармӣ ва танбалии зеҳнӣ ба он оварда мерасонад, ки аз омӯзишу тадрис дур мегарданд. Агар кӯдакон аз назорат дур монанд, онҳо ба бозиҳои компютерии дӯстдоштаи худ машғул мешаванд. Волидон низ ба фаъолияти нодурусти онҳо мусоидат мекунанд, зеро онҳо телефони мобилии худро аз оқибати он фикр накарда ба кӯдакон пешкаш мекунанд. Агар телефони мобилӣ ба шабакаи Интернет пайваст бошад, барои кӯдакон дучанд таъсири манфӣ мерасонад. Зеро пас аз ворид шудан ба шабакаи Интернет ба маълумотҳои номувофиқ ба синну соли худ дастрасӣ пайдо мекунанд. Баъди тамошои наворҳои дорои хусусияти хушунат ва зӯроварӣ ҳолати равонии кӯдакон хароб гардида, ба саломатиашон низ таъсиррасон мешавад.

Донишҷӯёни хатмкунандаи ихтисосҳои "Таҳсилоти томактабӣ", "Таҳсилоти томактабӣ. Забони англисӣ", "Таҳсилоти томактабӣ. Логопедия" ва "Таҳсилоти томактабӣ. Равоншинос"-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҳангоми назарпурсӣ ба саволҳои пешниҳодшуда посухи мушаххас ва гуногун доданд. Шумораи донишҷӯёни гурӯҳи назоратии ихтисосҳои соҳаи томактабӣ 162 нафар буданд, чунин натиҷаҳоро нишон дод:

Ҷадвали 9-7.1 Мундариҷаи пурсишнома барои муайян кардани сатҳи омодагии техникии мураббиёни ояндаи муассисаҳои томактабӣ дар фаъолияти касбии худ (замимаи 7)

| Пурсиш | Баҳодиҳӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Муносибати худро нисбат ба истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар раванди таълим ва тарбия иброз доред | 57 | 35 | 34 | 22 | 14 |
| Муносибати худро ба фаъолияти таълим ва тарбия бо истифода аз технологияҳои ҳамгирошудаи таълим арзёбӣ кунед | 17 | 34 | 34 | 33 | 44 |
| Дараҷаи таваҷҷӯҳи худро ба татбиқи технологияи таълимии ҳамгирошуда дар | 25 | 37 | 23 | 44 | 33 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| раванди кори таълиму тарбия нишон диҳед | | | | | |
| Дараҷаи маҳорат ва малакаи худро оиди воситаҳои техникӣ дар таълим баҳогузорӣ кунед | 47 | 15 | 24 | 33 | 43 |
| Сатҳи фаҳмиши худро дар бораи ҷойгоҳ ва нақши технологияи компютерӣ дар раванди таълим арзёбӣ кунед | 26 | 33 | 25 | 37 | 41 |

Натиҷаи пурсишнома метавонад вобаста ба ихтисос, шакли таҳсилот ва гурӯҳҳо гуногун бошад. Аз ҳамин лиҳоз, натиҷаи он ҳамчун маълумоти нисбӣ қабул карда мешавад.

**Диаграммаи 6-7.1 Муайян кардани сатҳи омодагии техникии мураббиёни ояндаи муассисаҳои томактабӣ.**




Инчунин, назарпурсӣ миёни мураббиёниояндаи муассисаҳои томактабӣ дар бобати истифодаи барномаҳои замимавии кор бо иттилоот дар фаъолияти кории онҳо нишон дод, ки онҳо бисёртар бо барномаҳои кор дар шабакаи Интернет-ро афзалият медиҳанд. Дастрас намудани маводҳои таълимӣ ва тарбиявӣ аз барномаҳои компютерии интернетӣ осонтар ва фаҳмотар мебошад.

| Истифодаи барномаҳои компютерӣ дар муассисаи томактабӣ | Миқдор | % |
|---|---|---|
| Microsoft Word (барои ҳуҷҷатгузорӣ) | 54 | 33,3 |
| Microsoft Excel (барои ҳисобу китоб) | 18 | 11,1 |
| Microsoft Power Point (барои презентатсия) | 39 | 24,1 |
| Microsoft Publisher (брошюра, буклет, кортҳо) | 4 | 2,51 |
| Paint (барои тасвири расму нақшаҳо) | 16 | 9,91 |
| Opera, Chrome, Youtube (манбаҳои Интернет) | 29 | 17,2 |
| Ҳамаи номбаршудаҳо истифода мешаванд | 2 | 1,21 |
| Ҳамагӣ | 162 | 100 % |

**Ҷадвали 9-7.2 Маҳорати истифодаи барномаҳои муҳимтарини компютерӣ миёни донишҷӯёни ихтисосҳои томактабӣ**

Ҷадвали 9-7.2-ро таҳқиқ намуда, ақидаҳои донишҷӯёнро дар шакли диаграмма пешниҳод намудан мумкин мебошад. Натиҷаи назарпурсӣ нишон медиҳад, ки донишҷӯён ҳанӯз ҳам аз методҳои фаъоли таълим истифода карданро афзал намедонанд ва ба иҷрои ин амал омода нестанд. Танҳо миқдори ками онҳо ба ин усули равиши машғулиятҳо худро омода ҳисоб мекунанд.




**Диаграммаи 6-7.2 Истифодабарии барномаҳои компютерӣ барои рангин гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ.**

Саволи дигари гузошташударо “Машғулияти таълимӣ бо истифода аз тахтаи электрониро ҷонибдорӣ мекунед ё не?” донишҷӯён чунин посух доданд:

Дар назарпурсӣ 132 нафар донишҷӯён иштирок намуданд, ки аз ин шумора 118 нафар ҷонибдор, 8 нафар бетараф, 4 нафар ҷонибдоранд, вале худ бо тахтаи электронӣ кор карда наметавонанд ва 2 нафар ба ақидаи он ҳастанд, ки истифодаи тахтаи электронӣ ба рушди кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад. Қобили қайд аст, ки донишҷӯдухтарон ҳангоми равиши машғулиятҳои таълимӣ ба истифодабарии тахтаи электронӣ ҳавасманд ҳастанд. Аз миёни воситаҳои таълимии техникаи компютерӣ аз ҳама безарар нисбат ба ҳифзи саломатии кӯдакон, тахтаи электронӣ ба шумор меравад.

Ҷадвали 9-8. Истифодаи тахтаи электронӣ дар муассисаи томактабӣ аз нигоҳи донишҷӯёни ихтисосҳои томактабӣ.

| Ҷонибдорам | Фарқ надорад | Ҷонибдорам, аммо худ мушкилӣ мекашам | Ҷонибдор нестам, зеро он ба кӯдак зарар мерасонад |
|---|---|---|---|
| 118 | 8 | 4 | 2 |

Маълумотҳои бадастовардашуда мавриди таҳлил қарор гирифта шуда, дар шакли графикӣ пешниҳод гаридааст.

Диаграммаи 6-8. Истифодаи тахтаи электронӣ дар муассисаҳои томактабӣ.




Бо вуҷуди дониши кофии техникӣ надоштани донишҷӯёни хатмкунандаи ихтисосҳои томактабӣ, онҳо истифодабарии тахтаи электрониро афзалтар мешуморанд. Аммо дар самти омода ва гузаронидани машғулиятҳои таълимию тарбиявӣ бо истифодаи тахтаҳои электронӣ ҳанӯз ҳам мушкилиҳо ба чашм мерасанд.

Дар шароити деҳот ба масъалаи ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифтани кӯдакон низ тахти ғамхории Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Бо эълон шудани соли 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” аз ҷониби Пешвои миллат боис ба он гардид, ки шароити деҳот хуб ва инфрасохтори он инкишоф ёбад. Дар баробари сохтани бунгоҳҳои тиббӣ, муассисаҳои миёнаи умумӣ, инчунин томактабӣ низ дар лоиҳаи рушди деҳот ба нақша гирифта шудааст. Аммо барои таъмин намудани шароити арзандаи таҳсилот дар деҳот ҳамоно масъалаи ҳалталаб рушди инфрасохтори он боқӣ мемонад. Яке аз масъалаи мубрам ин таъмини шабакаи Интернет дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар ба шумор меравад.

Паёмрасонҳо имкон медиҳанд, ки ба зудӣ мубодилаи иттилоотӣ таъмин гардида фиристодани паёмҳои матнӣ, савту садо, тасвирҳо, наворҳоро миёни истифодабарандагон интиқол диҳанд. Бо ёрии ин маводҳои таълимӣ мураббӣ метавонад порчае аз аксу навори машғулияти таълимиро ба волидон фиристад. Ин алалхусус дар давраи ба кӯдакистон

мутобиқ шудани кӯдак иҷрои ин амал мувофиқ арзёбӣ мешавад. Ин ба мураббӣ имкон медиҳад, ки бо ҳамаи волидони гурӯҳ муошират кунад ва барои ҳалли дархостҳои хусусӣ шароит фароҳам орад.

Дар шароити имрӯза вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии муассисаҳои таълимии томактабӣ имкон намедиҳанд, ки ҳаҷми лозимӣ бо маводҳои таълимии интернетиро, ки барои муассисаҳои томактабӣ пешбинӣ гардидааст, мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд. Ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ, почтаи электронӣ ва сомонаҳои омӯзишӣ робита барқарор кардани муассисаи томактабӣ мушкилиро пеш меорад.

Барои баланд бардоштани сатҳи дониши маънавӣ ва зеҳнии кӯдакон барномаҳои телевизионӣ ҷойи маводҳои шавқовари интернетиро қисман гирифта метавонад. Зеро он аз ҷониби мутахассисони соҳа таҳлил ва коркард карда шудааст. Маводҳои интернетӣ бошад, аз ҷониби мураббиён дар шароити муасиссисаи таълимии томактабӣ таҳлил ва ба кӯдакон пешкаш карда мешавад, ки ин раванд ба маҳсулнокии маводи пешниҳодшаванда таъсири манфӣ расонида метавонад.

Диаграммаи 8. Вазъи иқтисодии муассисаҳои таълимии томактабӣ баҳри дастрасӣ ба шабакаи Интернет мавриди гузаронидани пурсишнома бо кормандони муассисаҳои томактабӣ



Истифодаи шабакаи Интернет, манбаъҳои интернетӣ ва сомонаҳои интернетии омӯзишӣ як воситаи муҳимтарин дар баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии кӯдакон ҳамчун инсони комил дар ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Ҷомеаи солим барои кӯдакон шароити арзандаро муҳаё намуда, дар таълиму тарбияи онҳо бевосита ва ё ба воситаҳои гуногун саҳм мегузорад. Бо гузашти замон шарту шароити зиндагии мардуми кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст. Таъмин намудани шароити арзанда барои кӯдакон барои аксарияти муассисаҳои таълимии томактабӣ имконпазир гардида истодааст. Бо гузашти замон кӯдакон зарар ва манфиати технологияҳои иттилоотиро дарк мекунанд ва худ қарор мебароранд, ки чӣ қадар муддат аз онҳо истифода баранд.

## ХУЛОСАИ БОБИ ДУВУМ

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда дар бораи истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ, хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

1. Технологияи иттилоотӣ-иртиботии муосир дар ҳамаи соҳаи маориф ва дар ҳама зинаҳои таҳсилот татбиқи худро ёфта истодааст. Истифодабарии ТИИ дар кори таълиму тарбия судманд ва натиҷаовар арзёбӣ мешавад:

- ҳуҷҷатгузорӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо ёрии ТИИ амалӣ кардан нафъи зиёдтар дорад;
- дар раванди фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ банақшагирии тақвимӣ ва мавзуӣ тартиб додан мумкин аст;
- ба воситаи компютер ва принтер барои ороиши гӯшаи падару модарон мавод омода сохта мешавад;
- суратҷаласаи маҷлисҳои якҷояи падару модаронро дар муассисаи таълимӣ бе мамоният тартиб додан мумкин аст;
- сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби кӯдакон назорат карда мешавад;

- натиҷаи назорати видеоиро дар шакли бойгонӣ маҳфуз нигоҳ дошта мешавад;
- тибқи нақшаи дурнамои муассисаи томактабӣ сатҳи таълиму тарбияи кӯдакон ба воситаи барномаҳои компютерӣ пешгӯӣ карда мешавад;
- ҳуҷҷатгузории муассисаи таълимӣ самарабахш ва босуръат амалӣ карда мешавад.

2. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ дар раванди таълим ба баландбардории фарҳанги иттилоотии кӯдакон мусоидат мекунад. Бо истифода аз рӯнамоҳои чандрасонагӣ педагогҳо метавонанд дар маҷлисҳо, на танҳо дар бораи ягон мавзуъ суҳбат кунанд, инчунин бо расм ё навор диққати кӯдакону волидонро ҷалб кунанд ва суханони худро бо рӯнамо мутобиқ намоянд. Кор бо волидон дар фаъолияти дастаҷамъонаи муассисаи томактабӣ ва волидон самаранок мебошад. Почтаи электронӣ метавонад чун воситаи пайвандгар миёни волидон ва кӯдакистон шавад, ба ин восита аксҳо, наворҳо ва дигар маводҳои иттилоотии ҳаёти кӯдакон аз кӯдакистон ба волидон фиристонда мешавад. Мураббиён суроғаи сомонаҳои лозимиро чун манбаъ ба санадҳои асосӣ гирифта ба волидон равон месозанд, ки дар натиҷа онҳо аз ин суроғаҳо ба саволҳои худ ҷавоб мегиранд.

Маълум гардид, ки технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ имконияти васеи пешбурди корҳои методӣ ва таълимиро дар муассисаи томактабӣ доро мебошанд:

- бунёди захираи маводҳои таълимӣ-методии электронӣ новобаста аз маҳали зист барои дастрасии мукаммал ба маводҳои таълимӣ, ки дар ҳар замон имконият медиҳад аз он кормандон ва дар вақти зарурат аз онҳо истифода баранд;
- ҳангоми тайёрӣ ба машғулиятҳо, интихоби асбобҳои аёнӣ, тайёр кардани намоишҳои чандрасонагӣ (презентатсияҳо), омӯзиши маводи нави таълимӣ, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар шакли

захираҳои электронӣ лозимӣ заминаи корҳои таълиму тарбиявӣ ва методӣ шуда метавонанд;

- муассисаҳои томактабӣ бо хоҳиши якдигар гурӯҳҳои электрониро дар шабакаи Интернет созмон дода метавонанд, ки онҳоро дар корбурди фаъолияти таълимӣ ва методӣ самаранок истифода баранд;
- мураббия метавонад мустақилона (дар заминаи маводҳои интернетӣ ва сомонаҳои расмии омӯзишӣ) ба рушди савияи дониши техникӣ ва касбии худ машғул шавад;
- қисми таркибии фаъолияти касбии мураббиён ин ташкилу гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ мебошад, ки дар натиҷаи он сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои мураббиён ва кӯдакон баланд мешавад;
- ташкили фаъолияти таълимӣ, иҷрои талаботҳои барномавӣ дар муассисаи томактабӣ, ба рушди маҳорату малакаи донишомӯзии кӯдакон ва фароҳам овардани муҳити рушдёбанда аз ҷониби мураббиён мусоидат менамояд;
- дар муассисаҳои томактабие, ки тахтаи электронӣ вуҷуд надорад, аз таҷҳизотҳои мултимедиявии дар толори мусиқӣ насбгардида фаъолона истифода бурдан мумкин аст. Бо ёрии презентатсияи мултимедиявӣ гузаронидани комплекси машқҳои гимнастикӣ, машқҳои варзишӣ ва психогимнастикиро имконпазир мебошад.

3. Воситаҳои иттилоотии дар муассисаҳои томактабӣ истифодашаванда (алоқаи мобилӣ, сомонаи интернетии муассисаҳои томактабӣ, муошират бо волидон тавассути почтаи электронӣ, истифодаи веб-сомонаи шахсӣ) беҳтарин воситаи омӯзиш аст. Шаклҳои гуногуни кор бо мақсади ҳалли масъалаҳои мубрами рушди кӯдакон дар ҳамкории таълимии калонсолон истифода мешаванд. Рушди ҷомеаи муосир аз мураббияҳо талаб мекунад, ки эҷодиёт ва малакаи худро ба навовариҳои техникӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои боз ҳам хубтар равона намоянд.

Истифодаи маводҳои мултимедиявӣ бартариятҳои худро дар чунин равандҳо нишон доданд:

- намоиш додани объектҳои гуногунро бо истифодаи проектор ва тахтаи электронӣ ба кӯдакон шавқовар ва дастрас мегарданд;
- муттаҳид кардани якчанд намуди иттилоот дар як маводи аниматсионӣ имконпазир аст, ки то дар ҳолати муқаррарӣ аз ҷониби мураббия вақти зиёдро талаф дода нашавад;
- маводи таълимӣ дар шакли ҳаҷман калон намоиш дода мешавад, ки ин ба хастагии чашмони кӯдакон боис намешавад.

4. Принсипи татбиқи самтҳои истифодаи ТИИ дар раванди таълимии муассисаҳои томактабӣ ҷанбаҳои зерини фаъолияти мураббияҳоро, ки дар сохтори мундариҷаи фаъолияти таълим, пешбинӣ менамояд:

-сохтани маводҳои таълимӣ ва бозиҳои дидактикӣ дар асоси бастаҳои таъйиноти умумӣ, инчунин, барномаҳои намоишӣ ва графикаи аниматсионӣ;

-муносибати эҷодӣ ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва бастаҳои графикӣ барои инкишофи нутқи кӯдакон, хотира, диққат, малакаҳои идрок, ташаккулдиҳии тасаввуротҳои аввалини математикӣ;

-эҷоди унсурҳои барномаҳои рушд, ки дар асоси онҳо муносибати байни кӯдак ва компютер, мураббия ва падару модар бо назардошти хусусиятҳои синну солӣ ва инфиродии кӯдакон, ягонагии амалҳо ва талаботи муассисаи томактабӣ, оила ба бунёди онҳо мусоидат мекунад.

5. Риояи шартҳои ҳифзи саломатии кӯдак дар кӯдакистон ва хонадон бояд ҳамоҳанг амалӣ шаванд. Тавсияҳои педагогӣ ва психологӣ ҳангоми истифодаи техникаи компютерӣ дар кӯдакистон зарур мебошад.

6. Таҳқиқоте, ки дар муассисаҳои пойгоҳӣ гузаронида шуданд, сатҳи баланди ҳавасмандиро аз ҷониби мутахассисон ҳангоми истифодабарии ТИИ нишон дод. Иштирокунандагон аз ҳама зиёд истифодаи шабакаи

Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, тахтаи электронӣ ва камераҳои назоратиро аз ҷониби роҳбарият ва мураббиён афзалиятнок шумориданд.

7. Омили дигари диққатҷалбкунанда дар кӯдакистон истифодаи воситаҳои аёнӣ мебошад, зеро кӯдакон 80% миқдори маълумотро ба воситаи узвҳои биноӣ қабул мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз, гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ бо истифодаи тахтаи электронӣ барои кӯдакони синни калони томактабӣ имконияти васеи қабули маводи таълимиро нишон дод.

8. Барои дар амал татбиқ гардидани технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ риояи қоидаҳои санитарӣ, техникаи бехатарӣ, омода намудани дастуру пешниҳодҳои таълимӣ ва методӣ, баланд бардоштани маърифати техникии мураббияҳо ва таъмини муассиисаҳои томактабӣ бо заминаи моддӣ-техникӣ зарур аст.

9. Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ аз ҷониби мураббияҳо дар гурӯҳҳои таълимашон ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ сатҳи қобилиятнокӣ фарқ мекард. Гурӯҳи русӣ дар раванди таҳқиқот нисбатан фаъол ва ҳозирҷавоб буданд. Дар тахтаи электронӣ кор карданро зуд омӯхта мустақилона амал карданро метавонистанд.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ

Компютер ва кулли таҷҳизотҳои электронӣ дар ҳар утоқи кории кормандон, роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои дилхушӣ фаъол мебошанд. Таҳқиқи масъалаи мазкурро ниҳоят муҳим ва саривақтӣ дониста, тадқиқотро дар самти мазкур зарур шуморидем.

Баъд аз коркарди натиҷаҳои тадқиқот мо муайян кардем, ки технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ хусусан, компютер, шабакаи интернет, телефонҳои мобилӣ, бозиҳои компютерӣ ва тахтаҳои электронӣ дар ҳаёти кӯдакону наврасон нақши беандоза бузургро соҳиб шуда истодааст. Усулҳои истифодабарии онҳо гуногун буда, вобаста аз синну сол ва зинаи таҳсилотӣ амалӣ карда мешавад, ки дар рисола мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки кори мазкур дар ҳолате таъсирбахш ва натиҷаовар мегардад, агар:

-қоидаҳои бехатарӣ, санитарӣ ва беҳдоштӣ аз ҷониби мураббияҳо ва кӯдакон риоя карда шаванд;

-реҷаи дурусти истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассиса ба роҳ монда шавад;

-педагогон дар ҳамбастагӣ бо ҳамдигар фаъолият кунанд;

-технологияи фаъолияти бозӣ ва роҳҳои дурусти истифодаи он дар муассисаҳо қисман ба воситаи компютер ба роҳ монда шавад;

-технологияҳои бехатари иттилоотӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо мақсади нигоҳдории саломатии кӯдакон интихоб ва роҳандозӣ шавад;

-усулҳои таълими фардӣ ва тафриқавӣ дар машғулиятҳо амалӣ карда шавад;

-гуногунии воситаҳои самарабахши таълим аз ҷониби педагогон дар муассиса мавриди истифода қарор гирад;

-воситаҳои аёнӣ дар муассиса ба таври зарурӣ ба роҳ монда шуда бошад.

Дар натиҷаи омӯхтану тахмин намудани асосҳои назариявии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ ва роҳу усулҳои татбиқи он дар муассисаҳои томактабӣ мо ба чунин хулоса омадем:

1. Компютерро ҳамчун воситаи коркарди иттилоот ва маводи аёнӣ дар машғулиятҳои таълимӣ истифода кардан самараи хуб медиҳад. Он талаботҳои донистагирӣ ва шавқу рағбати кӯдаконро ба фаъолияти омӯзишӣ афзун мегардонад;
2. Истифода кардани тахтаи электронӣ нишон дод, ки раванди машғулиятҳои таълимӣ рангоранг ва диққатҷалбкунанда мегардад. Инчунин ҳангоми равиши машғулиятҳои таълимӣ аз тахтаи электронӣ самаранок истифода кардан миёни воситаҳои таълимии техникаи компютерӣ аз ҳама безарар барои саломатии кӯдакон ба шумор меравад;
3. Дар муассисаҳои томактабӣ нақши технологияҳои компютерӣ босазо арзишманд арзёбӣ гардид ва исбот карда шуд, ки ҳангоми истифодаи онҳо натиҷанокӣ ва самаранокии таълим баланд бардошта мешавад;
4. Тайёр намудани маводҳои омӯзишӣ дар раванди кори таълиму тарбиявӣ шабакаи Интернет кӯмакрасони муҳим ба шумор меравад. Мураббия бо истифода аз шабакаи Интернет маводҳои таълимии тайёрнамудаи ҳамкасбони худро дастрас карда, дар кору фаъолияти худ истифода мекунад;
5. Самаранокии кори таълиму тарбия бо баҳодиҳии коллективона миёни кормандону роҳбарияти муассисаҳои томактабӣ алоқамандӣ дорад. Ҳангоми муҳокима ва баррасии маводҳои таълиму тарбиявӣ дар наворҳо сабтшуда аз тарафи кормандони соҳибтаҷриба ва собиқадор мутахассисони ҷавон маслиҳатҳои судмандро қабул мекунанд;

6. Натиҷаи назарпурсӣ миёни мутахассисон муайян кард, ки бозиҳои мантиқию омӯзишии компютерӣ дар кӯдакистон натиҷабахш ва муҳим мебошад;
7. Таълиму тарбияи кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифодаи техникаи компютерӣ дар он ҳолат самарабахш ва натиҷаовар мегардад, агар қоидаҳои истифодабарӣ ва роҳу воситаҳои бехатарии он риоя карда шавад;
8. Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ дар ҳолате татбиқи амиқ меёбад, агар аз ҷониби роҳбарияти муассисаҳои томактабӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, давлату Ҳукумати кишвар ва волидон дастгирӣ ёбад.

Барои мувифиқи мақсад истифода кардани техникаи компютерӣ дар кӯдакистон ба амалӣ гардидани талаботи махсус ҷорӣ карда мешавад:

1. Дар машғулиятҳои таълимӣ истифода кардани телевизион, компютерҳои асри гузаштаро истифода кардан мувофиқи мақсад нест.
2. Барои мусоид намудани шароити таълиму тарбия истифодаи утоқи мувофиқ, мизу курсии чӯбин ва фазои барҳаво лозим аст.
3. Талаботи равонӣ ва инкишофи ҷисмонии кӯдакон низ бояд ба инобат гирифта шавад.
4. Равшанӣ ҳангоми тамошо ва кор дар компютер мувофиқ карда шуда, ҳангоми омӯзиш бо тахтаи электронӣ равшании муътадил таъмин карда мешавад.

Хулосаи мазкури дар раванди таҳлили назариявӣ ба даст омада, асос барои гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ дар самти таъсири технологияи компютерӣ ба рушди тафаккури зеҳнӣ ва эҷодӣ ва баландбардории сатҳи сафати таълими кӯдакони синни калони томактабӣ шуда тавонист.

Бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ ва рушди зеҳнию эҷодии онҳо ба мураббиён тавсияҳои методӣ таҳия карда

шудаанд. Барои пурра дарк намудани саҳми технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди кори таълиму тарбия ба мураббиён ва дигар кормандони муассисаҳои томактабӣ лозим аст:

- гуногунрангии истифодаи техникаи компютериро дар кӯдакистон таъмин созанд;
- муҳити иттилоотии кӯдаконро бо назардошти қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ шароит фароҳам оваранд;
- шавқу ҳаваси техникӣ ва маҳорату малакаҳои тафаккури техникиро дар кӯдакон рушд ва инкишоф диҳанд;
- барои пурра аз худ кардани маводи таълимӣ ба кӯдакон шароити мусоид муҳайё созанд;
- мураббияҳо мунтазам фарҳанги истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботии худро такмил доранд.

Барои самаранок ва бехатар истифода кардани воситаҳои аёнии техникӣ иҷро кардани як қатор амалҳо муҳим мебошад:

✓ Муҳим аст мураббия дар машғулиятҳои аввал аз тахтаи электронӣ истифода барад, зеро дар чунин машғулиятҳо кӯдакон ба тахтаи электронӣ фосилаи муайянро ишғол мекунанд;

✓ Бар ивази машғулиятҳои калонҳаҷм мураббиён бояд маҳорату малакаҳои барномаҳои амалии шабакаи Интернет васеъ истифода карданро дошта бошанд (ба мисли барномаҳои ифтитоҳӣ, сомонаҳои омӯзишии кӯдакона, бозиҳои таълимӣ-тарбиявии компютерӣ, манбаъҳои электронии кишварҳои пешрафта маводҳо аз барномаҳои таълимии омӯзишӣ алтернативӣ ва ғайраҳо);

✓ Гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва тарбиявӣ се маротиба дар давоми ҳафта бо истифодаи тахтаи электронӣ ва маводҳои электронии таҳиякарда аз ҷониби мураббия натиҷанокии кори таълиму тарбияро баланд мебардорад;

✓ Аз ҷониби роҳбарияти муассисаҳои томактабӣ дар ҳар як се моҳ маротибае ташкил намудани маҷлису ҷамъомадҳо бо истифодаи рӯнамо

(презентатсия) ва мураббиёи варзидаи муассисаи таълимӣ, боиси ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва беҳтар намудани вазъи таълиму тарбиявӣ дар гурӯҳҳо мешавад;

✓ Ташкили машғулиятҳои васеъ бо иштироки мураббиёни варзидаю собиқадор ва ҷавон ба мубодилаи маҳорату малакаҳои касбӣ, донишҳои техникӣ ва маслиҳатҳои судманди роҳбарияти муассиса мусоидат менамояд.

**ТАВСИЯҲОИ ПЕАГОГӢ**

Тавсияҳо барои педагогон, кормандони муассисаҳои томактабӣ ва мутахассисони оянда оид ба истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ:

1. Ҳангоми ба кор даровардани компютер ва дигар таҷҳизотҳои электронӣ бояд қоидаҳои техникаи бехатарӣ, санитарӣ ва гигиенӣ риоя карда шаванд;

2. Пеш аз гузаронидани машғулиятҳо бо истифода аз тахтаи электронӣ, телевизион, компютер ва дигар намуди техникаи компютерӣ барои муайян намудани сатҳи бинои кӯдакон аз ташхиси табиби кӯдакона гузаронида шаванд.

3. Барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълими кӯдакони синни томактабӣ мустаҳкамсозии заминаи моддӣ ва техникӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ, инчунин дар шароити хонадон низ муҳити мусоид фароҳам овардан суръати азхудкуниро метезонад.

4. Барои тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон ва соҳиби дониши техникӣ буда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (ихтисосҳои марбут ба соҳаи томактабӣ) ҷорӣ намудани таълими усулҳои истифодабарии оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар муассисаҳои томактабӣ аз тарафи мутахассисони соҳибкасб ба роҳ монда шавад.

5. Барои ба талаботи замон мутобиқ намудани сатҳи маҳорату малакаи кормандони муассисаҳои томактабӣ гузаронидани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии махсус муҳим мебошад. Ба масъалаи истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди машғулиятҳо ва берун аз он аз ҷониби ҳайати мураббиён ба таври ҷиддӣ омода нестанд.

6. Аз ҷониби олимони варзидаи педагогӣ ва мутахассисони соҳаи технологияи иттилоотӣ дар ҳамҷоягӣ таҳия ва пешниҳод намудани маводҳои таълимӣ ва методӣ барои мураббиён дар таълим ва тарбияи кӯдакон натиҷабахш мегардад.

7. Барои рушди минбаъдаи таҳсилоти томактабӣ мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникӣ ва таълимӣ-методии муассисаҳои томактабӣ ба технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ бунёди манбаи ягонаи электронии маълумотҳо сохта шавад, ки дар раванди таълим аз онҳо ҳамаи кормандони муассисаҳо истифода бурда тавонанд.

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ:


1. Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего образования: “Учебное пособие для студентов пед. Институтов”, слушателей института повышения преподавателей пед. дисциплин унтов и пед. ин-тов. М [Текст].: Просвещение, 1984. -208 с.
2. Абдуллоев И. Инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ. Дастури методӣ барои мураббиён ва волидон [Матн]. – Душанбе, 2009. 56с.
3. Авганов С. Профессиональная подготовка будущего учителя иностранных языков на основе применения компьютерных технологий для общеобразовательных школ: автореф. дисс. док-ра пед [Матн]. наук. Душанбе, 2010. -48 с.
4. Аветисян П.С. Информатизация образования как информационно-технологическая и социокультурная основа формирования единого образовательного пространства стран СНГ // Вестник РУДН, сер. Инфоматизации образования [Текст]. 2007. №1. С. 21-30.
5. Адольф В.А. Профессиональная компетентность современного учителья: Монография. Красноярск: 1998. -310с.
6. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон//Инкишофи кӯдак (таърихи маориф)//Суроғаи электронӣ:
7. Алиева Л.В. Моделирование научный метод познания современных реалий воспитания /Л.В. Алиева // Современные модели воспитания в условиях диверсификации образовательного пространства: Тезисы участников и программа Летней научной школ. – Тверь, 2005. – 38 с.
8. Алякринский Б.С. Беседы о самовоспитании. Москва.: Знание, 1977. -176с.;20с.
9. Андреев А.А., Меркулов В.П. Современные телекоммуникационные системы в образовании //Педагогическая информатика. -1995. N1. - С. 55-63.

10. Андреев Г.И. Основы научной работы и оформления результатов научной деятельности Текст. / Г. И. Андреев, А. Смирнов, В. Тихомиров. М.: Финансы и статистика, 2003.272 с.
11. Антошин М.К. Учимся работать на компьютере /М.К. Антошин – М.: Айрисс-пресс, 2008. – 114 с.
12. Ануфриева З.Д. Мотивационное управление педагогическим коллективом /З.Д. Ануфриева, Е.Ю. Кобаленова, Т.М. Трошкова // Управление дошкольным образовательным учреждением. – 2009. – №8. – 59 с.
13. Архангельский С.И. Учебный процесс в высшей школе, его основные закономерности и методы. М.: Высшая школа, 1980. -368 с.
14. Ахметова Д. Уникальным может стать каждый //Народное образование. -1995. № 7. - С.52-55
15. Бабанский Ю.К. Оптимизация усебно-воспитательного процесса. Просвещение, 1982. -192с.
16. Бабанский Ю.К. По новому строить процесс образования и воспитания: педагогическая наука реформе школы //Интенсификация учебно-воспитательного процесса в школе. - М.: Просвещение, 1988. - С.37-51.
17. Байденко В.И. Болонский процесс: проблемы, опыт, решения. М. Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2006. 324с.
18. Бардо М.С., Коцик Б.Я., Лишин А.Н. Образовательная программа «Формирование компьютерной грамотности и навыков использования информационных технологий». М.: Валент, 1996. - 54с.
19. Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022. №443. -С.18.
20. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Душанбе, 2019. -80с.

